**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

ТДУ 378:351.74 (091) (575.3)
ТКБ 74.58:67.99 (2) 116.31+63.3 (2 тоҷик)
Т-39

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТАШРИФЗОДА ФОЗИЛ ҚУРБОН**

# ТАЪРИХИ ТАЪСИС ВА РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1991-2024)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ**
**(07. 00. 02. Таърихи ватанӣ)**

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
дотсент Ҳусайнов А.Қ.

Душанбе – 2025

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО** ……………………………………………….3

**МУҚАДДИМА**…………………………………………………………...4

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……………………………………………19**

1.1. Заминаҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………19

1.2. Хусусиятҳои хоси фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………...46

**БОБИ II. ИНКИШОФИ РАВАНДИ ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ КАСБӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ…………………68**

2.1. Омилҳо ва раванди ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ…………68

2.2. Ташкили фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва такмили неруи зеҳнӣ……..99

**БОБИ III. РУШДИ ФАРҲАНГИ КАСБИИ КОРМАНДОН ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ.....................120**

3.1. Ташаккули фарҳанги касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ........................................................120

3.2. Равобити байналмилалӣ дар самти омода намудани мутахассисони мақомоти корҳои дохилӣ…………………………………………………..…137

**ХУЛОСА**……………………………………………………………………156

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ……………………………………………………..165

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ВМБК** – Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ВМ** – Вазорати мудофиа

**ВКД** – Вазорати корҳои дохилӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**КДАМ** – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ

**КИ** – Кумитаи инқилобӣ

**КИМ** – Кумитаи иҷроияи марказӣ

**КМҲК** – Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КОА** – Курсҳои олии академӣ

**КХ** – Комиссариати халқӣ

**КХКД** – Комиссариати халқии корҳои дохилӣ

**МКД** – Мақомоти корҳои дохилӣ

**МТМКД** –Муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ

**РК ва КҲШ** – Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ

**РКД –** Раёсати қушӯнҳои дохилӣ

**СХДО** – Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ

**ШВКД** – Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

**ҲКИШ** – Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ

**ҲКТ** – Ҳизби коммунистии Тоҷикистон

**ФОҶ** – Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии

**ҶМЧ –** Ҷумҳурии Мардумии Чин

**ШКХ** – Шурои комиссарони халқӣ

**ҶШК** – Ҷомеаи шаҳрвандии касбӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Зимни ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои рушди соҳаи маориф ва илм марҳалаи нисбатан нав оғоз гардид. Хусусияти асосии ин марҳала дар он буд, ки тамоми санадҳои муҳимми раванди ташкили таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ аз нав таҷдид карда шуданд. Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 масъалаи мактабу маорифро дар мадди аввал гузошта, давра ба давра онро самти муҳимми сиёсати давлатӣ арзёбӣ намуданд. Ин имконият дод, ки тамоми муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос диққати хос дода, барои пешбурди корҳои таълиму тарбиявӣ санадҳои дохилиидоравиро ба низоми ягонаи давлатии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонанд. Ин раванд дорои мушкилиҳои назариявӣ ва амалӣ буд, ки мутаассифона, то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ саҳми милитсияи тоҷик дар барқарор кардани ҳукумати конститутсионӣ, пойдорӣ ва устувории сохти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ назаррас аст. Дар ин замина Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи омода намудани мутахассисони касбии МКД-ро дар мадди аввал гузошта, масъалаи тайёр намудани кадрҳои миллиро самти афзалиятноки фаъолияти кории худ қарор медиҳад. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ин самт ҳанӯз таҳқиқоти густурда ва алоҳидаи илмӣ анҷом дода нашудааст.

Хусусияти хоси омӯзиши таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки мавзуъ дар таъмини амният, сулҳу субот, пойдории Ваҳдат ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нақши муҳим мебозад.

Масъалаи омодасозии кадрҳо барои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла низоми МКД рӯзмарра ва мубрам буда, барои инкишофи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими ягонагӣ ва суботи кишвар мусоидат менамояд. Таҳкими фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ робитаи зич дорад. Раванди такмили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ хусусиятҳои хос дошта, аз дараҷаи ташкили омодасозии кадрҳо вобастагӣ дорад. Мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи ташаккул, навсозӣ ва гузаронидани ислоҳот вобаста ба талаботи муосир ва стандартҳои байналмилалӣ қарор дорад. Дар ҳамоҳангсозӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва САҲА Стратегияи ислоҳоти милитсия то давраи соли 2025 қабул гардида, амалӣ шуда истодааст. Ҳадафи қабул ва татбиқи ин барномаи давлатӣ, пеш аз ҳама баланд бардоштани дараҷаи касбияти кормандони МКД мебошад, ки он қабл аз ҳама, ба фаъолияти муассисаҳои таълимии ВКД ва раванди тайёр намудани кадрҳо мутобиқ ба талаботи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст. Талаботи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба боло бурдани савияи касбӣ ва такмили сатҳи ихтисоси кормандони МКД нигаронида шудааст. Дар ҳамин асос, нақшаҳои таълимии муассисаҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши вазири корҳои дохилӣ ва Вазорати маориф ва илм мувофиқа ва тасдиқ гардиданд. Аз ҷумла, дар яке аз муассисаҳои калони таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисон барои тамоми соҳаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ омода мешаванд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, дар заминаи Мактаби миёнаи махсуси милитсияи ВКД таъсис додани Мактаби олии ВКД, Академияи ВКД, инчунин Коллеҷи милитсия ва Коллеҷи техникӣ-оташнишонӣ, ки дар омоданамоии кадрҳои милитсияи тоҷик саҳми назаррас доранд, мубрамияти мавзуъро боз ҳам тақвият мебахшанд.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ бо дастури Пешвои миллат ба масъалаи омодасозии кадрҳои баландихтисос ва рушди соҳаи илму маорифи кишвар як қатор навгониҳои муҳим ба вуқуъ пайваст. Сарвари давлат дар Паёми худ аз 28-уми декабри соли 2024 зикр намуданд: «Имрӯз дар соҳаи маорифи мамлакат ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд» [2].

Мавриди зикр аст, ки сохтори мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар марҳалаи гузариш ва ислоҳоти соҳавӣ қарор дорад. «Дар санадҳои муҳимми ислоҳот, азнавсозии милитсия ва табдили он ба политсия аллакай тадбирҳо оид ба омӯзиш, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гашта истодаанд, ки низоми таҳсил дар муассисаҳои таълимии ВКД такмил дода шуда, ба омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони милитсия диққати махсус дода шавад» [22, с.10]. Ин раванд имконият фароҳам меорад, ки дараҷа ва сифати омодасозии кадрҳо комилан тағйир дода шуда, ба низоми ягонаи таълим ворид гардад. Тараққиёти бо суръати илму техника дар назди МКД вазифа ва талаботҳои навро дар чаҳорчӯбаи «қонуният-инсон-технологияи муосир» пеш мегузорад. Дар ин асос Вазоратҳои дахлдор дар асоси талаботҳои замони муосир ва стандартҳои байналмилалӣ ба масъалаи омодасозии кадрҳо ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муҳим ва саривақтӣ меандешанд.

Аз ин рӯ, мавзуи мазкур мубрам буда, омӯзиш ва баррасии масоили таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят мубрам мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таърихнигории тоҷик то ҳол омӯзиши таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти

корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Танҳо доир ба паҳлуҳои алоҳидаи таърихи таъсис ва ташаккули милитсияи тоҷик китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои зиёди илмӣ, публитсистӣ ва рисолаҳои илмӣ таълиф гардидаанд, ки паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти ВКД Тоҷикистонро фаро мегиранд. Дар заминаи ин, осори чопшударо метавон чунин гурӯҳбандӣ кард: 1) асарҳо, суханрониҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар; 2) китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин, мақолаҳои дар матбуоти даврӣ батабърасида; 3) диссертатсияҳо ва авторефератҳо.

Бояд қайд намуд, ки масоили асосии омода намудани мутахассисони касбии милитсия, пеш аз ҳама, дар китоб, мақола, суханрониҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар инъикос ёфтаанд, ки мо онҳоро ба **гурӯҳи якум** дохил намудем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китоби худ «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» [5] зарурати таъсиси як қатор муассисаҳои олии ҳифзи ҳуқуқи кишвар, аз ҷумла Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Донишкадаи сарҳадиро таъкид намудаанд. Эмомалӣ Раҳмон дар китоби дигари арзишманди худ «Уфуқҳои Истиқлол» [10] масоили марҳалаҳои эҳёи давлати миллӣ ва таҳкими он, рушди босуботи иқтисодии кишвар, дастовардҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, забони давлатӣ, идораи давлатии солҳои Истиқлол, таъмини амният ва Ваҳдати миллӣ, сиёсати хориҷӣ ва ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар ҷаҳони муосир баррасӣ намудааст. Инчунин, Пешвои миллат дар суханрониҳо ва Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саҳми арзишманд доштани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар

барқарорсозии сохти конститутсионӣ, суботу оромии кишвар, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятиро борҳо таъкид намудаанд. Дар суханрониҳои худ, махсусан ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик [5, с.342-348; 6, с.367-375; 7, с.457-467; 8, с.450-459] ба таъсиси муассисаҳои таълимии ВКД, таъмини онҳо ба таҷҳизоту шароити ҳозиразамон, омодасозии кадрҳои баландихтисоси миллӣ диққати бештар дода шудааст.

Ба **гурӯҳи дуюм** китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ҳамчунин, мақолаҳои дар матбуоти даврӣ батабърасида, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни таърихи ташаккули ВКД Тоҷикистон дар даврони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ инъикос ёфтааст, дохил мешаванд. Аз қабили Р.Ҳ. Раҳимзода [90; 92; 95], А.Ш. Розиқзода [102; 106; 107; 147; 148; 149], Н.Ҷ. Назарзода [78; 143; 144; 145; 164], З.Ҷ. Маҷидзода [72], Ҷ.М. Зоиров [59; 60], А.А. Қаҳҳоров [160], Ф.Р. Шарифзода [154], М.Н. Назаршоев [80], И.Х. Бониёзов [80], К.Ҳ. Солиев [112; 152; 153], Р.М. Раҷабзода [89; 101], А. Имомёрбеков [62; 138; 139], Э.Б. Буризода [46; 47], Н.Б. Ҳотамов [123], Ф.М. Қосимов [40; 57; 67; 134], А.Ш. Давлатшозода [53; 136; 137], У. Азимӣ [32; 33; 131; 132; 156], Ш.С. Саймуддинов, А.М. Абдулов [30], Ш.Ҳ. Ҳайдарзода [122], Х.Х. Хушвахтзода [124], Н. Зарифов [58], С.З. Латифзода [69], Ф.М. Абдурашитов [31] ва дигарон. Қисми зиёди ин таҳқиқот мазмуни ҳуқуқӣ ва педагогӣ дошта, ба ҷанбаҳои таҳлилию таърихии масъалаи мазкур кам дахл намуданд. Масоили таърихии ин мавзуъ дар асарҳои А.Ш. Розиқзода, А. Имомёрбеков ва Н.Ҷ. Назарзода, ки онҳо ба масъалаҳои таърих ва ташаккули мақомоти корҳои дохилӣ дар марҳилаҳои тошуравӣ, шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии кишвар бахшида шудаанд, баён шудаанд.

А.Ш. Розиқзода [104] дар монографияи худ масоили ташаккули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар давраи пеш аз барпо шудани Ҳукумати Шуравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, инчунин ташкил ва рушди

милитсияи Тоҷикистонро то солҳои 1929 таҳқиқ намудааст. Инчунин, муаллиф якчанд паҳлуҳои равандҳои сиёсиеро, ки дар ҷумҳурии мо дар охири асри XIX ва аввали асри XX ба вуқуъ пайвастаанд, баррасӣ кардааст.

Ш.Ҳ Ҳайдарзода [122] дар китоби худ ба таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва ташкили раванди таълим барои ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии курсантҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус додааст.

Умеда Акбар Азимӣ [156] дар монографияи худ фаъолияти давлатӣ дар соҳаи таъмини кадрҳо, хусусиятҳои кадрӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии онро барои мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ тавсиф намудааст.

Носир Назаров [79] дар монографияи худ масъалаҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ҳуқуқиро дар бораи асосҳои таъсис ва рушди милитсияи тоҷик дар солҳои 1917-1945 таҳқиқ намудааст. Монография асосҳои ташкили милитсияи тоҷикро дар Тоҷикистони шимолӣ, ҷанубӣ ва Помир то соли 1924, дар давраи таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то фаъолияти милитсияи тоҷик дар солҳои ҶБВ дар бар мегирад.

Дар монографияи Р.Ҳ. Раҳимзода [91] диққати асосӣ ба ҳалли масоили амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Муаллиф нақши калидӣ доштани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳокимияти давлатӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ, инчунин мубориза ба муқобили ҷинояткории иқтисодиро баррасӣ намудааст.

Монографияи Р.М Раҷабзода фарогири масоили фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки асосҳои илмӣ-методологӣ, мафҳуми фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин шуури ҳуқуқии касбӣ, омилҳои таъсиргузор ба фарҳанги ҳуқуқиро таҳлилу баррасӣ намояд.

Ба **гурӯҳи сеюм** диссертатсия ва авторефератҳо, ки муаллифонашон дар соҳаҳои гуногуни илм, махсусан, таърих, ҳуқуқ ва сиёсат дифоъ шудаанд, дохил мешаванд, ки масоили гуногуни таълиму тарбия, таърихи ташаккули ВКД Тоҷикистонро фаро мегиранд. Ба ин гурӯҳ рисолаҳои А. Ш. Розиқзода [168], Ф.Р. Шарифзода [170; 171], А. Имомёрбеков [159], А.Қ. Ҳусайнов [169], У.А Азимӣ [156], Н.Ҷ. Назарзода [164], А.Ш. Давлатшоева [157] ва дигаронро шомил кардан мумкин аст.

Масъалаи таъмини кадрии мақомоти корҳои дохилӣ, асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии инкишофи таърихӣ, сатҳи инкишофи базаи меъёрӣ-ҳуқуқиро дар сатҳи диссертатсионӣ ва монографӣ У. А. Азимӣ баррасӣ намудааст. Инчунин, масоили хусусиятҳои омода намудани кадрҳои касбӣ дар низоми мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистони соҳибистиқлолро А. Ш. Давлатшоева таҳқиқ намудааст. А Имомёрбеков масъалаи таърихи ташаккул ва рушди мақомоти милитсияро дар Помир ва Н. Ҷ. Назаров. асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии ташаккул ва рушди милитсияи тоҷикро дар давраҳои муайян таҳқиқ намудаанд.

Ҳамзамон, дар омода намудани диссертатсия, маводи сомонаҳои интернетӣ, аз ҷумла, сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ Ховар, ВКД ва саҳифаҳои электронии дигар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ васеъ истифода шудаанд.

Таҳқиқоти ин муаллифон бештар моҳияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба масъалаи ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон кам аҳаммият додаанд. Дар ин робита, муаллиф дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ кӯшиш намудааст, ки маҳз ба масъалаи рушду такоммули муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи солҳои 1991-2024 таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд, зеро баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ на танҳо муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд, балки рушду нумуъ намуда, дар омодасозии кадрҳои миллии мақомоти корҳои дохилӣ саҳми арзанда дар таҳкими сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, амнияту

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо шаклҳои гуногуни ҷинояткорӣ гузоштаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи панҷсолаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ барои солҳои 2021-2025 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи асосии таҳқиқот инъикоси раванди таъсис ва ташаккули муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ (1991-2024) мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба мақсади мазкур диссертант иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

– омӯзиши таърихи пайдоиш ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ;

– асосноксозӣ ва даврабандии таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ;

– коркард ва таҳлили муқоисавии афзалияти муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибихтиёрӣ;

– ошкор сохтани муҳимтарин хусусиятҳои хоси таълиму тарбия бо назардошти махсусияти фаъолияти мақомоти милитсияи тоҷик дар марҳилаи ислоҳот ва азнавсозӣ;

– таҳлили стандартҳои байналмилалӣ ва кишварҳои пешрафта ва мутобиқгардонии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо;

– омӯзиши омилҳо ва унсурҳои ташаккули худшиносии миллӣ, тарбия дар руҳияи садоқат ба Савганд, Президент ва арзишҳои миллӣ;

– таҳлили раванди тайёр намудани кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи замон ва кафили пойдории истиқлолият ва ваҳдати миллӣ.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқот таҳқиқ ва инъикоси марҳилаҳои таърихии бунёд ва инкишофи муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқ** таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Масоили омодасозии кадрҳо ва ба талаботи замон мутобиқ гардонидани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии онҳо муҳим буда, дорои хусусиятҳои таърихӣ ва педагогӣ-психологӣ мебошад. Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми предмети таҳқиқот-ин таҳлил ва ба низоми илмӣ даровардани сарчашмаҳои таърихӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дигар маводи матбуоти даврӣ, ки хусусиятҳои хоси омодасозии кадрҳоро дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ инъикос менамоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқ.** Марҳилаи таҳқиқ солҳои 2021-2024, яъне давраи таҳсил дар зинаи унвонҷӯйиро дар бар гирифта, он аз интихоби мавзуи диссертатсия, роҳбари илмӣ, таҳияи нақшаи корӣ, ҷамъоварии мавод ва омӯхтани он, навиштани диссертатсия, мақолаҳои илмӣ ва иштирок дар конференсияҳоро фаро мегирад.

**Макони таҳқиқ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба иҷро расонида шудааст.

**Давраи таҳқиқ** замони Истиқлол (солҳои 1991-2024)-ро фаро мегирад.

**Ҳудуди ҷуғрофии таҳқиқро** қаламрави Тоҷикистон дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқро** асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертант дар навиштани рисола принсипи таърихият (историзм)-ро риоя карда, аз усулҳои маъмули илми таърих, аз қабили айният, таҳлилӣ-муқоисавӣ, бетарафӣ, таърихӣ-

муқоисавӣ, татбиқӣ, усули проблемавӣ-хронологӣ ва ғайра истифода кардааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқ.** Ба сифати пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот маводи бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, суханрониҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳисоботҳои солонаи муассисаҳои таълимии ВКД, қарору қонунҳо, барномаҳои таълимӣ, асарҳои ёддоштӣ-тарҷумаиҳолӣ ва дигар асару мақолаҳои марбут ба таърихи муассисаҳои таълимии ВКД, инчунин, маводи матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ дохил мешаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгонии илмии кор аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар таърихнигории ватанӣ бори нахуст таърихи раванди таъсис ва ташаккули муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ (1991-2024) таҳқиқ гардидааст. Ҳамин тавр, масъалаҳои зерин ба ҳайси навгонии илмии таҳқиқ муайян гардидаанд:

- бори аввал масъалаи таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС ва даврони Истиқлолияти давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт;

- раванди таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ даврабандӣ гардид;

- бар асоси таҳлили муқоисавӣ афзалияти фаъолияти муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба замони шуравӣ нишон дода шуд;

- омилҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти касбӣ дар низоми МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои ислоҳоти милитсия то соли 2024 муайян гардид;

- бар асоси таҳлили меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ ва кишварҳои пешрафта вижагиҳои мутобиқгардонии раванди таълиму

тарбия дар муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуд;

- аҳаммияти муассисаҳои таълимии ВКД дар баланд бардоштани ташаккули худшиносӣ, ифтихорӣ миллӣ ва ватандӯстии кормандони ВКД инъикос гардидааст;

- нақши муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омода намудани кадрҳои касбии МКД мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои таърихии пайдоиш ва инкишофи муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки шароит ва имкониятҳои таърихии рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардад. Ин имконият медиҳад, ки минбаъд дараҷа ва сифати омодасозии кадрҳо барои МКД боз ҳам баландтар бардошта шавад.

2. Дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки инъикоси мавзуъ барои инкишофи илми таърихи ватанӣ, самаранок гардонидани идоракунии МКД, пешрафти илму маориф мусоидат менамояд.

3. Дар заминаи таҳқиқи мавзуъ таҳлили муқоисавии тайёр кардани кадрҳо барои ВКД нисбат ба давраи то соҳибихтиёрӣ гузаронида шуда, афзалияти он дар замони Истиқлолияти давлатӣ инъикос гардидааст.

4. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таълиму тарбияи кадрҳои баландихтисоси МКД муайян гардида, дар асоси ҳидоятҳои Пешвои миллат, қарорҳои ҳукумат, низомнома ва дастурамалҳо дар татбиқи сиёсати давлатии омодасозии кадрҳо ба системаи муайяни илмӣ-таърихӣ ворид гардиданд.

5. То давраи Истиқлолият дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ягон муассисаи таҳсилоти олии ВКД мавҷуд набуд. Танҳо мактаби миёнаи махсуси Душанбегии ВКД ИҶШС (бо таҳсили дусола) ва филиали Мактаби олии Тошкандии ВКД ИҶШС (таҳсили ғоибона) фаъолият менамуд. Бо эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар заминаи мактаби миёнаи махсуси Душанбегии ВКД ИҶШС ва филиали мактаби олии Тошкандии ВКД ИҶШС бо қарори Кабинети вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Мактаби Олӣ ва баъдан бо қарори Ҳукумат ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

6. Муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омодасозии касбӣ хусусиятҳои ба худ хосро касб намуда, дар таҳқиқот раванди пешбурди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси фармоиш, низомнома, оинномаҳои ВКД дар муассисаҳои алоҳидаи таълимӣ инъикос гардидааст.

7. Дар таҳқиқоти илмӣ нақши кормандони илмӣ-педагогии муассисаҳои таълимии ВКД инъикос ёфта, ҷойгоҳ ва мавқеи он вобаста ба талаботҳои замон баррасӣ гардидааст.

8. Яке аз самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои мақомотҳои корҳои дохилии кишварҳои хориҷӣ буда, раванди таърихии барқарорсозӣ ва ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо муассисаҳои таълимии дохил ва хориҷи кишвар таҳлилу баррасӣ гардидааст.

9. Яке аз масъалаҳои муҳим ва арзишманди таҳқиқ, омода намудани мутахассисони педагогӣ дар дохил ва хориҷи кишвар барои муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар рисолаи илмӣ, ин рукни муҳимми фаъолият таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Чунин тадбирҳо имкон доданд, ки аввалин кадрҳои миллӣ барои МКД бо гирифтани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ, муҳандисӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор бо рутбаи лейтенанти милитсия омода карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқотӣ аз масъалагузориҳои мубрами имкониятҳои пешниҳоди мулоҳизаҳои муаллиф нисбат ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар бахши инкишофи маориф ва илми ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ, инчунин такмил ва таҳқиқи объективонаи таърихи МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Таҳқиқот аз лиҳози назариявӣ душвориҳо ва нопуррагии таърихи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз байн бурда, ҳамчун тадқиқоти маҷмуавӣ (комплексӣ) дар ин самт бори аввал дар таърихнигории миллӣ пешниҳод мегардад.

Ҷиҳати дигари назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки рисола ва маводи он ҳамчун манбаи омӯзиши назариявии ду фанни таълимӣ «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон» хизмат намуда, донишҳои назариявиро дар ин самт васеъ мегардонад. Таҳқиқоти мазкур боиси ғанӣ гардидани донишҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ дар низоми идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, боиси пешрафту такмили МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ислоҳот ва навсозӣ мегардад. Дар рисолаи мазкур бори аввал афкори олимони тоҷик ҷамъоварӣ шудааст, ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқотиро қавӣ мегардонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии низоми ВКД ба таври васеъ истифода мегарданд. Маводи диссертатсия ҳамчунин, дар омӯзиши фанҳои таърихи халқи тоҷик (давраи Истиқлолият), таърихи милитсияи тоҷик, таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳамчунин дар машғулиятҳои факултативӣ бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқшиносӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд.

Ҳамзамон, вобаста ба муҳтавои мавзуи рисолаи илмӣ фанҳои махсуси таълимӣ дар низоми муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ гардида, аз ҷониби роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии

Тоҷикистон доир ба мавзуъ чанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва семинарҳои сайёр бо ҷалби созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, САҲА гузаронида шуда, маводи таълимӣ ва тарғиботӣ ба нашр расиданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаи рисолаи диссертатсионӣ ба таҳлил ва пажуҳиши назариявӣ нисбат ба таърихи муассисаҳои таълимии ВКД бахшида шуда, масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, таҳлили натиҷа, хулосабарориҳо, истифодаи мафҳумҳо, хронология, назарияҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф ба таҳлили раванди таърихии ташкилшавӣ ва ташаккули муассисаҳои таълимии ВКД дар марҳилаҳои таърихии муайян, аз ҷумла, Истиқлолияти давлатӣ асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих пешниҳод шудааст, ба талаботҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.02-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ-ин натиҷаи фаъолияти чандинсолаи муаллиф дар асоси таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои таърихӣ, маводи илмӣ-таълимӣ, бойгонӣ, нашриёти даврӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлилу баррасии масъалаҳо мақсад ва вазифаҳои гузоштаашударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо саҳми шахсии худро гузоштааст. Муаллиф дар такя ба осори илмии таърихии давраҳои гуногун, аз ҷумла, Истиқлолияти давлатӣ андешаҳои хешро нисбат ба омодасозии кадрҳо дар низоми МКД баён намуда, хулосабарорӣ намудааст, ки масъалаи мазкур аз даврони шуравӣ комилан фарқ намуда, дар замони

Истиқлолият пешравиҳои назаррас ба вуҷуд омада, муассисаҳои таълимӣ рушд ва такмил ёфтанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст (протоколи № 11, 26.06.2025 с.). Муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-назариявии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба сифати маъруза пешниҳод шудаанд.

**Интишорот оид ба мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар аз рӯйи мавзуъ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии дохилиакадемиявӣ, сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо маърузаҳои илмӣ баромад намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Рисола дар ҳаҷми 184 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шуда, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (172 номгӯй) иборат мебошад. Мундариҷа ва сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқат менамояд.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Замина ва марҳилаҳои асосии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба даст овардани соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси пайдоиши доираи васеи дурнамоҳои нав дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро ҳамчун соҳаи калидӣ ҳисобида, дар сиёсати давлатӣ онро самти афзалиятнок номидаанд. Соҳаи мазкур самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, дар рушду нумуи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир дорад. Хусусан, омода намудани кадрҳо барои сохторҳои ВКД самти муҳимми фаъолияти мақомоти корҳои дохилии кишвар маҳсуб меёбад. Дар ин замина, Роҳбари давлат дар суханрониҳои худ бо кормандони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: «Ман аз ҳар кадоми шумо миннатдорам, ки бо дарки масъулияти баланд, ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстиву садоқат, вазифаву уҳдадориҳои худро дар назди давлат ва халқи худ адо менамоед. Зеро милитсия ҳомии назму тартиботи ҷамъиятӣ, муҳофизатгари боэътимоди халқ ва давлати Тоҷикистон мебошад. Милитсия посдори суботу оромӣ ва кафили осудагиву хотирҷамъии мардум мебошад» [5, с.348].

Бояд тазаккур дод, ки раванди тайёр намудани кадрҳо барои ниҳодҳои ВКД маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ дар шароитҳои хос ташаккул ёфтааст. Дар ин давра дар Тоҷикистон муассисаҳои таълимии ВКД, аз ҷумла Мактаби Олии милитсия, ки баъдан ба Академияи ВКД табдил дода шуд, коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, коллеҷи техникӣ-оташнишонии ВКД ва маркази таълимии ВКД таъсис дода шуданд, ки дар омода кардани кадрҳои соҳаи ВКД саҳми назаррас доранд.

То Истиқлолияти давлатӣ муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тобеияти ВКД ИҶШС буданд. Солҳои 30-юми асри XX дар назди ВКД ҶШС Тоҷикистон курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр намудани кадрҳои милитсия таъсис ёфтанд, ки дар онҳо мутахассисон аз дигар шаҳрҳои ИҶШС усулҳои пешрафтаи фаъолияти милитсияро ба кормандони МКД меомӯхтанд. Давомнокии ин курсҳо то шаш моҳро дар бар гирифта, дар шаҳри Сталинобод (ш. Душанбе) ва дигар шаҳрҳои ИҶШС гузаронида мешуданд. Барои фаъолият дар мақомоти милитсия дар он солҳо шаҳрвандони касбу кори гуногун ва шахсони саводи ибтидоидошта низ қабул мешуданд. Инро зарурияти замона ва пурзур кардани мубориза алайҳи ҷинояткорӣ тақозо мекард. Бо вуҷуди ин, ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши кормандони милитсия тадбирҳои зарурӣ андешида мешуд.

Бояд қайд кард, ки пайдоиши таҳсилоти касбии милитсия дар ин минтақа ба соли 1930 рост меояд, вақте ки аввалин мактаби дусолаи омӯзишии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Сталинобод (ҳоло Душанбе) кушода шуд. Аз миёнаҳои солҳои 1940 то солҳои 1970, ин мактаб дар бинои Раёсати муассисаҳои ислоҳии Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон ҷойгир буд.

Дар солҳои аввали фаъолияти Комиссариати халқии корҳои дохилӣ тадқиқотҳои илмӣ гузаронида намешуд. Дар madди аввал диққати асосӣ ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дода мешуд. Агар ба сохтори муассисаҳои таълимии ибтидоии милитсия назар афканем, онҳо дар асоси қарорҳои муштараки Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти ИҶШС ва Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон таъсис ёфта буданд.

Профессор А. Ш. Розиқзода менависад, ки: «18-уми декабри соли 1924 ҳайати шахсии Комиссариати халқии корҳои дохилӣ омодагиро барои рафтан ба пойтахти Тоҷикистон дида баромад. Аз 1-уми январ то 1-уми феврали ҳамон сол ҳайати шахсии таъингардида дар роҳ буд ва

танҳо 5-уми феврал дар асоси Қарори Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, Комиссариати халқии корҳои дохилӣ дар шакли шуъбаҳои милитсия, кофтукови ҷиноӣ ва идоракунии корҳо ба фаъолият шуруъ намуданд» [102, с.54]. Ҳамзамон, ӯ қайд кардааст, ки ҳайати шахсии таъиншуда аз 33 корманд иборат буданд, ки дар байни онҳо танҳо 3 нафарашон мутахассис, боқимонда 12 нафар кормандони масъул ва 18 нафари дигарро кормандони самти техникӣ ташкил медоданд. Аз ин бармеояд, ки масъалаи бо мутахассисони соҳибмаълумот таъмин намудани кормандони КХКД масъалаи мубрам будааст. Аз лиҳози таркиби этникӣ танҳо 5 нафари кормандон тоҷикон буданд.

Таҳқиқи масоили мазкур хусусиятҳои хоси заминаҳои ташкилёбии муассисаҳои таълимии Комиссариати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор намуд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр намудани кормандони милитсия дар ш. Сталинобод;

2. Ҷалби кормандони собиқадори Комиссариати халқии корҳои дохилӣ ба курсҳои кӯтоҳмуддати омода намудани кадрҳои милитсия;

3. Ҷалби мутахассисони самтҳои гуногун вобаста ба ароқу аслиҳа, тафтишот ва кофтукови ҷиноятӣ барои курсҳои мазкур;

4. Аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ интихоб ва ба курсҳо ҷалб намудани шахсони боваринок ва ҷисману руҳан солим.

Таҳлили марҳилаи ибтидоии таъсисёбии муассисаҳои таълимии Комиссариати халқии корҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки танҳо як муассисаи таълимӣ-мактаби дусолаи КХКД ҶШС Тоҷикистон дар ш. Сталинобод фаъолият менамуд.

Боиси тазаккур аст, ки дар ин давра барои барқарор сохтани сохти шуравӣ ҳаракати босмачигарӣ ба он муқовимат менамуд. Бинобар ин, санаи 27-уми январи соли 1925 Бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби Умумииттифоқии болшевикон қарор дар бораи мубориза ба муқобили

босмачигарӣ дар Бухорои Шарқиро қабул намуд. Ҳамин гуна қарор дар Бюрои Осиёимарказии Кумитаи марказии Ҳизби Умумииттифоқии болшевикон барои таъсиси дастаҳои мубориза бар зидди босмачигарӣ ба тасвиб расид, ки фаъолияти онҳо аз ш. Тошкент идора шуда, фармондеҳи он С.М. Будёний таъйин шуда буд.

Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ намояндагони миллатҳои дигар дар ҳайати сохторҳои милитсия ва артиш зиёд набуда, 85% ҳайати онҳоро русҳо, боқимондаашонро миллатҳои дигар ташкил медоданд. Ин таносуб дар солҳои 1930 тағйир ёфта, 31% ғайрирусҳо ба артиш шомил шуданд. Кори милитсия дар ин давра асосан ба мубориза бар зидди ҳаракати босмачигарӣ ва ҳифзи сарҳади давлатӣ равона шуда буд. Дар ташкили кори ҳизбӣ саҳми роҳбарони давлатӣ, аз қабили Нусратулло М, Шириншо Ш, Ч. Путовский, А. Ёрмухамедов, А. Ҳоҷибоев назаррас буд, аз ҷумла, А. Ёрмуҳаммедов аввалин Комиссари халқии корҳои дохилии ҶМШС Тоҷикистон буда, бар зидди ҳаракатҳои босмачигарӣ мубориза бурда, бо 3 ордени «Байрақи сурх» мушарраф гардидааст.

Дар омода кардани кадрҳо барои МКД кормандони зерини ҳарбӣ ва давлатӣ нақши калон бозиданд, ки Нусратулло Махсум (Лутфуллоев Нусратулло) (1881-1937) аз қабили онҳоянд. Нусратулло Махсум ходими ҳизбӣ ва давлатии Тоҷикистон дар барқарорсозии Ҳокимияти шуравӣ дар ҳайати Кумитаи инқилобӣ саҳм гузошта буд. Ӯ ба ҳайси Раиси Комиссияи фавқулодаи диктатории Бухорои Шарқӣ, Раиси КИМ-и Бухорои Шарқӣ, Раиси Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон (1924-26), Раиси КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон, Раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон (1929-1933) кору фаъолият карда, соли 1934 барои таҳсил ба Москва фиристонида шуд. Соли 1937 таъқиб гардида, ба қатл расонида шуд. Соли 1964 бо қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон сафед гардид. Соли 2006 бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд. Ходими дигари давлатӣ, ки дар омодасозии кадрҳо саҳми арзанда дошт, Имомов Чинор Искандарович

буд. Вай якчанд вазифаҳои масъул, аз қабили Котиби Бюрои ҳизбии ҶМШ Тоҷикистон, котиби масъули Бюрои ташкилии ҲК (б) Узбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон, солҳои 1930-1935 комиссари халқии маориф, комиссари халқии тандурустӣ, комиссари халқии адлияи ҶШС Тоҷикистон, солҳои 1936-1937 роҳбари дастгоҳи Шурои комиссарони халқии ҶШС Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Соли 1937 ба мисли дигар ходимони давлатӣ таъқиб гардида, соли 1939 ба қатл расонида шуда, танҳо соли 1956 сафед карда шуд.

Хусусияти дигари интихоб, тарбия, омӯзиши кадрҳои милитсия тавассути ҳам сохтори кадрии КХКД ва ҳамчунин, Раёсати давлатии сиёсӣ амалӣ мешуд. Аввалин роҳбари Раёсати давлатии сиёсии Тоҷикистон Путовский Чеслав Антонович буд, ки ба шуъбаи махсус роҳбарӣ мекард. Вай дар муҳорибаи зидди босмачиён моҳи марти соли 1925 ҳалок гардид.

Роҳбари дигари ҷумҳурӣ Ҳоҷибоев Абдураҳим Ҳоҷибоевич (1900-1938) ходими давлатӣ ва ҳизбии Тоҷикистон, солҳои 1925-1928 комиссари халқии заминдории ҶШС Узбекистон солҳои 1929-1933 раиси Қомиссариати халқии ҶШС Тоҷикистон, 1934-1937 шунавандаи Институти иқтисодӣ-профессураи Сурхи шаҳри Москва буда, соли 1937 ба таъқиб гирифтор шуда, соли 1938 ба қатл расид ва соли 1957 сафед гардид.

Олими тоҷик А. Ш. Розиқзода менависад: «Аз рӯйи маълумоти Сарраёсати милитсия интихоб ва таъйини кадрҳо ба воҳидҳои милитсия аз ҷониби Кумитаи инқилобӣ ва Кумитаи Иҷроияи Марказӣ гузаронида мешуд, ки ба талаботи милитсия ҷавобгӯ набуд, чунки ба кор шахсоне қабул мешуданд, ки босавод набуданд ва ё кори ҳарбиро намедонистанд» [104, с.202].

Вазифа ва сохтори милитсия, чӣ тавре маълум мегардад, аз рӯйи дархости Кумитаи инқилобӣ ва Шуроҳо амалӣ гашта, санадҳои танзимкунандаи ҳуқуқии ягона вуҷуд надошт, кормандон намерасиданд,

ҳамчунин ярoқ, сарулибос намерасид ва дастурамали ташкили кори милитсия мавҷуд набуд. Ба милитсия дар асоси ихтиёрӣ ё кироя кормандон аз оилаҳои деҳқонон ва меҳнаткашон ба кор қабул мешуданд. Дар ҶХШ Бухоро ба милитсия аз рӯйи тавсияи сокинони маҳалҳо ва деҳаҳо ба кор гирифта мешуданд. Бо қарори Шурои нозироти ҶХШС Бухоро 11-уми ноябри соли 1920 тартиби таъйиноти милитсионерҳо қабул гардид, ки дар он низоми овоздиҳии кушод барои интихоби номзадҳо гузаронида мешуд.

Сарраёсати милитсия дар ин солҳо сохтори зерин дошт:

1. раёсати коргузорӣ;

2. шуъбаи нозиротӣ-дастурдиҳӣ;

3. шуъбаи таъминотӣ;

4. дастаи оташнишонӣ.

Мутобиқи фармони сардори Сарраёсати идораи милитсияи ҶХШ Бухоро аз 24-уми декабри соли 1921, таҳти №121, бо мақсади мубориза бар зидди ҷинояткорӣ шуъбаи марказии кофтукови ҷиноятӣ таъсис дода шуд.

Мақомоти милитсия дар ин давра ҳамчун милитсияи коргару деҳқон машҳур буд. Қаблан, моҳи апрели соли 1919 декрет «Дар бораи милитсияи коргару деҳқони шуравӣ» ба тасвиб расида буд. Дар асоси ин декрет 10-уми июни соли1920 «Низомномаи милитсияи коргару деҳқон» қабул гардид.

Дар таъсиси мақомоти милитсия ходимони давлатии шуравӣ Ф. Э. Дзержинский, М. В. Фрунзе, М. И. Калинин, К. Е. Ворошилов, Г. И. Петровский, Н. И Подвойский, Н. С. Уритский, Е. Н. Ярославский ва дигарон нақши муҳим бозиданд.

Роҳбарияти давлати шуравӣ ба масъалаи таҳкими сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Туркистон ва ҶХШ Бухоро таваҷҷуҳи калон доштанд. Дар Бухорои Шарқӣ милитсияи халқӣ таъсис дода шуд, ки он ба КХКД (НКВД) тобеъ буд. Дар КХКД аввалин Шурои машваратӣ, яъне

коллегияи КХКД таъсис дода шуд. Ба ҳайати коллегия Г. И. Петровский комиссари халқии корҳои дохилӣ (раиси коллегия), аъзоёни коллегия Ф. Э. Джержинский, М. Я. Латсис, И. С. Уншлихт, М. С. Уритский ва дигарон дохил буданд.

Милитсияи коргару деҳқон фаъолияташро дар Осиёи Марказӣ дар ҳамкорӣ бо Артиши Сурх амалӣ мекард. Дар баромадҳои худ комиссари корҳои дохилӣ Г. И. Петровский иброз медошт, ки милитсия бояд ба музаффариятҳои халқи меҳнаткаш такя намуда, онро ҳифз намояд. Дар соли 1918 дар сохтори милитсия як қатор бозсозӣ ба вуҷуд омад, аз ҷумла, Сарраёсати милитсия таъсис дода шуд. Сохторҳои милитсия дар гӯшаҳои гуногуни Россия ва Бухоро, аз қабили мақомоти кофтукови ҷиноӣ, нозирони минтақавӣ ва ғайра таъсис дода шуданд.

Иҷрои супоришу вазифаҳо аз кормандони мақомоти милитсия донишҳои ҳуқуқӣ ва касбиро талаб мекард. Барои ҳамин, дар назди милитсия вазифа гузошта шуда буд, ки дар доираи гузаронидани чорабиниҳои гуногун тартиби омӯзиш ва омодасозии кадрҳо ба роҳ монда шавад. Аз сабаби бесуботии вазъи сиёсӣ-ҷамъиятӣ муҳлати омӯзиш маҳдуд шуд. Барои вусъат додани мубориза бар зидди қувваҳои зиддиинқилобӣ робитаи милитсия бо Сарраёсати корҳои сиёсӣ (ГПУ) мустаҳкам карда шуд. Роҳбарии фаъолияти рӯзмарраи милитсия бар зиммаи Сарраёсати милитсия вогузор шуда буд. Дар сохторҳои кадрии милитсия барои ба кор таъйин намудан чунин талаботҳо буд:

- поквиҷдонӣ;
- мавқеи фаъоли сиёсӣ;
- кордонӣ;
- қобилияти ташкилӣ-маъмурӣ.

Муассисаҳои таълимӣ, чун қоида, дар шаҳрҳои гуногуни ИҶШС ҷойгир буда, бо дархости КХКД Тоҷикистон кормандони сохторҳои милитсияро барои таҳсил ва курсҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддат ба ин муассисаҳо мефиристоданд. Шарти муҳимми таҳсил дар муассисаҳои

таълимӣ аз он иборат буд, ки пас аз хатм мутахассисон ба ҶШС Тоҷикистон бояд бармегаштанд, зеро ки то солҳои 70-уми асри XX дар масъалаи ҷобаҷогузорӣ ва таъмини кадрҳо дар сохторҳои гуногуни ВКД ҶШС Тоҷикистон мушкилоти зиёд ба назар мерасид.

А. Ш. Розиқзода [104, с.331-339] ва Н. Ҷ. Назарзода [79, с.166-172] якчанд марҳалаҳои ташаккулёбии сохторҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудаанд, ки дар ин марҳалаҳо заминаҳои ташаккулёбии низоми таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам омада буданд:

- таъсиси мақомоти милитсия то таъсисёбии Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1917-1924);

- давраи мубориза бар зидди ҳаракати босмачигарӣ (солҳои 1924-1929);

- таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1929 боиси ба вуҷуд омадани замина барои таъсиси аввалин мактаби милитсия гардид.

Фаъолият ва рушди мақомоти милитсияи тоҷикро пас аз таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон муҳаққиқон чунин муайян намудаанд:

- барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза (солҳои 1929-1937);

- солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1937-1941);

- солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945);

- солҳои баъдиҷангӣ ва барқарор намудани хоҷагии халқ (солҳои 1945-1956);

- давраи солҳои рукуд (солҳои 1960-1985);

- давраи бозсозӣ ва демократикунонӣ (солҳои 1985-1991);

- солҳои соҳибихтиёрӣ (солҳои 1991-2022).

Хусусияти хоси дигари ташаккулёбии муассисаҳои таълимӣ аз он иборат буд, ки ин раванд дар асоси илми педагогикаи муосир танзим мегардид. Дар шароити имрӯза муассисаҳои таълимӣ дар асоси талаботи

муосир фаъолият намуда, барои дурнамои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳаммияти муҳим доранд. Вобаста ба ин масъала академик М. Лутфуллоев менависад: «Асри XXI дар таърих ҳамчун қарни ҳамгироии иқтисодӣ, ҷаҳонгароӣ, технологияи иттилоотӣ, замони суръатбахш ва пуртазод ворид хоҳад шуд. Зарурият пеш меояд, ки ҳамаи мамлакатҳо бо кишварҳои ҳамсояи дуру наздик робитаҳои ҳаматарафаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намоянд» [70, с.3].

Пешрафт ва тараққиёти ҳар давлату миллат ба рушди соҳаи маориф ва илм, алалхусус, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ робитаи зич дорад. Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ тарбияи кадрҳои баландихтисос дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон меистод.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ, ба масъалаи таълим ва тарбияи кадрҳо роҳбарияти давлат ва ҳукумат таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Дар ин асос, муҳаққиқон М. Х. Абдуллоев ва Х. С. Аъзамов менависанд: «Сарвари давлат ба вазъи соҳаи маориф, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, сатҳи донишомӯзии хонандагону донишҷӯён таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, нақши омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифро дар таҳкими истиқлолияту давлатдории миллат, худогоҳиву худшиносии наврасону ҷавонон муҳим арзёбӣ менамоянд» [28, с.3].

Чӣ тавре аз таҷрибаи таърихӣ бармеояд, то охири солҳои 60-уми асри XX дар қаламрави Тоҷикистон мактаби махсуси милитсия вуҷуд надошт. Танҳо мактаби миёнаи махсуси милитсияи Душанбегии ВКД ИҶШС соли 1970 ба фаъолият шуруъ намуд ва аввалин сардори ин мактаб собиқ муовини вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон полковники хизмати дохилӣ Неъматов Ҳ. Н. таъйин гардид, ки солҳои 1970-1975 роҳбарии ин муассисаи таълимиро бар ухда дошт. Баъдан генерал-майори хизмати дохилӣ Фомичев В. Н., солҳои 1975-1979, полковники милитсия Яҳёев Н. К., солҳои 1979-1982, подполковники хизмати дохилӣ Абдуназаров А., солҳои 1982-1985, полковники хизмати

дохилӣ Омелченко В. Г., солҳои 1985-1991 ин муассисаи таълимиро сарварӣ намуданд [35, с.55].

Мактаби миёнаи махсуси Душанбегии милитсияи ВКД ИҶШС мутахассисонро на танҳо барои ВКД ҶШС Тоҷикистон, балки барои дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС низ омода менамуд. Хатмкунандагони ин мактаб на танҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ, балки дар тамоми қаламрави ИҶШС фаъолият менамуданд.

Яке аз мушкилиҳои фаъолияти КХКД ҶШС Тоҷикистон дар солҳои аввали таъсисёбӣ – ин нарасидани мутахассисони дорои маълумоти ҳуқуқшиносӣ буд. Барои ҳамин, дар назди Комиссариати халқии корҳои дохилӣ комиссияи қабул амал мекард, ки дар он номзадҳо барои фаъолият дар МКД аз санҷиш гузаронида мешуданд. Баъд аз пазируфтан ба сафи милитсия номзадҳо ба омӯзиш дар курсҳои кӯтоҳмуддат ҷалб мешуданд.

Солҳои 60-уми асри XX захираи кадрӣ барои фаъолияти самаранок нокифоя буд. Танҳо 12,6% ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти милитсия маълумоти олӣ доштанд. Аз онҳо танҳо 9% маълумоти олии ҳуқуқӣ доштанд. Кормандоне, ки маълумоти миёнаи ҳуқуқшиносӣ доштанд, 18,5%-ро ташкил медоданд. Аз ҳисоби ҳайати миёна ва хурди роҳбарикунанда танҳо 11,7% кормандон маълумоти миёна доштанд.

Дар бораи мушкилоти ягона муассисаи таълимӣ Н.Ҷ. Назарзода менависад: «Мутобиқи талаботи замон охири солҳои 60-ум ба сохтмони бинои нави ҳозиразамони Мактаби миёнаи махсуси милитсия шуруъ карда шуда, он соли 1970 мавриди истифода қарор дода шуд.

Тули солҳои 1970-1991 ин мактаб барои МКД Тоҷикистон хизмати арзанда намуда, ҳазорҳо тоҷикписаронро ба оғӯши худ гирифта, таълиму тарбия намудааст ва ба кори амалӣ фиристодааст» [77, с.45].

Мушкилоти асосии норасоии кадрҳо аз он иборат буд, ки аксарияти кормандон бинобар надоштани донишҳои касбии зарурӣ фаъолияти касбиро дар мақомоти милитсия тарк менамуданд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми тайёр намудани кадрҳо дар солҳои ҶБВ аз он иборат буд, ки дар он солҳо аксарияти мардон ба Қувваҳои мусаллаҳ ва ҷабҳа сафарбар гардиданд. Бинобар ин, ба курсҳои кӯтоҳмудати омода намудани кормандони МКД бештар занон ҷалб карда мешуданд.

Замони таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон робита байни кумитаҳои Ҳизби Коммунистӣ ва кумитаҳои комсомолӣ бо мақомоти милитсия мавҷуд буд. «Дар солҳои ҳокимияти шуравӣ ба ҳукми анъана даромада буд, ки кормандони ҳизбию давлатиро барои пурзӯр намудани корҳои идеологию тарбиявӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низомӣ ба кор қабул мекарданд. Таҷрибаи қариб 20-солаи Исмоил Қурбоновро дар соҳаи комсомол, мақомоти роҳбарии ҳизбӣ ба инобат гирифта, 28-уми феврали соли 1978 бюрои Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон қарор мекунад, ки ӯро ба сифати ҷонишини вазир оид ба кадрҳо ба Вазорати корҳои дохилӣ ба кор фиристад» [105, с.156]. Фаъолияти босамари ӯро ба эътибор гирифта, аз соли 1980 то соли 1986 бо тавсияи Кумитаи Марказии ҳизб дар вазифаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуд.

Дар ин солҳо фаъолияти тамоми сохторҳои МКД дар ҷумҳурӣ таҳти назорати шадиди мақомоти ҳизбӣ буд ва барои иҷрои саривақтии ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ, риояи қонуният ва омодасозии кадрҳо дастурҳои мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбӣ содир мегардиданд.

Барномаҳои таълимӣ дар курсҳои кӯтоҳмуддат бо ВКД ИҶШС ва ВКД ҶШС Тоҷикистон аз рӯйи меъёрҳои умумиттифоқӣ мутобиқ карда мешуданд.

Дар даврони шуравӣ аксари ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла, доир ба вазъи омодасозии кадрҳо дар ҷаласаҳои Мушовараи ВКД ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон баррасӣ гардида, барномаҳо, дастурҳо ва адабиётҳо

маъмулан бо забони русӣ нашр мегардиданд. Ҳатто омӯзгорони курсҳои кӯтоҳмуддат аз дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС даъват карда мешуданд.

Яке аз талаботҳои асосии пешрафти раванди таълим дар давраи таҳқиқ, ташкили кори таълимӣ, таълимӣ-методӣ, тадқиқотӣ ва илмӣ-тарбиявӣ ба шумор мерафт. Вобаста ба ин, Ю. Л. Груненков ва А. В. Трофимов иброз медоранд, ки: «Бунёди кафедра дар асоси неруи илмӣ ва ҳайати профессорону омӯзгорон созмон дода шуда, он ифтихори муассисаи таълимӣ аст, ки асоси ҳалли вазифаҳои гуногунҷанбаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони МКД-ро ташкил медиҳад» [52, с.5].

Дар Тоҷикистон, ба истиснои Мактаби миёнаи махсуси милитсия ва якчанд курсҳои кӯтоҳмуддат, дигар марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ фаъолият намекард. Набудани чунин марказҳо ба баланд бардоштани савияи касбии кормандони милитсия таъсири манфӣ мерасонд.

Танҳо соли 1968 дар ВКД ИҶШС Институти умумииттифоқии илмӣ-тадқиқотӣ ва соли 1969 бошад, озмоишгоҳи марказии илмӣ-тадқиқотии криминалистӣ таъсис дода шуд.

Ба курсҳои тайёрии ибтидоии милитсия ба муддати то ду моҳ довталабон бо маълумоти синфҳои 8 ва 9 қабул карда мешуданд. Дар давоми машғулиятҳо вобаста ба қисмҳои яроқҳои оташфишон, тарзи истифодабарӣ ва риояи қоидаҳои бехатарӣ, омӯзиши оинномаҳои интизомӣ, ҳуҷҷатнигорӣ ва қоидаҳои муошират бо шаҳрвандон ва ҳуқуқвайронкунандагон омӯзонида мешуд.

Баъд аз супоридани санҷишу имтиҳонҳо дар назди комиссияи ВКД ИҶШС номбурдагон барои фаъолият ба ҷузъу томҳои ВКД барои идомаи фаъолияти хизматӣ фиристода мешуданд.

Хусусияти дигари хоси курсҳои таълимӣ аз он иборат буд, ки ба хатмкунандагон хислатнома ва тавсиянома дода мешуд. Дар давоми таҳсил шунавандагон ба аъзогии Иттифоқи ҷавонон (комсомол) пазируфта мешуданд.

Душворӣ дар он зоҳир мегардид, ки аз сабаби мунтазам амал накардани мактабҳои махсуси милитсия дар назди МКД риояи бечунучарои қонуният дар корхонаҳо, мубориэаи оштинопазир бар зидди шаклҳои гуногуни ҷинояткорӣ гузошта мешуд.

Мақсади омӯзиш дар курсҳо, дар баробари баланд бардоштани донишҳои назариявӣ, малака ва маҳорати махсуси корӣ буд. Аз ҷумла, вобаста ба ин масоил муҳаққиқи рус А.В. Барабаншиков менависад: «Танзимкунандаи фаъолияти касбӣ - ин талаботи майлони афсарони оянда барои кор ва фаъолият дар сохтори амалии фаъолияти касбӣ ба ҳисоб меравад» [83, с.20].

Ба норасоии кадрҳо нигоҳ накарда, тавассути курсҳои таълимӣ ва Мактаби махсуси милитсия дар ш. Сталинобод вазифаҳои муҳимми таъминоти кадрӣ барои сохторҳои милитсия гузошташуда, амалӣ мегаштанд. Барои ошкорсозии ҷиноятҳо аксар мутахассисони таҷрибадор аз дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ даъват мешуданд. Аз ҷониби дигар, барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кормандони милитсияи тоҷик ба дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба сафарҳои хизматӣ фиристода мешуданд. Аз ҷумла, ҷиҳати баланд бардоштани касбият ва салоҳиятнокии кормандон дар шаҳрҳои калони ИҶШС курсҳои такмили ихтисос гузаронида мешуд.

Омӯзиши ҳаматарафаи давраҳои асосии таърихи таҳаввул ва рушди милитсияи тоҷик барои таҳқиқи раванди умумии таъсисёбӣ ва рушду густариши таърихшиносии миллати тоҷик аҳаммияти хеле муҳим дорад» [77, с.96]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як марҳала самти муҳимми таълим ва тарбияи кормандони МКД ба ҳисоб мерафт.

Барои қабул ба шуъбаҳои КХКД Комиссияи махсус таъсис дода шуда буд, ки тамоми хусусиятҳои психологӣ, рӯҳонӣ ва ҷисмонии довталабонро мавриди санҷиши аниқ, қарор ва хулосабарорӣ менамуданд. Мушкилии дигари раванди таълиму тарбия ба забони русӣ гузаронидани машғулиятҳо ба шумор мерафт. Дар амалияи КХКД чунин

таҷриба вуҷуд дошт, ки ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ кормандоне равона мешуданд, ки забони русиро хуб медонанд, бахусус, ба кормандоне, ки ду забонро медонистанд, имтиёзҳо дода мешуд.

Дар ҷобаҷогузории кадрҳо ҳангоми ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъйин намудан низ донистани забонҳои дигар миллатҳо, аз ҷумла, русӣ, узбекӣ ба инобат гирифта мешуд.

Дар давраи ташаккулёбии муассисаҳои таълимии МКД Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ дар ҳайати Ҷумҳурии Узбекистон дохил буд (1924-1929). Ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз марказ ба Тошканд ва баъдан ба шаҳри Душанбе ворид мешуданд. Дар ҳолати сарфаҳм нарафтани мазмун ва мундариҷаи фармонҳо, қарорҳо ва низомномаҳои КХКД ИҶШС ба забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ тарҷума мешуданд.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ кормандони милитсия дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҳалок мегардиданд. То моҳи феврали соли 1925 милитсияи тоҷик аллакай 8 сол боз, яъне аз соли 1917 арзи ҳастӣ дошт ва ба хотири таъмини тартибот ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ қариб 400 нафар кормандонашро талаф дода буд.

Дар манотиқи гуногуни ҶМШС Тоҷикистон нафарони ботаҷриба дар тайёр кардани кадрҳои ҷавон нақши муҳим доштанд. Яке аз онҳо аввалин сардори милитсияи ВМБК Муллоабдол Бахтиёров буд. Бо қарори КИМ ИҶШС 2-юми январи соли 1925 вилояти Бадахшон таъсис ёфт ва тобистони ҳамон сол М. Бахтиёров сардори корвони махсус, ки барои кумаки вилояти навтаъсис созмон дода шуда буд, таъйин шуд.

Аз рӯзҳои аввал тамоми донишу малакаи худро барои таъсис ва пойдору мустаҳкам намудани мақомоти милитсияи коргару деҳқон ба кор бурда, то охири умраш дар вазифаи сардори милитсияи Бадахшон ба халқу Ватанаш хизмат намуд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи омода намудани кадрҳо дар Комиссариати халқии корҳои дохилӣ новобаста аз вазъияти сиёсӣ,

иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар мадди аввал ИҶШС меистод. Бо ин мақсад, фармон, қарор ва таъинотҳои махсус қабул мегардиданд, ки дар шакли қонунҳои ҳукумати коргару деҳқони Узбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон дарҷ мегардиданд. Баъзе масъалаҳои ҷудогона дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Коммунисти Тоҷикистон», «Бадахшони советӣ» ва ғайра инъикос меёфтанд.

Моҳи декабри соли 1930 КХКД ба Раёсати корҳои дохилӣ табдил дода шуда, ба тобеияти Раёсати марказӣ- сиёсӣ дода мешавад.

Моҳи декабри соли 1932 Раёсатҳои милитсия ба тобеияти Раёсати муттаҳидаи сиёсии ИҶШС мегузаранд ва танҳо соли 1934 аз сари нав КХКД ҶШС Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

Солҳои 30-юми асри XX мақомоти милитсия ба кадрҳои баландихтисос ниёз дошт. Бо ҳамин мақсад, дар навбати аввал кормандон, баъдан ҳайати шахсӣ давра ба давра ба курсҳои тайёрии ибтидоӣ ва бозомӯзӣ ба шаҳрҳои гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ фиристода мешуданд.

Мушкилоти дигари тайёр намудани кадрҳои МКД,  дар он буд, ки онҳо дар баробари иҷрои вазифаҳои касбии худ, як қатор сарбории дигар, аз қабили: баъзе аз кормандони МКД барои роҳбарӣ намудани ҳокимияти маҳаллии давлатӣ,  хоҷагии коммуналӣ ва хоҷагии ҷангал ҷалб мегардиданд.

Хусусияти хоси ин давра дар он зоҳир мегардид, ки бисёр кормандони болаёқати милитсия, ки метавонистанд кормандони ҷавонро тарбия намоянд, дар натиҷаи сиёсати таъқибкунии сталинӣ (1936-1939) ба ҳабс гирифта шуданд. Таҳлилҳо баёнгари он аст, ки таъқиботи сталинӣ ба захираҳои кадрии мақомоти милитсияи тоҷик зарари манфӣ расонидааст.

Барои тарбия ва ҳавасмандгардонии ҳайати шахсӣ дар доираи салоҳияти хизматӣ нишонаҳои фарққунанда, рутба ва мукофотпулиҳо

пешниҳод мегардиданд, аз ҷумла, дар солҳои 30-юм ордени ҶШС Тоҷикистон бо номи «Ордени тоҷикӣ» таъсис дода шуд.

Самти дигари фаъолияти милитсия дар ин давра мубориза бо гумоштаҳои хориҷӣ ва паҳнкунандагони ҳар гуна овозаҳо ба ҳисоб мерафт. КХКД дар якҷоягӣ бо Комиссариатҳои ҳарбӣ барои ба сафи Артиши Шуравӣ сафарбар намудани ҷавонон низ ҳамкории ҳамаҷониба менамуданд.

Яке аз самтҳои муҳимми тайёр намудани кадрҳо муайян намудани қобилият ва малакаи касбии кормандони милитсия буд, ки онро роҳбарияти КХКД чун унсури таркибии фаъолият мешуморид. Дар ин маврид С. З. Латифзода иброз медорад, ки: «Шарҳи мафҳуми «касбият» бомаврид аст, зеро дараҷаи касбияти инсон барои шуғли дилхоҳ ва барои мутахассиси ба талабот ҷавобгӯ будан мусоидат менамояд.

Дар замони муосир соҳаи муайяни неру ва қувваи инсонӣ боварӣ ва эътимод фаҳмида мешавад. Айни замон инсоният дорои малакаи универсалӣ аст, ки имкониятҳои ба намудҳои гуногуни касб машғул шуданро фароҳам меорад. Сифатҳои нотакрори шахс, қобилиятҳои фардӣ ва дараҷаи баланди иҷроиши ин ё он шуғл ё фаъолият ба қатори омилҳое дохил мешавад, ки ба дараҷаи касбияти инсон таъсир мерасонад. Ҷавобгӯ будан ба талаботҳои касби мушаххас маънои «мувофиқати касбӣ»-ро дорад [69, с.9].

Зимни таҳлили марҳилаҳои аввали рушди милитсия ва омодасозии кадрҳо дар робитаи байни наслҳо аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Танҳо дар муҳити созандаи иҷтимоӣ кадрҳои баландихтисос дар руҳияи хештаншиносӣ, ифтихори касбӣ ва ватандӯстӣ тарбия мееёбанд. Гарчанде дар солҳои аввали ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон идеологияи давлатӣ тафовут дошт, вале аз шароити имрӯза аз рӯзҳои аввал дар сатҳи ВКД ҶШС Тоҷикистон ба сатҳи касбияти корманди милитсия аҳаммияти ҷиддӣ дода мешуд, ки он ба талаботҳои давлатдории шуравӣ мувофиқ гардонида мешуд. Ҳар як корманд, курсант ва шунавандаи муассисаҳои

таълимии ВКД бояд ҳамчун афсари содиқи халқу давлат ба воя мерасид. Дар ин бора Ш. Ҳ. Ҳайдарзода менависад: «Дар шароити ташаккули шахсият ва зуҳуроти миллию умумиинсонии он фарҳанги педагогӣ аҳаммияти муҳим пайдо мекунад. Ин фарҳанг бо натиҷаҳои таълиму тарбия, фарҳанги педагогии афсари ояндаи милитсияро аз нуқтаи назари инсонпарварӣ инъикос менамояд [122, с.4]».

Боиси тазаккур аст, ки асосҳои сохтори омодасозии кадрҳо барои МКД асосан дар даврони Шуравӣ гузошта шуданд.

Дар бораи аҳаммияти омӯзиши таҷрибаи гузаштаи тарбияи кадрҳо дар низоми ВКД Тоҷикистон Б. С. Асламов ва Ф. М. Қосимов таъкид намудаанд, ки: «Гарчанде ки андешаҳо атрофи ин масъала тобиши навро ба худ гирифта бошад ҳам, дар саҳифаҳои таърихи милитсияи тоҷик корнамоиҳои кормандон аз мадди назар дур нагаштаанд. Дар ин солҳо мақомоти милитсия дар якҷоягӣ ва муштарак бо дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бар зидди ҷинояткорӣ мубориза бурдааст» [40, с.20].

Гурӯҳи муаллифони рус бо роҳбарии А. П. Коситсин давраҳои фаъолияти мақомоти милитсияи Шуравиро чунин тақсимбандӣ намудаанд:

- давраи якум: солҳои 1917-1936;
- давраи дуюм: солҳои 1936-1977;
- давраи сеюм: солҳои 1977-1987 [40, с.20].

Бар илова ба ин тақсимбандӣ марҳилаи муҳимми фаъолияти МКД ва омоданамоии кадрҳо солҳои 1987-1991-ро дар бар мегирифт ва аз ин лиҳоз, ин давраро ба марҳалаҳо ҷудо кардан бамаврид мебуд, ки ба нуқтаи назари муаллифи рус А.П. Коситсин розӣ шудан мумкин нест. Яъне, бояд ба эътибор гирифт, ки марҳилаи бозсозӣ дар собиқ ИҶШС то пошхӯрии он 31-уми декабри соли 1991 идома ёфт ва ҳанӯз ҳам хусусияти хоси идоракунии МКД ва омоданамоии кадрҳо таҳти назорати мақомоти ҳизбӣ буд, яъне дар баробари идоракунии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ масъалаи омодасозии кадрҳо ҳам авлавияти мақомоти

ҳизбӣ буд. Дар ҶШС Тоҷикистон ин вазифа ба уҳдаи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ва сохторҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии он вогузор буд. Ҳайати шахсии МКД, бахусус ҳайати роҳбарикунандаи он аъзои Ҳизби коммунистӣ буданд, ки афзалиятро бештар ба корҳои ҳизбӣ медоданд. Ин вазъият солҳои 1985-1991 идома меёфт. Охири солҳои 1980 махсусан духурагӣ (стандартҳои дугона) дар омоданамоии кадрҳо пайдо гардиданд, ки ин ба вазъи ногувори сиёсӣ-иҷтимоии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ таъсири худро расонид.

Ҳаракатҳои ислоҳотхоҳӣ, кӯшиши маҳдуд намудани мавқеи Ҳизби коммунистӣ дар идоракунӣ вусъат гирифта, оқибат сабабгори пошхӯрии ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои шуравӣ гардид. Аз ҷумла, моҳи ноябри соли 1988 аввалин шуда ҷумҳуриҳои назди Балтика (Латвия, Литва, Эстония), баъдан Озарбойҷон ва Молдова эъломияҳои Истиқлолияти давлатӣ қабул намуданд.

Анҷумани 1-уми вакилони халқии ҶШФСР (РСФСР) қарор дар бораи Истиқлолияти Россияро қабул намуд. Рақобат байни ҳизбҳои сиёсӣ боло рафта, ниҳоят вазъи баамаломадаи иҷтимоӣ - сиёсӣ ба масъалаи тайёр намудани кадрҳо таъсири манфии худро расонд.

Равандҳои ногувори сиёсӣ ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ҶШС Тоҷикистон таъсир мерасониданд. Махсусан, солҳои 1989-1991 дар омодасозии кадрҳо барои низоми ВКД мушкилотҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба миён омаданд, ки сабабҳои дохилии худро доштанд. Яке аз сабабҳои асосии он ин пайдо шудани ҳаракатҳои миллӣ-истиқлолхоҳӣ дар собиқ кишварҳои ИҶШС ба шумор мерафт. Сабаби дигар бошад, ба вуҷуд омадани ихтилофоти сиёсӣ дар сохтори дастгоҳи идоракунии ИҶШС буд. Бинобар ин, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла, ҶШС Тоҷикистон дигар ба шаҳрҳои гуногуни Россия ва дигар шаҳрҳои иттифоқӣ кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои омӯзиш равон намекарданд ва бештар аз захираҳои дохилии худ истифода мебурданд.

19-уми августи соли 1991 дар натиҷаи кӯшиши табаддулоти давлатӣ вазъияти сиёсии ИҶШС тезутунд гардида, сохтори Кумитаи фавқулодаи давлатӣ ташкил дода шуд, вале ноком гашта, 22-юми август кумита барҳам дода шуд. Мақсади ташкили кумита бо роҳи низомӣ ҳифз намудани ИҶШС буд. Дар ин давра раванди эълони Истиқлолияти ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бештар гардид. Аксар ҷумҳуриҳои шуравӣ моҳҳои август-сентябри соли 1990 истиқлолияти сиёсии худро эълон намуданд. Дар Тоҷикистон таҳаввулоти амиқи сиёсӣ ба вуқуъ пайваст.

9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуда, ҶШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйири ном намуд. Ҳамзамон пешниҳод гардид, ки ба Конститутсия тағйирот ворид карда шуда, Тоҷикистон кишвари соҳибистиқлол ва ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ баромад намояд.

Ҳамин тавр, 2-юми марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) гардид.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тайёр намудани кадрҳо барои сохторҳои ВКД ҳанӯз ҳам душвориҳои зиёд вуҷуд доштанд. Душвории асосӣ аз он иборат буд, ки дар ҷумҳурӣ сиёсати мутамаркази тайёр кардани кадрҳо мавҷуд набуд ва ин омил боиси таъсиси Мактаби Олии милитсия гардида, масъалаи бунёди базаи моддӣ-техникии муосир ба миён омад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидои солҳои Истиқлолият басо душвор омад. Сохтори милитсия ҳамоно бар асоси амалияи шуравӣ фаъолият дошт. Мубоизаҳои байниҳизбӣ ва бетаҷрибагии созмонҳои ғайридавлатӣ ба он оварда расонд, ки ихтилофи назарҳо ва гуногунандешӣ сабабгори сар задани мубориизаҳои мусаллаҳона ва ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Бесуботӣ тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, МКД-ро фалаҷ намуда буд.

То декабри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон муассисаи олии таълимии ВКД вуҷуд надошт. Мутахассисони дорои маълумоти олӣ дар филиали Душанбегии Мактаби Олии Тошкент омода мешуданд. Ин душворӣ бо таъсиси Мактаби Олии ВКД бартараф гардида, дар натиҷа сохтори таълимӣ, дар натиҷаи муттаҳид сохтани филиали таҳсили ғоибонаи Мактаби Олии ВКД Тошкент ва мактаби миёнаи махсуси милитсияи ВКД Тоҷикистон таъсис ёфт.

Душвории таъмини кадрҳои баландихтисос барои МКД дар замони шуравӣ дар он буд, ки дар дохили ҷумҳурӣ мактаби олии тайёр намудани кормандони милитсия амал намекард. Онҳо дар дигар ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ фаъолият доштанд. Дар раванди таъсисёбӣ ва рушди аввалин муассисаи олии таълимӣ дар ҳудуди Тоҷикистон - Мактаби Олии ВКД мушкилот ва душвориҳои зиёд мавҷуд буданд, ки давра ба давра бартараф карда шуданд. «Дар даҳсолаи аввал зарурият ба вуҷуд омад, ки ҷиҳати табдил додани Мактаби олии ВКД ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои илмӣ ва таълимии муассиса мукаммал карда шавад. Роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мактаби олии ВКД тасмим гирифтанд, ки новобаста аз норасоии олимону мутахассисони касбӣ ҳарчи бештар кормандони илмиро ҷалб намуда, фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро рушд диҳанд. Солҳои 1991-2000 шумораи олимон, аз ҷумла, докторон 2 нафар ва номзадҳои илм 11 нафар буданд» [77, с.96].

Анун дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД, ҷиҳати омода намудани кормандони болаёқат ва ҷавобгӯй ба талаботи муосир як қатор вазифаҳои нав гузошта шуда, бо омӯзгорони касбӣ ва технологияи замонавӣ муҷаҳҳаз гардонидани Академияи ВКД ва дигар муассисаҳои таълимии он, муҳим арзёбӣ гардид.

Дар ибтидои таъсиси Мактаби Олии ВКД моҳи августи соли 1994 дар ин муассисаи таълимӣ дар аввал ҳамагӣ 60 нафар омӯзгору корманд фаъолият доштанд. Баъдан шумораи онҳо ба 200 нафар расид, ки онҳо

дар таълиму тарбия ва омодасозии кормандони МКД саҳми бориз гузоштаанд.

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида буд. Дар ин давра, пеш аз ҳама:

- норасоии маблағҳо дар буҷаи давлат, махсусан дар самти рушди низоми маорифи кишвар;

- норасоии маводҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва тахассусӣ бо забони давлатӣ;

- камбуди кормандони дорои унвонҳо ва дараҷаҳои гуногуни илмӣ дар низоми МКД ва дигар сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ;

- мавҷуд набудани шуъбаҳои аспирантура ва докторантура дар низоми муассисаҳои таълимии МКД ва дигар муассисаҳои таълимӣ.

Вобаста ба ин, Ф. М. Абдурашитов иброз медорад: «Солҳои 1993-1995 МКД бо мутахассисони болаёқат ниёз дошт, зеро ашхоси тасодуфӣ, ки маълумоти кофӣ надоштанд, соҳиби доғи судӣ низ буданд, бо мақсади ғаразнок шомили ҳайати низомӣ гардиданд» [31, с.44].

Воқеан, ҳолатҳое ба назар мерасиданд, ки бинобар сабаби маҳдудияти ҳамкориҳо бо давлатҳои ИДМ ба рушди талаботҳои муосири таҳсилот монеаҳо пеш меомаданд. Дар назди ВКД вазифа меистод, ки ҳам ба сифати таълиму тарбия ва ҳам ба идоракунии он, дастгирии сармояи зеҳнии кормандону омӯзгорон диққати ҷиддӣ диҳанд.

Дар ин давра масъалаи асосӣ барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намудани кадрҳои миллӣ маҳсуб меёфт, ки онҳо ба ғайр аз ихтисос бояд ақаллан ду забони хориҷиро донанд. Амалан дар низоми МКД кадрҳо бо донистани забони русӣ дар заминаи Академияи ВКД ИҶШС дар мактабҳои Олии милитсия дар Белорусия, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия омода мегардиданд. Ба онҳо ихтисосҳои ҳуқуқшинос ва идоракунии МКД ва муҳандиси бехатарӣ аз сухтор дода мешуд.

Дар ҳамин давра Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди омӯзиш ва ҷобаҷогузории кадрҳоро дар асоси хатмкунандагони Академияҳои ВКД ИҶШС ва мактабҳои олии ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қазоқистон, Украина ва Россия ба роҳ монда буд. Хатмкунандагони ин муассисаҳои таълимӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъйин мегардиданд. Барои ба таҳсил фиристонидани номзадҳо аз ҳайати миёна ва роҳбарикунандаи МКД интихоб шуда, баъд аз гузаштани суҳбат ва санҷиш дар назди комиссияи МКД, асосан кормандони донандаи забони русӣ сафарбар мегардиданд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки ин раванд танҳо хоси ҶШС Тоҷикистон набуд, балки дар дигар ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ҳамин вазъият вуҷуд дошт. Дар собиқ ИҶШС намояндагони халқияту миллатҳои гуногун дар милитсия фаъолият менамуданд, аз қабили русҳо, узбекҳо, қазоқҳо, украинҳо ва ғайра.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи норасоии кадрҳо, яъне кадрҳои миллӣ ҷой дошт. То замони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон масъалаи омодасозии маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ барои МКД танҳо дар заминаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ва филиали шуъбаи ғоибонаи Мактаби олии Тошкентии ВКД Ҷумҳурии Узбекистон ба роҳ монда шуда буд.

Масъалаи норасоии кадрҳо асосан дар самти ҳайати калони роҳбарикунанда баръало ба назар мерасид. Ин, пеш аз ҳама, ба вазъияти душвори солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ вобаста буд. Дар ин асос И. Ф. Абдурашидов чунин менависад: «Солҳои 90-уми асри XX Вазорати корҳои дохилӣ бинобар муташанниҷ гардидани вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ маҷбур шуда буд, ки сохторҳои худро аз як минтақа ба дигар интиқол диҳад» [31, с.41]. Яъне онҳое, ки мактаби миёнаи махсуси Душанбегии ВКД ИҶШС-ро хатм мекарданд, танҳо ба онҳо иҷозати гирифтани рутбаи махсуси майори милитсия дода мешуд. Ин муқаррарот

аз руйи собиқаи корӣ аз рутбаи лейтенанти милитсия оғоз гардида, ба рутбаи майори милитсия анҷом меёфт. Барои кормандон ва инчунин, таъйин гардидани онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда, гирифтани рутбаҳои подполковник ва полковники милитсия зарур буд, ки корманди Академияи ВКД ИҶШС ё мактаби олии милитсияи собиқ ҷумҳуриҳои шуравиро хатм карда бошанд.

Филиали шуъбаи ғоибонаи мактаби олии Тошкандии ВКД ҶШС Узбекистон бо пешниҳоди ВКД ҶШС Тоҷикистон соли 1989 таъсис дода шуд. Ин филиал то соли 1991, яъне то таъсиси мактаби олии милитсияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омоданамоии кадрҳои роҳбарикунандаи ВКД машғул буд.

Бо таъсиси мактаби олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд ба уҳдаи муассисаи нави таълимии ВКД гузошта шуд. Барои кор ва фаъолияти омӯзгорӣ дар ин мактаби олӣ мутахассисон аз дигар кишварҳо даъват мешуданд.

Дар ибтидои таъсисёбии Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи филиали шуъбаи ғоибонаи Мактаби Олии Тошкандии ВКД ба он полковники хизмати дохила Омелченко Виктор Григоревич роҳбарӣ менамуд. Баъдан роҳбарии дигари ин муассисаи таълимӣ ба уҳдаи полковники хизмати дохилӣ Ҷумъаев Усмон Саломович вогузор гардид. Мавсуф дар ин вазифаи пурмасъул аз соли 1991 то соли 1993 фаъолият намуд. Ҳангоми роҳбарии ӯ бори аввал теъдоди 450 нафар мутахассисон бо маълумоти олии ҳуқуқшинос ва рутбаи лейтенанти милитсия омода гардида, барои кор ба МКД фиристода шуданд.

Аз соли 1993 то соли 2000 ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, генерал-майори милитсия Қаҳҳоров А.А. роҳбарӣ намуд. Ӯ ба ҳайси муовини якуми ВКД, сардори РВКД дар вилояти Суғд, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 5-уми январи соли 2012 котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намудааст. Ӯ генерал-полковники милитсия буда, дар мавзуи

«Системаи МКД дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон 1924-1929» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01, назарияи давлат ва ҳуқуқ; Таърихи таълимотҳо дар бораи ҳуқуқ ва давлат рисолаи илмиро ҳимоя намуда, унвони номзади илмҳои ҳуқуқшиносиро соли 1999 дарёфт намудааст. Ӯ хатмкунандаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (соли 1974) ва Академияи ВКД ИҶШС (соли 1981) мебошад. Ҳангоми роҳбарии А. А. Қаҳҳоров мактаби олии ВКД ба яке аз муассисаҳои бонуфузи олии таълимии ҷумҳурӣ табдил ёфта, соли 1996 аз кору фаъолияти он Сарвари давлат дидан намуд. Ҳангоми вохӯрӣ бо ҳайати шахсии ВКД Президенти кишвар ба кору фаъолияти он баҳои мусбӣ дод. Новобаста аз он ки дар ҷумҳурӣ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мерафт, ҳайати профессорону омӯзгорони Мактаби олии ВКД дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар МКД саҳми арзанда доштанд.

Кормандони муассисаҳои таълимии ВКД дар баробари таҳсил ба хизмати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар ш. Душанбе ва Хуҷанд ҷалб мегардиданд. Робитаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо дигар донишгоҳу донишкадаҳои дохили кишвар густариш меёфт. Барои таъмин намудани муассисаҳои таълимии ВКД ба омӯзгорони касбӣ, кормандони таҷрибадори МҲҲ ҷалб карда мешуданд.

Робитаи назария бо амалия дар фаъолияти МКД тақвият дода шуд. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра масъалаи омодасозии мутахассисони болаёқат барои талаботи ВКД ва дигар сохторҳои МҲҲ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ба шумор мерафт. Дар ин солҳо дар назди Мактаби олии ВКД шуъбаи аспирантура вуҷуд надошт. Соли 2014 бо фармони вазири корҳои дохилӣ таҳти № 0158, аз 13-уми ноябри соли 2014 шуъбаи аспирантура таъсис дода шуда, ба фаъолият шуруъ намуд. Аз сабаби набудани шуъбаи аспирантура (адъюнктура) фаъолияти он ба зиммаи шуъбаи илм ва табъу нашри ин муассиса вогузор гардид. Ба кори шуъба номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қурбанов Юрий Алиевич (солҳои 1991-1997) роҳбарӣ

менамуд. Қурбанов Ю. А соли 1968 дар мавзуи «Ҳолатҳои нигоҳдорӣ ва барқарорсозӣ ҳангоми истеҳсолоти парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон» рисолаи номзадиро дар риштаи илми ҳукуқшиносӣ дифоъ намудааст. Ӯ яке аз аввалин номзадҳои илми ҳуқуқшиносӣ дар мактаби Олӣ ба шумор меравад.

Дар ин давра, корҳои илмии Мактаби Олии милитсия дар самтҳои асосии зерин анҷом дода шуданд:

- беҳтар кардани раванди таълим тавассути таҳияи барномаҳои таълимӣ, маводи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ оид ба фанҳои махсус;
- ҳавасмандгардонии иштироки ҳайати омӯзгорон дар фаъолиятҳои илмӣ;
- ба низом даровардан ва ҳамоҳангсозии корҳои илмии ҳайати омӯзгорон, докторантҳо, мутахассисони ғоибона, аспирантҳо, курсантҳо ва донишҷӯён;
- амалисозии мустақими лоиҳаҳои илмӣ.

Дар асоси қарори Мушовараи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми июли соли 2000, таҳти № 169 бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарии Мактаби Олии ВКД ба уҳдаи мутахассиси соҳибтаҷрибаи МКД Саймуддинов Шамсулло Саймуддинович вогузор гардид. Дар давраи роҳбарии Саймуддинов С.Ш. заминаҳо барои таъсиси Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Мактаби олии ВКД гузошта шуд. Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастури ВКД санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти Академия таҳия мешуданд. Аз ҷумла, бо фармони вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми феврали соли 2001, таҳти № 106 Оинномаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Дар он солҳо ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия Шарипов Ҳумиддин Ҳасанович роҳбарӣ мекард. Бо дастгирии вазири корҳои дохилӣ ҳамкорӣ дар самти омодасозии кадрҳо бо ВКД Россия вусъат меёфт. Таҷрибаи ба Академияи идоракунии ВКД

Федератсияи Россия фиристодани омӯзгорони ҷавон барои омода намудани рисолаҳои илмӣ дар шакли таҳсили рӯзона ва ғойибона ба шаҳри Москва фиристода мешуданд. Роҳбари Академия Саймуддинов С. Ш. дар мавзуи «Ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти муосири он» рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, ба унвони номзади илмҳои сиёсатшиносӣ мушарраф гардид. Ҳамчунин, дар ин давра муовини сардори Академияи ВКД оид ба корҳои илм, Ҳуқуқшиноси шоистаи ҷумҳурӣ Солиев Карим Ҳоҷиевич рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқмаънидодкунии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои умуминазариявӣ»-ро аз рӯйи ихтисоси 12.00.01.-назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат ҳимоя намуд. Тадқиқоти илмӣ ва интишори монографияҳои илмӣ вусъат ёфтанд.

Саймуддинов Ш.С. солҳои 2000-2005 роҳбарии Академияи ВКД-ро ба уҳда дошт. Дар давраи роҳбарии вай дар баробари мустаҳкам намудани раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ вазифаи муҳим, омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ, бахусус таълиф ва ҳимояи рисолаҳои номзадӣ дар бахшҳои гуногуни тадқиқотҳои илмӣ буд. Дар ҳамин давра сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академия Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ соли 2002-юм рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Таърихи ташаккулёбӣ ва фаъолияти милитсияи Тоҷикистон» ҳимоя намуд. Ҳамзамон, кормандони Академия ҷиҳати таҳсил ба Академияи идоракунии Федератсияи Россия сафарбар карда мешуданд. Соли 2002 дар Академияи мазкур Сайфиддинов А.А. дар мавзуи «Бунёд ва инкишофи ҳуқуқи интихоботӣ дар Тоҷикистон» рисолаи номзадиро аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 ҳимоя намуд.

Солҳои 2005-2009 ба Академия генерал-майори милитсия Дӯстов Файзиддин Дӯстович роҳбарӣ намуд. Дар ин солҳо асосҳои илмӣ-педагогии Академия мустаҳкам гашта, базаи моддӣ-техникии он мустаҳкам гардид. Роҳбарияти Академия ба ҷалби омӯзгорони ҷавон

барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. Дар ин айём муовини аввали сардори Академия полковники милитсия Назарзода Носир Ҷобир дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии бунёд ва инкишофи милитсияи Тоҷикистон (1917-2006)» рисолаи докторӣ ҳимоя намуд. Мавсуф яке аз асосгузорони мактаби илмии «Омӯзиши таърих ва паҳлуҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия» ба ҳисоб рафта, профессори фахрии Академия мебошад.

А.Ш. Розиқзода дар соли 2009 сардори Академияи ВКД таъйин мегардад. Солҳои 2013-2014 бошад, роҳбарии Академияи ВКД - ро Зоир Ҷурахон Маҷидзода ба ӯҳда дошт. Таъсиси шуъбаи адъюнктура дар он давра имкон дод, ки тадқиқ ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар худи Академия ба роҳ монда шавад. Барои ин як қатор санаду низомномаҳо таҳия ва қабул гардиданд:

- Низомнома оид ба омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ;

- Низомномаи ташкил ва баамалбарории роҳбарии илмӣ-тадқиқотӣ ва диссертатсионӣ;

- Низомномаи интихоб ва қоидаҳои қабул ба шуъбаи адъюнктура;

- Низомномаи интихоб ва қоидаҳои тасдиқи мавзуъҳои диссертатсионӣ ва монанди инҳо.

Аз соли 2014 Академияро доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ роҳбарӣ кард.

Ҳамин тариқ, ташаккули касбияти кормандони милитсия ба омодасозии онҳо дар шароити душвори замони шуравӣ ташаккул ёфта, аз норасоиҳо ва камбудӣ орӣ набуд. Дар ин бора муаррихи тоҷик Ҷ. А. Мирзоев менависад: «Таърихнигории замони шуравӣ бо вуҷуди рушди бемайлон ва тадқиқоти фаровон аз костагиҳо орӣ набуд. Махсусан дар инъикоси таърихи ҷумҳуриҳои шуравӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон муҳаққиқон ба идеологияи ҳукмрон тобеъ буда, арзишҳои миллиро кам ба инобат мегирифтанд. Ин буд, ки баъзе паҳлуҳои таърихи кишварамон

дар замони шуравӣ бо костагиҳо ва норасоиҳо инъикос меёфтанд. Аз ин рӯ, Истиқлолият дар илми таърихнигории тоҷик дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд овард» [163, с.30]. Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи тадқиқот дар соҳаи маориф ва илм бо назардошти манфиатҳои миллӣ, хусусиятҳои педагогикаи ҳарбӣ, ба таври куллӣ тағйир ёфта, ба марҳилаи нав гузашт, ки дар он ҷойгоҳи қаҳрамонию ватандӯстии гузаштагони миллати тоҷик авлавият пайдо карданд.

## 1.2. Хусусиятҳои хоси фаъолияти таълимӣ ва илмӣ - таҳқиқотии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пас аз расидан ба Истиқлоли давлатӣ зарурияти омода намудани кадрҳои касбии МКД ба миён омад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушд ва такмили маориф ва илм диққати махсус зоҳир менамояд. Дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ барои низоми МКД дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ як қатор пешравиҳо ва имкониятҳои нав дар омодасозии кадрҳо ба миён омад. Дар амалӣ намудани вазифаҳои гузоштташуда, ба роҳ мондани ҳамкорӣ миёни Вазорати маориф ва илм ва ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дошт. Дар даврони шуравӣ ВКД ҶШС Тоҷикистон ба ВКД ИҶШС тобеъ буд. Ин тобеият мушкилоти омодасозии кадрҳоро барои МКД дар самти тайёр кардани кадрҳои миллӣ ба вуҷуд оварда буд. Бо таъмини Истиқлолияти давлатӣ, давраи гузариши МКД ба миён омада, мушкилиҳои зиёдеро ба миён овард. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ, гузаронидани ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар, заминаҳои мусоиди рушди маорифи миллӣ гузошта шуд. Дар ин давра дар муассисаҳои таълимии ВКД, махсусан дар Мактаби Олии ВКД низ як қактор мушкилиҳо ҷой доштанд. Ба монанди: норасоии омӯзгорон, махсусан омӯзгорони унвондор, барнома, дастур ва китобҳои дарсӣ ва базаи моддӣ-техникӣ.

Дар чунин шароити душвори таърихӣ аввалин муассисаи олии таълимии ВКД - Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. «Тарбия ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ҳамаҷониба инкишофёфтаро барои мақомоти корҳои дохилӣ, маҳз Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дошт.» [77, с.109] - менависад Н. Ҷ. Назарзода.

Ба ақидаи И. И. Пронин омӯзиш ва ҷобаҷогузории кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд мутобиқ ба талаботи замон амалӣ гардад:

«- кадрҳо бояд аз ҷиҳати сиёсӣ пухта, қавиирода буда, вазифаҳои дар наздашон гузошташударо дуруст ҳал намоянд;

- ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо ҳусусиятҳои сиёсӣ ва тахассусии онҳо омӯхта шавад;

- кадрҳо бояд таҷрибаи собиқадоронро истифода намоянд;

- кадрҳо бояд қадрдонӣ шуда, зуд-зуд иваз шаванд ва шахсони болаёқат дар минтақаҳо таъйин карда шаванд;

- талаботро нисбат ба сатҳи тахассусии кадрҳо мушаххас намуда, фаъолияти онҳо санҷида шавад» [88, с.73].

«Тарбияи курсантон ва шунавандагон, умуман хонандагони сатҳи гуногун бар асоси чунин арзишҳо амалӣ мегардад:

- муҳаббат ва садоқат ба Ватан;

- муҳаббат ба ватандорӣ ва башардӯстӣ;

- баробарӣ ва дӯстӣ;

- оштинопазирӣ ба душманони сулҳ ва озодии халқҳо» [129, с.15].

Ҷиҳати муҳимми тарбияи кадрҳо дар МКД ин ҷалби созмонҳои ҷамъиятӣ ва комиссияҳои ҷамъиятии соҳавӣ мебошад. Фаъолияти комиссияҳое, ки ба идоракунии равандҳои иҷтимоӣ ва фаъолони сиёсӣ дар ҷомеа машғуланд, як қатор хусусиятҳои хос доранд. Ин хусусиятҳоро метавон чунин ҷамъбаст кард:

«Хусусияти кори комиссияҳои идоракунии равандҳои иҷтимоӣ ва субъектҳои сиёсии ҷомеа хусусиятҳои хоси худро дорад. Ин хусусиятҳо мухтасаран аз инҳо иборат мебошанд:

- раванди ташкили комиссия ва муқаррар кардани қоидаҳои фаъолияти он;

- татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои ба зиммаи комиссия гузошташуда;

- ваколатҳо ва вазифаҳои Комиссия;

- муайян кардани доираи ваколатҳои ба комиссия вогузоршуда;

- таъсиси механизмҳои ҳамкории комиссия бо дигар муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ» [82, с.158].

«Чӣ қадаре ки субъекти идоракунӣ боло бошад, ҳамон қадар вазифаҳо васеъ ва масъулиятнок мегарданд» - қайд мекунад В. Г. Афанасев, ҳамзамон барои ташкили кори идоракунӣ категорияи гуногуни кормандонро ҷудо менамояд, ки дар низоми омодасозии кадрҳо, аз ҷумла, дар МКД вуҷуд дорад, зеро масъулияти бештар ба зиммаи роҳбарон аст» [41, с.159-193].

Бояд тазаккур дод, ки дар самти омодасозии кадрҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ роҳбарон бояд ба вижагиҳои психологияи ҷамъиятӣ маълумоти мушаххас дошта бошанд. «Психологияи ҷамъиятӣ ғоя ва тасаввуротҳои гуногун, аз қабили сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ғайраро дар бар мегирад» [114, с.23].

Ҳамчунин, бояд тазаккур дод, ки пешрафти раванди омодасозии кадрҳо ба обрӯй ва масъулияти ҳар як роҳбар, аз ҷумла, роҳбари МКД робитаи зич дорад. «Роҳбар масъулиятро ба иҷрои вазифаҳои гуногун-истеҳсолӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона мекунад, ки ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва нақша пайванд мегардад» [119, с.40-41].

Раванди муҳимми омодасозии кадрҳо баҳодиҳии кор бо ҳайати шахсӣ мебошад. Вобаста ба давраҳои гуногуни таърихӣ масъалаи мазкур бо тарзу усулҳои ба худ хос ба роҳ монда мешуд. Аз рӯйи ақидаи

профессор К. Ладензак он чунин арзёбӣ мегардад: «Ҷиҳати муҳимми меъёри дифференсиалии баҳодиҳии услуби корӣ инҳо маҳсуб меёбад:

- фаъолият дар самти амалисозии мақсад;
- муайянсозии масоили идоракунӣ;
- маълумот оид ба қабули қарор;
- таъмини коллективизм дар ҷойи кор;
- қатъият ва устуворӣ дар иҷрои қарорҳои пешниҳодшуда аз лиҳози ҷисмонӣ ва ақлонӣ» [115, с.117].

Таҳаввули ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ба раванди таълиму тарбия ва омодасозии кадрҳо барои МКД душвории зиёдеро ба вуҷуд овард. Ба душвориҳо нигоҳ накарда, муассисаҳои таълимии ВКД, алалхусус Мактаби олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро густариш медод. Мактаби олии ВКД фаъолияти худро дар асоси санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Оинномаи Мактаби олии ВКД бо қарори Шурои олимон аз 22-юми июни соли 1996, №9 қабул гардида, 16-уми сентябри соли 1998 дар ҳамоҳангии ВКД ва Вазорати маориф ба ҳукми амал баромад. Тибқи Оинномаи мазкур, дар назди Мактаби Олии ВКД мақсад гузошта шуда буд, ки ҳайати омӯзгорони унвондори худро бештар намуда, дар омода кардани мутахассисони касбии МКД ва МҲҲ саҳми арзанда гузорад. Ҳамзамон қайд гардидааст, ки:

- такмили ҳамаҷонибаи раванди таълим дар асоси вазифаҳои МКД, таҷриба ва амалияи пешқадам;
- пешбурди корҳои илмӣ - тадқиқотӣ;
- ворид намудани натиҷаҳои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ дар раванди таълиму тарбия;
- такмили ихтисоси кормандони МКД;
- нашри адабиёти таълимӣ ва илмӣ - методӣ;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо ҳайати шахсӣ;

- ташвиқу тарғиби қонунгузорӣ миёни аҳолӣ ва кормандони ВКД;

- иштироки бевоситаи олимони соҳа дар лоиҳаҳои ҷумҳуриявӣ байналмилалӣ.

Мақсади асосии Мактаби Олии ВКД тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои ниҳодҳои гуногуни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ ба шумор меравад. Мактаби Олӣ заминаи ташаккули касбияти мутахассисони оянда маҳсуб ёфта, аз рӯйи равия ва тахассус аз якдигар фарқ мекунанд. Ба ақидаи муҳаққиқон И. И. Исмоилов ва А. Насимов «Мактабҳои олӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд: маълумоти гуманитарӣ, маълумоти илмӣ, табиӣ, техникӣ, биологӣ, металлургӣ, меъморӣ ва ғайра» [63, с.31].

Сохтори Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кафедраҳо, факултетҳо, китобхонаи умумӣ ва махсус, шуъбаи таълим, шуъбаи илм ва табъу нашр, хизмати тиббӣ, шуъбаи ақибгоҳ, шуъбаи кадрҳо, қисми навбатдорӣ, воҳидҳои таълимӣ - низомӣ иборат мебошад. Маблағгузорӣ ва таъмин бо таҷҳизот пурра ба уҳдаи ВКД вогузор буда, нақшаҳои таълимӣ аз ҷониби Вазорати маориф дар мувофиқа бо Вазири корҳои дохилӣ тасдиқ карда мешуданд.

Хатмкунандагон пас аз супоридани аттестатсияи хатм соҳиби диплом ва рутбаи лейтенант ва лейтенанти калони милитсия мегардиданд. Курсантоне, ки зиёда аз 75 % барномаҳои таълимиро бо баҳои аъло ҷамъбаст менамуданд, соҳиби дипломи аъло мегардиданд. Ба ғайр аз курсантону шунавандагон барои баланд бардоштани дараҷаи такмили ихтисос тамоми кормандони ҷузъу томҳои МКД ба муҳлати як моҳ аз курсҳои такмили ихтисос мегузаштанд.

Ҳамзамон, ба таҳсилу таълим омӯзгорон, курсантон, шунавандагон ва кормандони Мактаби Олии ВКД тибқи моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» [14] ҷалб карда шуда, ба таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ ҷалб мегардиданд. Президенти кишвар дар ифтитоҳи бинои

нави Академияи ВКД (30-юми августи соли 2017) чунин ибрози андеша намуданд: «Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати муасиссаи таҳсилоти олии касбӣ дар тарбияи кадрҳои баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дошта, кормандону хатмкунандагони он дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими сулҳу суботи кишварамон фидокорона заҳмат кашида, ба Ватан ва халқи Тоҷикистон содиқона хизмат карда истодаанд» [7, с.457].

Ин баҳои баланди Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омодасозии кадрҳо барои МКД хеле назаррас аст. Бояд қайд намуд, ки Пешвои миллат чаҳор маротиба ба Мактаби Олӣ ва Академияи ВКД ташриф оварда, бо кормандону омӯзгорон ва курсантон мулоқотҳои муфид анҷом дода, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Таълим дар муассисаҳои таълимии ВКД (Академия, Коллеҷи милитсия, Коллеҷи техникӣ-оташнишонӣ, Маркази таълимии ВКД) равандҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташкил ва банақшагирии раванди таълим;
- ташкили кори таълимӣ;
- кори методӣ;
- тарбияи ҳайати шахсӣ;
- баланд бардоштани дараҷаи илмӣ ва тахассуси педагогии ҳайати омӯзгорон,роҳбарият ва ғайраҳо.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи фаъолияти муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки он ба стандартҳои муосири таълимӣ дар доираи ИДМ, бахусус Федератсияи Россия бо назардошти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудаанд [146, с.119-145].

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ раванди ислоҳоти соҳаи маориф ба вуҷуд омада, қадамҳо барои рӯзмарра гардондан ва ба

стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будани он гузошта шуданд. Дар баробари ин, дар азнавсозии низоми маорифи халқ зарурияти омӯзиши ҷанбаҳои таърихии он ба вуҷуд омад [158, с.4].

Ҷиҳати муҳимми дигари муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои пурошӯбу пурмавҷи гирдиҳамоиҳо ва намоишҳои зидди ҳукуматӣ солҳои 1989-1991 рост омад. Дар натиҷаи таъсири ин ҳодисаҳо қисмати зиёди мутахассисони русзабон ва дигар миллатҳо аз қаламрави ҷумҳурӣ баромада рафтанд. Аз сабаби набудани муассисаҳои олии таълимӣ дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии кадрӣ барои таъмини ҳайати омӯзгорон, бахусус барои фанҳои махсус ба миён омад. Аз ҷумла, Н. Ҷ. Назарзода менависад: «Дар ҳамон рӯзҳо низ, яъне, аниқтараш соли 1990 Омелченко Виктор Григоревич бо хоҳиши худаш ба нафақа баромада, ба зодгоҳаш ш. Омски вилояти Омски Федератсияи Россия рафтааст» [77, с.104].

Масоили дигари душвори ин давра тарҷумаи китобҳо ва адабиёти таълимӣ ба забони тоҷикӣ ба шумор мерафт. Тамоми адабиёти таълимӣ барои курсантон, махсусан, фанҳои тахассусӣ ба забони русӣ таълиф шуда, аз замони шуравӣ боқӣ монда буданд. Ҳолати баамаломада дар фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ душвориҳои зиёдро пеш овард ва ин душвориҳо марҳала ба марҳала ҳалли худро пайдо намуданд.

Дар сохтору воҳидҳои таълимӣ-низомӣ яке аз муовинони сардори муассисаҳои таълимӣ ва ҳам муовини сардори таълимӣ- низомӣ маҳз ба корҳои тарбиявӣ-сиёсӣ машғул буданд. Корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ дар асоси фармону дастурамалҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардиданд. Талаботи асосии корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ ба тарзи маҷмуӣ (комплексӣ) гузаронидани он риоя намегардид. Ин мушкилиҳо дар омоданамоии кадрҳо мушкилотро ба вуҷуд овард. Як сол пас аз таъсиси Мактаби олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қадамҳои нахустини худро дар

омодасозии кадрҳо мегузошт, моҳи майи соли 1992 ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо дахолати қувваҳои иртиҷоии дохилӣ ва хориҷӣ оғоз гардид. Дар ин бора Н. Ҷ. Назарзода менависад: «5-уми майи соли 1992 дар пойтахти ҷумҳурӣ бетартибиҳои оммавӣ, гаравгонгирӣ, ғоратгарӣ мушоҳида мешуданд, ки дар натиҷа бетартибиву бесарусомонӣ дида мешуд ва ҳокимият фалаҷ гардида буд. Тобистон ва тирамоҳи соли 1992 ҷанг боиси ҳалокати зиёди шахсони бегуноҳ гардида, шумораи зиёди неъматҳои моддӣ нест карда шуданд. Вазъият чунин буд, ки ҳокимияти олӣ амал намекард ва сохторҳои қудратӣ, аз ҷумла ВКД ва Кумитаи давлатии бехатарии ҷумҳурӣ дар рӯзҳои аввали муқовимат бетарафӣ эълон намуданд» [164, с.43].

Дар илми таърихшиносии ватанӣ дар бораи зарари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) тадқиқотҳои гуногун ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, профессор Қурбон Расулов масъалаҳои «Раванди омӯзиши низои байни тоҷикон ва ташаккули низоъшиносӣ дар Тоҷикистон», Шарофиддин Имомов мавзуи «Таснифи низоъ: навъ, сатҳ ва ҳаракати он», Саидумар Раҷабов «Ҷанбаҳои ҳуқуқии таҳлил ва ҳалли низоъ дар Тоҷикистон», Раҷаб Ҳакимов «Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нақши он дар ҳалли низоъ» ва муаллифони дигар матлабҳои гуногуни сабаб, раванд ва ҳалли низои байни тоҷиконро мавриди таҳқиқ қарор доданд [75, с.35-210].

Олимон Н. М. Назаршоев ва И. Х. Бониёзов сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандиро чунин арзёбӣ намуданд:

- зиддияти оштинопазир байни Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ва идеологияи ҳизбу ҳаракатҳои мухолифи пайдошуда;

- кӯшиши сарварони ҷараёнҳои алоҳидаи сиёсии мухолифин бо роҳи ба зӯрӣ ба даст овардани ҳокимият;

- даст задани ҳизбу ҳаракатҳои мухолиф ба иғвоандозӣ, масъалаҳои миллӣ, маҳаллӣ ва мазҳабӣ;

- оқилона истифода набурдани неруи кадрии ҷумҳурӣ ва нодуруст ҷобаҷогузории он дар шохаҳои ҳокимият;

- мавҷудияти зиддиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, миллӣ-этникӣ, динӣ ва минтақавӣ;

- поймол намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

- омили беруна, ки қувваҳои экстремистии дохилиро ба ҷанг тела доданд [80, с.510-511].

Омӯзиши сабабҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ роҳбарияти ҷумҳурӣ ва МКД-ро водор намуд, ки дар сиёсати кадрии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои куллӣ ба амал бароранд, аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» моддаи 14, принсипҳои фаъолияти милитсия тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, принсипи ғайриҳизбият ҷорӣ карда шуд [14]. Тибқи муқаррароти Қонуни мазкур дигар кормандони милитсия ҳуқуқ надоранд, ки аъзои ҳизбу ташкилотҳои сиёсӣ гарданд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ муассисаҳои таълимии ВКД ба як қатор душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида буданд. Аз лиҳози дигар, муассисаҳои таълимии ВКД ба омода намудани кадрҳои ихтисоси ҳуқуқшиносӣ машғул буданд ва аз ҳамин сабаб раванди тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, афзоиши ҷинояткорӣ, идома ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ таъсири худро мерасонид. Дар ин бора Ф. М. Қосимов менависад: «Имрӯз дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои мубрами мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бори дигар дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаҳои муносибсозӣ, самаранокии ташкил ва танзими ҳуқуқии шаклҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мубраму муҳимтар мешавад» [67, с.5].

Дар назди муассисаҳои таълимии ВКД чунин ихтисосҳо амал мекунанд:

- идоракунӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ;

- ФОҶ дар МКД;

- фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқии МКД;

- фаъолияти тафтишотӣ-криминалистии МКД;

- фаъолияти фармондеҳӣ дар фаъолияти ҚД МКД;

- фаъолияти оташнишонӣ дар СХДО.

Дар баробари таълим дар факултетҳои № 1,3,4-и Мактаби Олии ВКД, Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии СХДО, Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳристон, ҳайати шахсии ВКД аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси муҳлаташ 1-моҳа, 14-рӯза ва 10-рӯза гузашта, пеш аз супоридани санҷишу имтиҳонҳо соҳиби сертификат мегарданд.

А. Ш. Давлатшоева дар бораи вижагиҳои ташкили таълим дар муассисаҳои таълимии МКД менависад: «Масъалаи раванди таълиму тарбия, такмили ихтисос, дараҷаи касбияти кормандони МКД дар ҷаласаҳои оперативии ҳайати мушовараи назди вазири корҳои дохилӣ баррасӣ гардида, аз кормандони МКД оид ба донистани қонунгузорӣ, дастуру фармонҳои ВКД ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ санҷиш қабул карда мешавад» [53, с.49].

Самти асосии фаъолияти муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон рушди фарҳанги педагогӣ ва касбӣ дар байни кормандони милитсия мебошад. Фарҳанги педагогӣ ва касбии кормандони милитсия раванди бонизоми таълим, тарбия ва ташаккули руҳӣ - равонии кормандони милитсияро дар бар гирифта, ҳадафи асосии он ба принсипи мувофиқати касбӣ мутобиқгардонии он равона гардида буд. Дар тадқиқотҳои гуногуни педагогӣ - психологӣ мувофиқатии касбиро чунин муайян менамоянд: «Барои муайяннамоии «мувофиқатии касбӣ» аз давраҳои қадим истифодаи донишҳои илмию назариявӣ истифода мегардид. Ин гуна кӯшишҳо ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб дида мешуданд. Масалан, дар Мисри қадим корманд аз суҳбат мегузашт, ки дар ин раванд маълумотҳои тарҷумаҳолии ӯ, дараҷаи маълумотнокӣ,

хусусиятҳои физиологӣ ва тарзи суханрониаш муайян мегардид. Пас аз ин қобилият ва маҳорати корӣ, сатҳи муошırату муомила бо атрофиён ташхис мешуданд. Инчунин, санҷиш бо истифодаи оташ ва об гузаронида мешуд. Ин санҷишҳои сангин барои ашхосе, ки аз худ боварӣ надоштанд, боиси марг шуда метавонист» [81, с.23-52].

Дар муассисаҳои таълимии вазорату идораҳои Вазорати корҳои дохилӣ барои рушди фарҳанги касбии кормандони ояндаи мақомоти корҳои дохилӣ низоми бисёрсатҳаи омӯзишӣ ҷорӣ карда шудааст, ки омӯзиши назариявӣ, рушди малакаҳои амалӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолиятҳои илмӣ ва техникии курсантонро дар бар мегирад. Он инчунин таҷрибаомӯзии ҳатмӣ, ҳимояи рисолаҳо ва имтиҳонҳои ниҳоии давлатиро дар бар мегирад.

Вобаста ба ҷаҳонбинӣ, шавқу завқ ва истеъдод курсантони муассисаҳои таълимӣ дар курсҳои болоӣ ба амиқтар азхуд намудани ихтисосҳои фаъолияти маъмурии МКД, фаъолияти тафтишотии МКД, фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯйии МКД сафарбар мешаванд.

Дар Оинномаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун муассисаи олии таълимӣ шарҳи мазмуни таҳсилот чунин омадааст: «Мазмуни таҳсилот дар Академия барои худогоҳӣ ва ташаккули шахсият дар соҳаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нигаронида шуда, ҷиҳати инкишоф додани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии муосири таълимгирандагон, инчунин баланд бардоштани фарҳанги умумӣ ва касбӣ, соҳиб шудан ба ихтисос ва касби мувофиқ, таҷдиди иқтидори кадрии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона карда шудааст» [18].

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди гузаронидани ислоҳотро дар соҳаи маориф инкишоф дода, фаъолияти тамоми муассисҳои таълимии ҷумҳуриро ба стандартҳои давлатии таълимӣ мувофиқ гардонд. Дар ин маврид, Н. Х. Зарифов менависад: «Баъди ба даст даровардани Истиқлолияти давлатӣ дар натиҷаи амалигардонии

ислоҳот дар соҳаи миллии низоми маориф ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқнамоии он зарурияти омӯзиши таҷрибаи таърихии азнавсозии низоми маорифи халқ ба вуҷуд омад» [158, с.3].

Раванди таълим бо тартиби муқарраргашта ва ворид намудани тағйиру иловаҳо дар мавриди зарурӣ ба нақшаҳои таълимии ВКД ва Вазорати маориф ва илм таҳсил дар Академияи ВКД амалӣ мегардад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки масоили омодасозии кадрҳо дар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ ба мушкилиҳо рӯбарӯ гардид. Кормандони МКД дар шароити нави таърихӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ шиносоӣ пайдо карда, кӯшиш менамуданд, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ фаъолона ширкат намоянд. Роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба самти кор бо ҳайати шахсии Мактаби Олии ВКД ва муассисаҳои таълимӣ диққати махсус зоҳир менамуд. Ҳайати мушовараи ВКД дар ҷаласаҳои худ омӯзиши муҳити ахлоқӣ-психологиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба тайёрии касбии ҳайати шахсӣ аҳаммияти ҷиддӣ медоданд.

Низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти ҷамъиятӣ-давлатӣ дошта, дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории миллӣ амалӣ мегардад. Бояд махсус қайд намуд, ки Вазорати маориф ва илм дар таъсиси муассисаҳои таълимии ВКД нақши махсус дорад.

Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба ахлоқи касбии кормандони МКД як қатор дастурамалу фармонҳо ба тасвиб расонида шудааст. Масалан, Фармон таҳти № 1 аз 01.01.2006, «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон» заминаи ба роҳ мондани муоширати кормандони МКД ва дигар ниҳодҳои давлатиро бо шаҳрвандон муайян менамояд.

Муҳтавои фармони мазкур чунин аст: «Яке аз самтҳои афзалиятноки он, таҳкими қонуният ва интизом дар байни ҳайати

шахсии МКД ва хизматчиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ, хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати онҳо дар муомила бо шаҳрвандон ба шумор меравад.

Поквиҷдонӣ, маданияти баланд, иҷроиши бечунучарои талаботи қонун дар мувофиқат бо софдилона адо намудани қарзи хизматии худ, ҷасорат ва мардонагӣ дар муборизаи беамон бар зидди ҷинояткорӣ, роҳ надодан ба поймолсозии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, бояд аз сифатҳои ҳатмии ҳар як корманди МКД ва хизматчиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ қарор дода шавад» [20].

Ҳамаи инро ба инобат гирифта, дар муассисаҳои таълимии ВКД фанни этикаи касбӣ ва маданияти эстетикии кормандони милитсия ҷорӣ карда шуд. Дар ҳамин радиф кормандон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии ВКД, як қатор маводҳои таълимӣ нашр карданд. Аз ҷумла барномаи таълимии Б. С. Асламов ва К. С. Саидолимов [39], Р. А. Абдуллоев [29], С. Б. Мирзоев ва Ф. Р. Шарипов [74], Д. П. Ҳайдарзода [126], Ҷ. Ҷ. Бойзода [45], Б. С. Асламов ва Ҷ. Ҷ. Боев [38], К. Ҳ. Солиев, А. М. Мансурзода [113] ва дигарон. Интишороти маводи таълимӣ ва илмӣ ба мустаҳкам намудани ахлоқи касбӣ ва маданияти эстетикии кормандони МКД равона гардида, ба баланд бардоштани касбияти фарҳангии онҳо нигаронида шуда буд.

Дар заминаи маводҳои таълимии Академия ва дар мувофиқа бо ВКД дар тамоми раёсатҳо ва ШВКД-ҳо дарси хизматӣ дар мавзуи «Ахлоқи касбии корманди милитсия ва талаботҳои рӯзмарраи он» ташкил ва гузаронида шуд, ки ин баҳри баланд бардоштани фарҳанги касбии кормандони милитсия равона карда шуда буд. Ҳамзамон, аз ҷониби кормандони фаъоли милитсия доир ба ин мавзуъ мақолаҳои илмӣ-оммавӣ дар маҷаллаву рӯзномаҳои даврии ватанӣ ба нашр расонида шуданд.

Дар назди ВКД ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷаллаҳои илмӣ, «Осори Академияи ВКД», маҷаллаи байнидавлатии

ИДМ «Наркофронт», маҷаллаи «Кофтукови ҷиноятӣ», рӯзномаҳои «Сипар», «Қонун ва ҷомеа» ва «Набзи милитсия» бо ду забон нашр гардида, мавриди истифодаи кормандони милитсия ва доираи васеи хонандагон қарор дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки маҷаллаи илмии «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 178/ 041 С97 аз 08.02.2021 ба қайд гирифта шуда, аз соли 1998 инҷониб нашр мегардад. Дар мураттабсозии он олимону омӯзгорони Академия, аз қабили Каххоров А.А., Қурбонов Ю.А., Абдулов А.М., Солиев К.Х., Ғафуров М.Х., Миров С., Асламов Б.С., Каримова Л.М. ва дигарон саҳми назаррас доранд. Соли 2015 маҷаллаи «Осори илмии Академияи ВКД» ба шохиси иқтибосовари илмӣ-тақризии Россия (РИНЦ) ворид карда шуда, 6-уми июни соли 2016 ба феҳристи нашрияҳои тақризии илмии КОА Федератсияи Россия ворид гардид. 29-уми ноябри соли 2018 бошад, ба феҳристи нашрияи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд. Айни ҳол Раисии Шурои таҳририи маҷалларо Вазири корҳои дохилӣ Раҳимзода Р.Ҳ. ба уҳда дорад.

Маҷаллаи илмӣ ва иттилоотию таҳлилии байнидавлатии «Наркофронт» соли 2017 ташкил ёфта, таҳти № 007 МЧ -97 аз 20. 06. 2017 дар Вазорати фарҳанг ба қайд гирифта шудааст. Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр гардида, дар фазои ИДМ паҳн мегардад. Сармуҳаррири он вазири корҳои дохилӣ мебошад. Рӯзномаи «Қонун ва ҷомеа» аз 6-уми феврали соли 2008 нашр гардида, моҳи феврали 2008 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №001-4664 ба қайд гирифта шудааст, ки сармуҳаррири он низ вазири корҳои дохилӣ мебошад. Рӯзнома ҳафтае 1 маротиба ба нашр мерасад.

Рӯзномаи «Набзи милитсия» дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №242/РЗ-97 аз 12-уми апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст. Рӯзнома моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

нашр мешавад. Ҳамчунин, вобаста ба таҷлили Рӯзи милитсияи тоҷик маҷаллаи илмӣ-тарғиботии «Дастовардҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба нашр мерасад. Ғайр аз ин, ҳамасола аз ҷониби ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли китоб «Маҷмуи дастовардҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашр мегардад, ки масъалаҳои муҳими ВКД-ро фаро мегирад. Аз ҷумла:

- дастгирӣ ва ғамхории Пешвои миллат нисбат ба кормандони МКД;

- ташаббусҳои Вазири корҳои дохилӣ;

- иншоотҳои бунёдгардида;

- кумакҳои моддӣ ба собиқадорон, нафақахӯрон, иштирокчиёни ҶБВ, оилаҳои кормандони зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ фавтида ва маъюбон;

- ба истироҳатгоҳҳо сафарбар намудани кормандон ва нафақахӯрон;

- таҳия ва татбиқи барномаҳо барои ташкили чорабиниҳои варзишии дорои аҳамияти гуногун;

- дастовардҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар сатҳи байналмилалӣ;

- маводҳои чопӣ барои мақсадҳои таълимӣ ва илмӣ;

- баргузории конференсия, семинар ва мизҳои мудаввар вобаста ба масъалаҳои мубрам;

- такмили ихтисос;

- тақризҳо ба диссертатсияҳо ва авторефератҳо;

- иштирок дар озмунҳои академиявӣ ва ҷумҳуриявӣ;

- фаъолияти ҷамъиятҳои илмии курсантон;

- дигаргуниҳои раванди таълим дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ гардонидани корҳои созандагӣ ва бунёдкорӣ дар факултаи №4-и Академия;

- беҳтар гардонидани шароити таҳсил дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон [73, с.3-332].

Яке аз равандҳои асосии дигари таълим ин такмили ихтисо мебошад. Тибқи нақшаҳои асосӣ ва иловагӣ, инчунин вобаста ба иҷроиши бандҳои дахлдори қарорҳои Мушовараи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои оперативӣ-хизматии назди роҳбарияти Вазорат дар давраи ҳисоботии соли 2024 дар Академия курсҳои такмили ихтисоси зерин амалӣ гардонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи 623 нафар кормандон дар заминаи факултетҳои №3 ва №4 Академияи ВКД аз курсҳои 1 моҳа, 3 моҳа ва кӯтоҳмуддати такмили ихтисос гузаронида шудаанд.

Дар ҳамин сол 344 нафар кормандон дар чунин курсҳо иштирок намуда, соҳиби сертификатҳо гардида буданд.

Ҳамзамон, дар заминаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ бо кормандони ҷузъу томи РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори протоколи Комиссияи аттестатсионии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2023, №1 аз 26 феврал то 9 марти соли 2024 шумораи 40 нафар ва 11 март то 29 марти соли 2024 шумораи 38 нафар, аз 1 апрел то 13 апрели соли 2024, шумораи 37 нафар, аз 15 то 27 апрели соли 2024, шумораи 35 нафар, аз 29 апрел то 11 майи соли 2024 шумораи 37 нафар ва аз 13 то 25 май соли 2024, шумораи 37 нафар, дар умум 224 нафар кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ ба курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос даъват гардида, ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар охири курсҳои кӯтоҳмуддат аз тарфи комиссияи дахлдор аз кормандон санҷиш гирифта шуда, натиҷааш ба унвони Вазири корҳои дохилӣ пешниҳод гардидааст.

Инчунин дар асосӣ нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ, барои гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ  дар самти амалияи маъмурӣ ва адлияиноболиғон шумораи 60 нафар муовинони сардори ШВКД-ҳои шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ оид ба самти оперативӣ ва кор бо ҳайати шахсӣ дар заминаи факултети №6 Академияи ВКД бо ҷалби омӯзгорони пуртаҷрибаи Академия ва

сардорони раёсатҳо ба курси кутоҳмуддати такмили ихтисос ҷалб гардиданд.

Дар ин давра 15 нафар кормандони самти оперативӣ аз мақомоти СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 май то 8 июни соли 2024 ба курсҳои кутоҳмуддати такмили ихтисос дар самти омӯзши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Дар омодасозии кадрҳои МКД дар муассисаҳои таълимии ВКД дар баробари пешбурди корҳои таълимӣ ва риояи интизоми хизматӣ, ба иҷрои қонуният диққати зарурӣ дода мешавад. Ҳайати профессорону омӯзгорон дар омодасозии кадрҳо барои талаботи МКД аз шаклу усулҳои гуногуни таълимӣ ва тарбиявӣ, аз қабили эътимод фаъолона истифода мебаранд. Қисми муҳимми раванди корҳои тарбиявиро истифода ва гузаронидани машқҳо, ҳавасмандгардонӣ ва мукофотдиҳӣ ташкил медиҳад. Махсусан, усули боварикунонии кормандони МКД ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ин усули маъмулӣ буда, дар кормандони милитсия иҷрои софдилонаи вазифаҳои хизматӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ - сиёсӣ ва психологӣ-касбиро тарбия менамояд. «Қувваи таъсиррасонӣ ва боварикунонӣ ба ҳаёт вобастагӣ дошта, вазифаҳои дар назди МКД мавҷудбударо ба таври мушаххас иҷро менамояд» [87, с.159].

Маҳз усули боварикунонӣ шавқу завқи шунаванда ва курсантонро ба омӯзиши фанҳои таълимӣ бедор намуда, дар мустаҳкам намудани интизоми хизматӣ саҳми калон мегузорад. Аз ҷумла, усули боварикунонӣ «нисбат ба кормандони милитсия (курсантон, шунавандагон) чораҳои зерини ҳавасмандгардонӣ истифода мешаванд:

- эълон кардани сипоснома;
- мукофотонидан бо тухфаи қимматбаҳо ва ё маблағи пулӣ;
- ворид намудан ба китоби фахрии ВКД;
- ворид намудан ба лавҳаи фахрӣ;
- сарфароз гардонидан бо нишони сарисинагии МКД;
- пеш аз муҳлат додани рутбаи махсус;

- додани рутбаи махсуси навбатӣ як зина болотар аз рутбае, ки мувофиқи вазифаи штатии ишғолкарда пешбинӣ гардидааст;

- мукофотонидан бо силоҳи номӣ (Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ»);

- барои хизматҳои шоиста сарфарозгардонӣ ба мукофотҳои давлатӣ.

Шунавандагон ва курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намудҳои зерини ҳавасмандгардонӣ сарфароз мегарданд:

- расмгирӣ дар назди парчами афрохташудаи муассисаҳои таълимӣ;

- фиристодани раҳматнома ба волидайн;

- баланд бардоштани ҳаҷми идрорпулӣ;

- пешниҳод намудани рухсатии кӯтоҳмуддат;

- пеш аз муҳлат бекор кардани ҷазои интизомӣ» [23, с.5-6].

Бояд ёдрас шавем, ки «фаъолияти муназзами муассисаҳои таълимии ВКД дар асоси як қатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ба роҳ монда шудааст» [98, с.24-25].

Вобаста ба талабот ва эҳтиёҷоти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар заминаи ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ омодасозии мутахассисон аз рӯи самтҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, назорати маводи нашъадор ва назорати давлатии мубориза ба коррупсия амалӣ гардонида мешавад.

Масалан, соли 2024 масъалаҳои раванди таълиму тарбия дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон ва ҷаласаҳои оперативӣ-хизматии назди сардори Академия, ҷаласаҳои факултетҳо ва кафедраҳо баррасӣ гардидаанд, ки онҳо ба баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии шунавандагону курсантон, сатҳу сифати таълим ва беҳбудии дигар самтҳои фаъолияти Академия равона шудаанд.

Дар марҳалаи макур 13 ҷаласаи оперативӣ-хизматӣ дар назди роҳбарият, 11 ҷаласаи Шӯрои олимон баргузор гардид, ки дар онҳо

зиёда аз 74 масъалаҳои гуногун баррасӣ гардида, беш аз 144 қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст.

Барои дар амал татбиқ намудани бандҳои дахлдори қарорҳои Мушовараи ВКД, протоколи ҷаласаҳои оперативии назди Вазири корҳои дохилӣ, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, ки бевосита ба раванди таълиму тарбияи курсантону шунавандагон ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси касбӣ равона гардидаанд, мунтазам чораҳои зарурӣ андешида шуда ва иҷроиши он таҳти назорати доимии роҳбарияти Академия қарор дошт.

Аз тарафи кормандони шуъбаи таълим тибқи дархости шаҳрвандон ба шумораи 5 нафар мурочиаткунадагон ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ оид ба таҳсилот ба таври такрорӣ аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда шуда, тибқи талаботи пешбинишуда ба расмият даровaрда шудааст.

Дар соли мазкур сабабҳо аз сафи ҳайати курсантону шунавандагони Академия хориҷ гардида 22 нафар, бо хоҳиши худ 87 нафар, барои вайрон намудани интизоми хизматӣ 100 нафар, барои қарзи академӣ 22 нафар, инчунин ба 17 нафар рухсатии академӣ дода шудааст. Дар ин давра 131 нафар барои идомаи таҳсил барқарор гардидаанд.

Барои муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ташаккули худшиносӣ ва шуурнокии курсантон ва шунавандагон дар мадди аввал меистод. «Худшиносӣ ин маҷмуи равандҳои руҳӣ буда, тавассути он фард худро ба сифати субъекти фаъолият дарк менамояд. Худшиносӣ шакли олии шуурнокӣ буда, шуури инсон бе он арзи вуҷуд карда наметавонад» [121, с.29].

Курсантони дорои намуди синтетикӣ ба ҳодисаву предметҳо ба таври умумӣ назар карда, онро таҳлил наменамоянд. Курсантони дорои хусусияти таҳлилӣ-синтетикӣ бошад, ба ҷиҳатҳои умумӣ ва ҷузъиёти он ба назари таҳлил менигаранд. Курсантони тарзи таҳлилӣ бошад, танҳо ба далели ҷузъиёти ашё аҳаммият медиҳанд. Курсантони намуди

эмотсионалӣ бошад, аз рӯйи эҳсос ба ашё ва предметҳо аҳаммият медиҳанд. Бинобар ин, барои ташаккули корманди милитсия дар Академияи ВКД фанни «Равоншиносии ҳуқуқӣ» ҷорӣ гардид. Фанни мазкур имконият дод, ки ба курсантон ҷанбаҳои равонии шахсият ва ҷомеа омӯзонида шавад, ҳамзамон имконияти омӯзиши психологияи ҷинояткориро ба вуҷуд овард, ки дар замони муосир хеле мубрам аст. Дар ин маврид, Ҷ. З. Маҷидзода қайд менамояд, ки: «Дар охири солҳои 80-уми асри гузашта, вазъи ҷинояткорӣ дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз лиҳози таъсиррасонӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, махсусан аз тарафи ҷинояткорони замони «бозсозӣ» рӯз аз рӯз вазнин шуда, шакли муташаккилонаро гирифт, вале барои пешгирии он сохторҳои давлатӣ чораандешӣ намекарданд. Аз сабаби таҷрибаи зарурӣ надоштани кормандони милитсия, дар ин соҳаи фаъолият, иҷрои талаботи фармонҳо дар мубориза бар зидди ин хатарҳо таъсирбахш набуд» [72, с.5].

Қайд намудан бамаврид аст, ки раванди пурраи корҳои таълимӣ - тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии ВКД асосан ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Дар ин бора Р. Ҳ. Раҳимзода қайд менамояд, ки: «Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ барои Тоҷикистони тозаистиқлол мушкилиҳои зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба бор овард. Чунин мушкилиҳо тамоми соҳаҳои иқтисодии кишвар, хусусан соҳаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, маданӣ ва ғайраро фаро гирифт» [97, с.3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дастовардҳои назарраси таълимӣ, илмӣ – тадқиқотӣ ва тарбиявии муассисаҳои таълимии ВКД бояд ба касбияти фаъолияти кормандони милитсия мутобиқат дошта бошанд. Як гурӯҳ муҳаққиқони соҳавӣ ба он назаранд, ки: «Васеъ намудани доираи дастрасии таълим, чуноне ки тадқиқот ва таҷрибаҳои фаъолияти омӯзгорони пешқадам нишон медиҳанд, бо роҳи такмили ташкил ва

методикаи равиши таълим, инкишофи фаъолияти фикрии таълимгирандагон вобаста аст» [84, с.66].

Вобаста ба талабот ва эҳтиёҷоти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар заминаи ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ омодасозии мутахассисон аз рӯи самтҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, назорати маводи нашъадор ва назорати давлатии мубориза ба коррупсия амалӣ гардонида мешавад. Яке аз масъаллаҳои асосии фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии муассисаҳои олии кишварро таъмини иқтидори илмӣ-тадқиқотии онҳо муайян менамояд. Масалан, соли 2022 дар Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон  24 кафедраҳо ба таълиму тарбияи курсантону шунавандагон машғул буда, фаъолияти таълимиро дар Академия амалӣ менамуданд. Дар Академияи ВКД аз ҳисоби кормандони доимӣ 3 докторони илм, 34 номзадони илм фаъолият менамоянд, ки аз онҳо: дотсентон - 9 нафар, занҳо - 5 нафар, олимони ҷавон - 7 нафарро ташкил медоданд. Соли 2023 бошад дар муассисса  3 докторони илм, 37 номзадони илм фаъолият менамоянд, ки аз онҳо: дотсентон - 10 нафар, занҳо - 4 нафар, олимони ҷавон - 10 нафар, соли 2024 2 докторони илм, 37 номзадони илм фаъолият менамоянд, ки аз онҳо: дотсентон - 11 нафар, занҳо - 4 нафар, олимони ҷавон - 8 нафар, соли 2025 бошад доимӣ 3 докторони илм, 38 номзадони илм фаъолият менамоянд, ки аз онҳо: дотсентон - 11 нафар, занҳо - 4 нафар, олимони ҷавон - 10 нафарро ташкил додааст.

Ҳамин тариқ, фаъолияти таълимӣ-илмӣ ва таҳқиқотии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ба таври густурда ба роҳ монда шуда, сифати таълим давра ба давра баланд гардид. Дар ин давра, аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси лоиҳаҳои пешниҳоднамуда анҷом дода шуданд. Махсусан, дар ин давра лоиҳаҳои илмии пешниҳоднамудаи муассисаҳои таълимии МКД қайд намудан лозим аст, ки ҳам дар дозили

кишвар ва ҳам дар хориҷ қабул гардида, ба пешрафти муассисаҳои таълимии ВКД ва омоданамоии кадрҳои МКД равона гардида буданд.

# БОБИ II. ИНКИШОФИ РАВАНДИ ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ КАСБӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

## 2.1. Омилҳо ва раванди ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ

Марҳилаҳои таърихӣ ва раванди омода намудани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармону дастурамалҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гардида, омили муҳимми ташкили раванди таълим ба шумор меравад. Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми ташаккули шахсияти кормандони милитсия дар рафти омодасозии кадрҳо, ба қавли муҳаққиқон А. Қ. Рустамзода ва У. А. Азимӣ, ин «Шаклҳо ва усулҳои асосии кори инфиродӣ бо кормандони МКД маҳсуб меёбад. Самаранокии кори тарбиявӣ аз ҷониби сардорони мақомоти ҳудудии корҳои дохилӣ, роҳнамоён гузаронида мешавад, бештар аз маҳорати онҳо дар эҷодкорона татбиқ намудани шаклҳо ва усулҳои гуногуни таъсир ба кормандон вобаста аст» [109, с.15].

Ба ақидаи педагогҳои ватанӣ Ф. Шарифзода ва А. М. Миралиев, дар шароити муосир дар муассисаҳои таълимӣ бояд заминаҳои гуманизатсияи таҳсилот ҷорӣ гардад [128, с.148]. Хусусияти муҳимми омили ташаккулдиҳандаи раванди таълим дар МКД ба принсипҳои идоракунии МКД робитаи пайваста дорад. Дар ин замина, муҳаққиқони самти идоракунии МКД, принсипҳои зеринро мисол оварда, фаъолияти минбаъдаи таълиму тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро ба он рабт медиҳанд. «Ба ин принсипҳо дохил мешаванд, аз ҷумла, қонуният, инсондӯстӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, ошкорбаёнӣ, асосҳои илмӣ. Махсусан, принсипи асосҳои таълимӣ дар идоракунии иҷтимоӣ ба илмҳои иҷтимоӣ, кибернетика ва психология мувофиқ гардонида мешуданд» [120, с.9-10].

Раванди таълим дар Академияи ВКД, ин фаъолияти мақсадноки ҳайати роҳбарикунанда, профессорону омӯзгорон, сардорони қисмҳои таълимию ёрирасон, ҳайати маъмурию хоҷагидорӣ ва курсантону

шунавандагон маҳсуб мешавад. Мақсади раванди таълим ин қонеъ гардонидани талаботи МКД бо мутахассисони ҳаматарафа ташаккулёфтае мебошад, ки онҳо дар рушду нумӯъ ва пешрафту тараққиёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд ва манфиатҳои ҷамъияту давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро аз кирдорҳои ҷинояткорона муҳофизат карда тавонанд.

Яке аз қисматҳои асосии раванди таълимро ташкили корҳои таълимӣ дар бар мегирад. Кори таълимӣ мутобиқи нақшаи таълимӣ ва барномаҳои тайёр намудани мутахассисон аз рӯи тахассусҳои муайяншуда тартиб дода мешавад ва он бояд ягонагии таълиму тарбия, алоқаи байни назария ва амалияро таъмин намояд.

Кори таълимӣ дар Академия, дар шакли дарсҳои таълимӣ ва корҳои мустақилонаи курсантону шунавандагон таҳти роҳбарии ҳайати профессорону омӯзгорон ташкил ва гузаронида мешавад. Бо ин мақсад дар кафедраҳо барои иҷрои корҳои гуногуни таълимӣ, омӯзгорон дар шакли кормандони асосӣ, ҳамкор (дохилӣ ё берунӣ) ва соатбайъ фаъолияткунанда ҷалб карда шуда буданд.

Омӯзиш ва раванди таълим дар МКД дар шароити Истиқлолияти давлатӣ бояд аз рӯи мавқеи диалектикии раванди шахсият ба курсантон ва шунавандагон омӯзонида шавад. Дар ин масъала П. Я. Галперин қайд намудааст, ки: «Фаҳмиши рух аз мавқеи диалектикӣ бояд аз ҷиҳати назариявӣ ва эксперименталӣ дар амал татбиқ гардад. Барои асоснокии назариявии он аҳаммияти бузургро таълимотҳои Л. С. Вигосский дар бораи пайдоиши табиати олии функсияҳои психика, таълимоти А. Н. Леонтев ва С.Л. Рубинштейн дар бораи муносибати психика ба фаъолияти беруна бо номи «Масоили фаъолият дар психология татбиқ мегардиданд» [50, с.24-25].

Барои дар амал татбиқ намудани талаботи психологӣ ва педагогӣ ҳайати профессорон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз курсҳои омӯзишии фанни педагогика ва психология дар кафедраи педагогикаи ҳозираи Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон мегузаштанд. Зарурияти гузаронидани чунин омӯзишҳо ба он оварда мерасонд, ки дараҷаи тахассусии ҳайати профессорону омӯзгорон баланд бардошта мешуд. Шароити зарурии фаъолияти МКД ба якчанд омилҳои муҳим, аз қабили омили ҳуқуқӣ, омили ахлоқӣ ва эстетикӣ вобастагӣ дошт. Махсусан, барои ба низом даровардани омили ҳуқуқӣ теъдоди зиёди фармону дастурамалҳо барои фаъолияти минбаъдаи раванди таълим ба муассисаҳои таълимии ВКД ирсол мегардиданд, ки чанде аз онҳоро баррасӣ менамоем:

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №037 б/з, аз 01.08.2006 «Оиди тасдиқ намудани Дастурамал дар бораи тартиби интихоби номзадҳо барои хизмат дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Дар дастурамал расмиёти интихоби номзадҳо барои хизмат дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифат ва хусусиятҳои хосе, ки бояд номзад дошта бошад, инчунин дигар талаботҳо вобаста ба шахсияти номзад пешбинӣ шудааст.

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми феврали соли 2006, таҳти №94 оиди тасдиқ намудани «Дастурамал дар бораи тартиби ба расмиятдарории маводҳо ҷиҳати сазовор гардидан ба рутбаҳои махсуси ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон».

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 784, аз 22-юми ноябри соли 2006, «Доир ба тасдиқ кардани Низомнома дар бораи тайёр намудани мутахассисон дар асоси шартнома дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон».

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №106, аз 15-уми феврали соли 2006, «Дар бораи тартиби қабул ба хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ». Фармони мазкур тартиби махсуси қабули шаҳрвандонро ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ ва талаботро нисбат ба номзадон муайян менамояд.

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №125, аз 20-уми феврали соли 2006, «Дар бораи ташкил намудани ҳимояи ҳуқуқии ҳайати

шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Фармони мазкур тадбирҳои мушаххасро баҳри ҳимояи ҳаёт, саломатӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҳайати шахсии МКД муқаррар мекунад.

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон №200 б/з аз 20-уми марти соли 2006, «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома оид ба роҳнамоӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Роҳнамоӣ дар МКД усули фардии омӯзиши касбӣ, тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқии ашхоси ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунанда мебошад. Мақсади роҳнамоӣ дар МКД, расонидани ёрӣ ба кормандон, ҷиҳати тайёрии касбӣ, баланд бардоштани малакаи хизматӣ ва хислатҳои шоиста мебошад.

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон № 215 б/з аз 31-уми марти 2006, «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оиди тартиби таъсис додани захираи кадрҳои роҳбарикунанда дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон».

- фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон № 240 б/з аз 12-уми апрели 2006, «Оид ба тасдиқи Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани санҷиши хизматӣ, вобаста ба ҳолатҳои риоя накардани қонуният, интизоми хизматӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ҳайати шахсии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» [172].

Сифати баланди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иҷрои саривақтии фармону дастурамалҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Хусусияти хоси омодасозии кадрҳо барои МКД аз лиҳози ташкили кори кадрӣ ба ҷиҳатҳои зерин алоқамандӣ дошт:

- дар мувофиқа бо ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ оид ба тарғибу ташвиқ барои интихоби номзадҳо барои таҳсил ба шаҳру ноҳияҳои кишвар фиристода мешуданд;

- интихоби номзадҳо тавассути дастгоҳҳои кадрии ШВКД-ҳо ба роҳ монда шуда, нисбати номзадҳо парвандаҳои омӯзишӣ - таълимӣ тартиб дода мешавад;

- парвандаҳои омодагардидаи тамоми номзадҳо барои таҳсил аз ШВКД-ҳо ба РВКД вилоятҳо ирсол гардида, аз Комиссияи тиббии ҳарбӣ мегузаранд;

- парвандаҳо ба шуъбаи муассисаҳои таълимии РК ва КҲШ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши махсус ворид мегарданд;

- сипас парвандаҳо баъд аз омӯзиши махсуси довталабон бо парвандаашон барои супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мешаванд.

Солҳои аввали фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, довталабон аз фанни омодагии ҷисмонӣ, меъёрҳои муқарраршудаи варзиширо супорида, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик иншо ва аз фанҳои таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ имтиҳони шифоҳӣ месупориданд. Бо гузаштан ба низоми кредитии таҳсил довталабон аз фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва таърихи халқи тоҷик аз озмоиши тестӣ мегузаштанд.

Баъди гузаштан аз имтиҳонҳои қабул бо фармони сардорони муассисаҳои таълимӣ ба ҳайси курсант ва шунаванда ба муассисаҳои таълимӣ қабул мегардиданд. Сипас дар асоси фармони сардорони муассисаҳои таълимӣ дар мувофиқа бо Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон курсантон ба муҳлати 45-рӯз ба ҷамъомади таълимӣ-саҳроӣ сафарбар карда мешаванд [127].

Дар ҷамъомади таълимӣ-саҳроӣ дар маҷмуъ 160 соат машғулият дар самтҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- оинномаҳои Қувваҳои мусаллаҳ ва МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тайёрии сафоройӣ;
- тайёрии оташфишонӣ;
- тайёрии ҷисмонӣ;
- тайёрии тактикӣ;
- маҳалнигории ҳарбӣ (топография);
- мудофиаи гражданӣ;
- тайёрии тиббӣ.

Мусаллам аст, ки идоракунии фаъолияти МКД ба заминаи омодасозии кадрҳо вобастагии зич доранд. Дар ҳамин асос, аз рӯзҳои аввал дар машқҳои таълимӣ-саҳроӣ заминаи ташаккули шахсиятиояндаи корманди МКД гузошта мешавад. Бинобар ақидаи Ю. К. Бабанский раванди ташкили кори таълиму тарбия ин «пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба ташаккули шахсияти хонандагон равона буда, ба онҳо на танҳо дониш, маҳорату малака, балки мустақилона фикр намудан ва дуруст ҷудо намудани иттилооти илмӣ ва сиёсиро меомӯзонанд» [56, с.149].

Соли 2022 дар Академия 3834 (4096 - ҳамин давраи соли 2021) нафар курсантону шунавандагон таҳсил менамоянд, ки аз ин шумора 1783 (1885) нафар буҷавӣ, 2053 (2211) нафар шартномавӣ, аз ҷумла 184 (205) нафар занҳо 19 (21) нафар ятими кул, 107 (97) нафар бе падар, 32 (22) нафар бе модар, 37 (45) нафар фарзандони кормандони ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ фавтида, 4 (7) нафар хатмкардагони хона-интернатҳо буданд. Соли 2023 бошад 3639 нафар курсантону шунавандагон таҳсил менамоянд, ки аз ин шумора 1704 (1790) нафар буҷавӣ, 1723 (1883) нафар шартномавӣ, аз ҷумла 174 (185) нафар занҳо 21 (17) нафар ятими кул, 94 (95) нафар бе падар, 24 (19) нафар бе модар, 33 (20) нафар фарзандони кормандони ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ фавтида, 1 (4) нафар хатмкардагони хона-интернатҳо буданд.

Дар масъалаҳои корҳои тарбиявӣ ва дастгирии молиявии кормандон ва курсантон саҳми Шуъбаи молиявӣ-иқтисодии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи таъминотӣ низ калон буда, таъмини пардохти саривақтии музди меҳнатро бо пуррагӣ иҷро намуда истода, истифодаи сарфакорона ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва суратҳисоби махсусро таъмин карда истодааст. Кормандони шуъбаи таъминотӣ дар фаъолияти худ диққати аввалиндараҷаро баҳри баланд бардоштани шароити таҳсил, зист ва таъминоти ҳайати доимӣ ва тағйирёбандаи Академия равона кардаанд. Шинонидани дарахтони сояафкану

мевадиҳанда ва гулу буттаҳои ороишӣ дар ҳудуди дохил ва гирду атрофи Академия то ба имрӯз идома дорад.

Ба тарбияи солимгардонӣ бошад кормандони шуъбаи тиббии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бориз доранд. Дар соли 2022 кормандони шуъбаи тиббии Академия тамоми кӯшишу ғайрати худро баҳри боз ҳам беҳтару хубтар гаштани фаъолияти корӣ равона намуда, ҳамарӯза дар хизмати ҳайати доимӣ ва тағирёбанда қарор доранд. Дар ин давра шуъба аз рӯи нақшаи чорабиниҳои асосии Академия ва нақшаи кории шуъбаи тиббӣ амал намуда, аз тарафи кормандони он як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

Дар соли 2022 ба шуъбаи тиббии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 305 нафар беморон муроҷиат карданд, ки аз онҳо 205 нафарашон барои ташхису таҳлилҳо ба дармонгоҳҳо равона карда шуданд. 100 нафар беморон бо ташхисҳои гуногун дар қайди дафтари диспансерӣ ба қайд гирифта шуданд.

Муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи меъёрҳои муосир фаъолият мекунанд, ки ин аз демократикунонии ҷомеа сарчашма мегирад. Ин намуди фаъолият аз фаъолияти пешинаи МКД бо ақидаи профессор А. Н. Роша комилан фарқ мекунад. Ӯ қайд намудааст, ки: «Дар фаъолияти идоравии МКД бештар усулҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву психологӣ истифода мегарданд. Дар муҳлати зиёд дар идоракунии МКД бештар усули фармондеҳӣ, маъмурӣ истифода мегардид. Дар ин асос камбудиҳо дар интихоб, ҷобаҷокунӣ, таълим ва тарбияи кормандон ба амал меомад» [108, с.3]. Заминаҳои ташаккулдиҳандаи тарбия, ба ақидаи педогог В. А Сухомлинский, тарбияи меҳнатии онҳо ба шумор меравад. Аз ҷумла, ӯ қайд менамояд, ки: «Тарбияи меҳнатӣ асоси омодасозии амалии насли наврас барои иштирок дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ буда, дар маҷмуъ ҳамчун унсурҳои асосии тарбияи ахлоқӣ, интелектуалӣ ва эстетикӣ баромад мекунад» [56, с.301].

Дар радифи мутафаккиронии Аврупо ва Русия мутафаккирони форсу тоҷик низ, оид ба масъалаи таълиму тарбия, инкишофи артиш ва қушун, афкори илмӣ ва бадеии худро пешниҳод намудаанд. Яке аз барҷастатарини намунаҳои он «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ мебошад. Дар ин бора профессор Г.Н. Зокиров менависад: «Маънию мазмуни тамоми офаридаҳои А.Фирдавсиро тараннум ва ситоиши кишвар, даъват ба ягонагӣ ва ваҳдати қувваҳои гуногуни мамлакат ташкил медиҳад. Ӯ тарафдори ҳокимияти пурқуввату мутамарказест, ки қудрати рафъи ҳама гуна дахолати берун ва шикасти дохиларо дошта бошад» [61, с.69].

Дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик, аз қабили Абурайҳон Берунӣ, Абуали ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон мавзуи ташаккулёбии шахсият, ҷасорат, ҷавонмардӣ, ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу буми аҷдодӣ мавзуъҳои муҳим буда, дар тарбияи маънавии курсантон, шунавандагон, рекуртон ва афсарон нақши муассир мебозад.

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик К. Б. Қодиров «донишҳои педагогӣ ва афкори педагогӣ ба қадимтарин соҳаҳои тафаккури инсонӣ тааллуқ доранд. Барои ҳамин, аввалин идеяҳои педагогӣ бо пайдоиши ҷамъияти инсонӣ алоқаманд мебошад. Ин ҷиҳат инкишофи афкори педагогиро бо протсесси умумии таърихи ҷамъият, яъне инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, муносибатҳои истеҳсолӣ ва инкишофи ҳаёти маданию илм тавъам мегардонад» [66, с.10].

Низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ВКД аз замони шуравӣ ташаккул ёфта, дар шароити Истиқлолияти давлатӣ рушд намуд. Муҳаққиқони низоми таълимии ВКД ИҶШС А. В. Талантов ва Л. К. Суворов менависанд: «Омили ҳалкунандаи тайёр намудани мутахассисон ба сифати омодагии идеявӣ-назариявӣ, методӣ, дараҷаи илмии ҳайати

професcорону омӯзгорон, ҳамчунин фарҳанги умумӣ ва идроки онҳо вобаста аст» [116, с.7].

Маврид ба зикр мебошад, ки мақсади асосии таълим дар муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли донишҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ ба курсантон-шунавандагон мебошад. Ҳамчунин, оид ба ин масъала муҳаққиқони соҳаи равоншиносӣ Л. М. Фридман ва Волков К.Н. чунин андешаронӣ намудаанд: «Дар шароити муосир бо мақсади ташаккули шахсияти хонандагон шаклу воситаҳои гуногуни тарбия истифода мегарданд ва дар ташаккули шахсияти курсантону шунавандагон нақши асосиро таълим мебозад, ки зери таъсири он дониш, маҳорату малакаи донишҷӯён дар коллектив сифатан тағйир меёбанд» [121, с.96].

Таърихи рушду ташаккули муассисаҳои таълимии ВКД нишон медиҳад, ки онҳо дар ҳама марҳала аз муассисаҳои таълимии шаҳрвандӣ фарқ мекунанд, чунки курсантон ва шунавандагони муассисаҳои таълимии ВКД бо қабули тантанавии Савганди ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи МКД ҳамчун корманди милитсия маҳсуб меёбанд ва аз кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун кормандони милитсия бархурдоранд.

Муҳассилини муассисаҳои таълимии ВКД Низомномаи адои хизмат, Оинномаи сафороии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар низомномаву оинамаҳои дахлдорро риоя намоянд.

Корҳои тарбиявию идеологӣ яке самтҳои асосии фаъолият дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҷавҳари асосии корҳои тарбиявию идеологӣ дар Академия аз нишондодҳои зерин иборат аст: тарбияи курсантону шунавандагон дар рӯҳияи мардумсолорӣ, эҳтиром ба халқ, дарки масъулияти бар душ гирифтани тақдири халқ, омӯзиш ва аз худ кардани асосҳои бунёдӣ ва ҷанбаҳои сарварии Мактаби давлатдории Пешвои миллат; омӯзиши афкори сиёсӣ - давлатдорӣ ва роҳбарию сарварии мутафакирони тоҷику форс ва ҷаҳонӣ; эҳтиром ба арзишҳои миллии давлатдорӣ ва давлатсозӣ; ташаккули рисолати

ватандорӣ дар замири курсантону шунавандагон; ташаккули қобилияти роҳбарии курсантону шунавандагон; аз худ кардани хислатҳои ҳамидаи роҳбарӣ ва сарварӣ; ташаккули зиракии сиёсӣ, таҳаммулпазирӣ ва худшиносии миллӣ миёни курсантону шунвандагон; ташаккули тафаккури илмӣ - таҳлилӣ, аз байн бурдани хурофотпарастӣ, пешгирии равандҳои экстремистӣ ва террористӣ миёни курсантону шунавандагон; иштирок дар амалӣ гардонидани сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба татбиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; амалӣ гардонидани иқтидори эҷодӣ ва тарбиявии курсантону шунавандагон; рушди ҳамкорӣ, мустаҳкам гардонидани дустӣ, ягонагии ҷавонон ва донишҷӯён; мақсаднок ва самарабахш гузаронидани вақти курсантону шунавандагон.

Шуъбачаи корҳои тарбиявии шуъбаи кадрҳои Академия, назорат танзимнамоӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти тарбиявиро дар Академия ба уҳда дошта, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил бо гузаронидани чорабиниҳои характери тарбиявидошта, муайян мекунад.

Чорабиниҳои тарбиявӣ-ин маҷмӯи гуногуни таъсирбахшии тарбиявӣ нисбати шароитҳои муайян ба миёномада, баҳри тарбияи комплексии курсантону шунавандагон хизмат мекунад. Аз чорабиниҳои тарбиявӣ раванди тарбиявӣ пайдо мешавад.

Корҳои тарбиявӣ дар Академия дар умум аз ҷониби ҳайати шахсӣ ба роҳ монда шудааст, зеро танҳо аз ҷониби як сохтори муайян расидан ба мақсадҳое, ки дар мафҳуми ниҳоии корҳои тарбиявӣ ҷой дода шудааст, ғайримкон мебошад

Корҳои тарбиявӣ дар Академия мувофиқи нақшаи чорабиниҳои алоҳида, ки аз тарафи сардори Академия тасдиқ шудааст ба роҳ монда шуда, иҷроиши он дар давраи ҳисоботӣ зери назорати қатъӣ қарор гирифта шудааст.

Раванди тарбия ба донишҳои амиқ, бунёди мустаҳками маънавиёт ва ахлоқи ҳамидаи курсантону шунавандагон такя намуда, устодону

шогирдонро ба омӯзиши илму маърифат, дӯстию рафоқат ҳидоят менамояд. Аз тарафи кормандони шӯъбачаи корҳои тарбиявии шуъбаи кадрҳо ва дар якҷоягӣ бо дигар зерсохторҳои Академия, дар соли 2024 , 9 маротиба ташриф овардан ба театр, осорхонаҳо, китобхонаҳо, 10 маротиба чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, 27 маротиба чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва конференсияҳо ба анҷом расонида шуданд.

Инчунин, дар давоми соли 2024 дар самти кори тарбиявӣ як қатор корҳои дигар низ ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла: ба ҷойи истиқомати кормандон, нафақахӯрон ва курсантон 72 маротиба ташриф оварда шудааст, ки ғояи асосии ин амал, шиносоӣ бо ҳолати зист ва шароити буду боши онҳо мебошад. Нақшаи гузаронидани дарсҳои хизматӣ тасдиқ карда шуда, мутобиқи он ҳар ҳафта рӯзҳои ҷумъа дарсҳои умумӣ ва гурӯҳӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа ва профессорону омӯзгорони Академия, гузаронида мешавад. Дар ин давра, ба кормандони камбизоат, собиқадорони мақомоти корҳои дохилӣ, курсантони ятиму бепарастор ва фарзандони кормандони фавтида ба маблағи умумии 45500 (41050) сомонӣ кӯмаки моддӣ расонида шудааст.

Муносибат ва муоширати байни курсантон, шунавандагон ва афсарон дар асоси фармони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми июни соли 2001, таҳти №147, «Дар бораи эълони Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6-уми июни соли 2001, таҳти №311, «Оиди тасдиқ намудани Оинномаи сафороии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» танзим мешавад [126, с.51].

Дар заминаи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии сафороии ҳайати шахсӣ ҳамчун фанни таълимӣ ба курсантон ва афсарон омӯзонида мешаванд. Доир ба риояи он дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури таълимӣ - методии «Омодагии сафорой» ба тасвиб расидааст.

Омодагии сафорой ба кормандони милитсия дақиқӣ, ботартибӣ ва зебогии ҳаракатҳоро талқину тақвият дода, вобаста ба қаду баст ва меъёрҳои муқарраргардидаи вазн, тобоварӣ ва устувориро тарбия менамоянд. Омӯзиши ин фан дар ду шакл гузаронида мешаванд:

- назариявӣ, ки аз омӯзиши назариявии Оинномаи сафорой дар синфхона оғоз мегардад;

- амалӣ, ки меъёрҳои муқаррарнамудаи Оинномаи сафорой дар майдони сафорой бо дастуру супоришҳои омӯзгор - дастурдеҳ ва мутахассиси соҳа гузаронида мешавад. Иштироки намояндагони муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ дар парадҳои низомӣ бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси милитсия ва Рӯзи Артиши Миллӣ далели муваффақиятҳо ва нақши фаъоли онҳо буд. Ин чорабиниҳои муҳим таҳти сарпарастии Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегарданд.

Масалан дар соли 2024 дар заминаи Академияи ВКД бо кормандони ҷузъу томи РБДА ВКД дар асоси қарори протоколи Комиссияи аттестатсионии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2023, №1 аз 26 феврал то 9 марти соли 2024 шумораи 40 нафар ва 11 март то 29 марти соли 2024 шумораи 38 нафар, аз 1 апрел то 13 апрели соли 2024, шумораи 37 нафар, аз 15 то 27 апрели соли 2024, шумораи 35 нафар, аз 29 апрел то 11 майи соли 2024 шумораи 37 нафар ва аз 13 то 25 май соли 2024, шумораи 37 нафар, дар умум 224 нафар кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ ба курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос даъват гардида, ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар охири курсҳои кӯтоҳмуддат аз тарфи комиссияи дахлдор аз кормандон санҷиш гирифта шуда, натиҷааш ба унвони Вазири корҳои дохилӣ пешниҳод гардидааст.

Инчунин дар асосӣ нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ, барои гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ  дар самти амалияи маъмурӣ ва адлияи ноболиғон шумораи 60 нафар муовинони сардори ШВКД-ҳои шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ оид ба самти оперативӣ ва кор бо ҳайати шахсӣ дар заминаи факултети №6 Академияи ВКД бо ҷалби омӯзгорони пуртаҷрибаи Академия ва сардорони раёсатҳо ба курси кутоҳмуддати такмили ихтисос ҷалб гардиданд.

Дар ин марҳала 15 нафар кормандони самти оперативӣ аз мақомоти СРИҶҶ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми май то 8-уми июни соли 2024 ба курсҳои кутоҳмуддати такмили ихтисос дар самти омӯзши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиистон таҳти № 534 аз 7-уми августи соли 2014 «Оид ба таъсиси муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қароргоҳ дар ш. Кӯлоб» таъсис ёфтааст. Колеҷи мазкур, асосан барои ба таҳсил фаро гирифтани ятимону бепарасторон, фарзандони кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиашон фавтидаанд, афзалият дода шудааст.

Мақсади таъсис додани Коллеҷи мазкур, қонеъ гардонидани талаботи шахсият ва ташаккулёбии касбӣ, инчунин мустаҳкам намудани қобилияти зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ бо касби маълумоти миёнаи касбӣ нигаронида шуда, талаботи ҷомеаро ба мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбидошта қонеъ менамояд [77, с.320-328].

Таълимгирандагони Коллеҷ дар руҳияи ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва мустақилиятнокӣ ба воя мерасанд. Дар колеҷ фаъолияти таълим тибқи стандарти давлатии таълим ба роҳ монда шудааст.

Ҳайати доимӣ ва тағйирёбандаи МДТ Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро баҳри омода намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона намудаанд. Вазифаҳои асосии ҳайати устодон ва омӯзгорону кормардони Коллеҷи милитсия мутобиқи фармону супориш ва дастурҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаву Низомномаҳо сурат гирифта, ба чунин самтҳо равона карда шудааст:

- баланд бардоштани сифати таълиму тарбия;
- такмили савияи дониш ва маҳорати касбии омӯзгорони ҷавон;
- рушд ва такмили захираҳои моддӣ ва техникии муассисаи таълимӣ;
- ҳамгироии стандартҳои таълимӣ ба арсаи байналмилалӣ;
- эҷоди воситаҳои таълимӣ ва методологии мувофиқ.

Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандгардонии курсантон ва шунавандагон нисбати касби интихобкардаашон, тайёр намудани мутахассисони лаёқатманд тибқи талаботи замони муосир ва фиристодани онҳо барои кор ба сохторҳои гуногуни мақомоти корҳои дохилӣ ва омода намудани кадрҳои илмӣ - педагогӣ аз самтҳои муҳимми роҳбарияти МДТ мебошад [130, с.4-8].

Бояд тазаккур дод, ки Коллеҷи милитсияи ВКД дар давраи соҳибистиқлолӣ соли 2014 таъсис дода шуда, ҳамтои он то ин муддат мавҷуд набуд. МТД Коллеҷи милитсия давраи аввали фаъолияташро дар Маркази таълимии ВКД дар ш. Душанбе оғоз намуда, бо кушодашавии бинои нави таълимии он дар ш. Кӯлоб ба он ҷо интиқол дода шудааст. Аз соли таҳсили 2014 то январи 2015 генерал–майори милитсия Шарифзода Ф.Р ва аз январи 2015 то октябри 2016 ба муассисаи мазкур подполковники милитсия Умари Хайём Амиршо роҳбарӣ намудаанд. Аз 8-уми октябри соли 2016 дар асоси фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 2364 то 3-юми декабри соли 2018 роҳбарии МДТ Коллеҷи милитсия ба дӯши доктори илмҳои хуқуқшиносӣ, полковники милитсия Назарзода Носир Ҷобир вогузор шуд.

Бо талошҳои пайваста Оинномаи Коллеҷи милитсия 11-уми майи соли 2017, таҳти №53 бо замима ба тасвиб расид. Дастурамали таълимгоҳ оид ба ташкили раванди таълим дар МТД Коллеҷи милитсияи ВКД аз 13-уми ноябри соли 2018, таҳти № 731 бо замима тасдиқ карда шудааст.

Дар ин давра роҳбарияти муассиса бо корҳои методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, робитаҳои қавӣ бо дигар муассисаҳои олии таълимии кишвар беҳтар карда шуд. Фаъолияти таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва таъбу нашр, тарбиявӣ, хоҷагӣ ва байналмилалӣ аз самтҳои асосии фаъолияти Коллеҷи милитсия ба шумор меравад.

Корҳои илмӣ-методии устодони Коллеҷ дар асоси санадҳои меъёрии давлатӣ ва идоравие, ки чунин навъи фаъолиятро дар муассисаҳои олии таълимӣ ва илмию тадқиқотии ҷумҳурӣ ба танзим медароранд, сурат мегирад.

Фаъолияти илмӣ-методии Коллеҷ аз самтҳои гузаронидани корҳои илмӣ-методӣ, гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ, доир намудани конференсияҳою семинарҳо ва мизҳои мудаввар, пешниҳодҳо ба лоиҳаи қабул ва тағйиротҳо ба қонунҳо, беҳтар намудани самти таълиму тарбия ва ҳимояи ҳуқуқӣ, бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва криминогенӣ, омода ва таълиф намудани маводи илмӣ ва таълимӣ-методӣ, пайваста такмил додани қонунгузорӣ иборат аст.

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи олии таълимӣ буда, муассиси он ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва бевосита дар тобеияти он қарор дорад. Барои баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии кормандони МКД, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2000 №519 Муассисаи таҳсилоти Олии Вазорати корҳои дохилиро ба Академияи Вазорати корҳои дохилӣ табдил дод [17]. Таърихан, муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ ҳамеша

ҳадафи таҳия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқукро доштанд.

Ба андешаи олими ватанӣ Р. Ҳ. Раҳимзода «Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зодаи даврони Истиқлолияти давлатӣ мебошад, дар як давраи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ мушкилиҳои зиёдеро пушти сар намуда, роҳи пуршарафero тай карда, ба як маркази пурқувввати таълимӣ ва илмӣ табдил ёфтааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки аз хизматҳои шоёни ин муассисаи таълимӣ, хусусан аз шахсиятҳои барӯманде, ки дар саромади таъсисёбии ин боргоҳи низому маърифат меистоданд, дар ҳақиқат ифтихор намоем» [35, с.30-31].

Бояд қайд намоем, ки ба масъалаи таълиму тарбия ва рушди малакаи касбии кормандони МКД, ҳамоно аз рӯзҳои аввали таъсисёбии КХКД диққати бештар дода мешуд. Дар ин давра курсҳои кӯтоҳмуддати якмоҳа, думоҳа, семоҳа ва баъдан шашмоҳа барои омода намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил дода шуд, ки ҳазорон кормандони милитсия онро хатм намудаанд.

Бо дигар шудани ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргунсозиҳои азиме ба вуҷуд омада, дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ низ он таҳаввулотҳо ба чашм мерасид.

Мутаассифона, бо сабабҳои объективӣ ва набудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар мавриди фаъолияти Мактаби махсуси милитсияи Тоҷикистон дар он солҳо асноди мушаххасу мукаммал маҳфуз намондаст. Вале сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки: «Ҳанӯз соли 1930 дар шаҳри Сталинобод (ҳозира Душанбе) Мактаби дусолаи милитсия фаъолият карда, дар шарҳи ҳоли баъзе кормандон сабт шудааст, ки соли 1930 ё худ солҳои минбаъда мактаби мазкурро хатм намудаанд» [77, с.94]. Тадқиқотҳои илмӣ дар ин ҷода ҳоло идома ёфта истодаанд. Дар солҳои 30-40-ум бошад, Мактаби дусолаи милитсия дар пойтахти ҷумҳурӣ фаъолият кардааст ва садҳо нафар ҷавононро барои мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон тарбия намуда, ба камол расонидааст.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) бо сабаби ба ҷанг сафарбар шудани бештари ҷавонписарон ба ду курси ин мактаб ҷавондухтаронро ҷалб карда буданд, ки дар оянда аз ҳисоби онҳо кормандони болаёқати милитсия ба воя расиданд. Дар солҳои ҶБВ дар баробари ба ҷабҳаҳо фиристодани кормандони милитсия, ёрии моддӣ аз ҳисоби аҳолӣ низ фиристода мешуд. Шаҳри Сталинобод ба яке аз марказҳои ақибгоҳ табдил ёфта буд. Дар ин хусус муҳаққиқ И.С Муҳаммадиев иброз доштааст, ки: «Баъди оғози ҶБВ қисми таркибии бозсозӣ ва мутобиқ намудани хоҷагии халқи ИҶШС ба шароити ҷанг, интиқол додани захираҳои истеҳсолӣ ва аҳолӣ аз манотиқи ғарбии мамлакат ба ақибгоҳи дур, аз ҷумла ба Тоҷикистон ҳисоб меёфт» [76, с.24].

Бояд тазаккур дод, ки то давраи соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон муассисаи таълимии олии махсуси мустақиле, ки барои мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони дорои маълумоти олиро омода кунад, мавҷуд набуд.

Дар самти фаъолияти МКД мутахассисони тоҷикистонӣ ҳанӯз то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ асосан дар дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тайёр карда мешуданд, аз ҷумла дар тадқиқоти И. М. Маҳмадов масоили мазкур инъикоси васеи худро ёфтааст [162, с.4-5]. Дар дохили кишвар танҳо Мактаби Душанбегии миёнаи махсуси милитсияи ВКД ИҶШС амал мекард, ки фақат мутахассисони дорои маълумоти миёнаи махсуси ҳуқуқиро омода мекард. Мактаби мазкур соли 1970 ба фаъолият шуруъ намуд ва он мутахассисонро танҳо барои мақомоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр мекард. Дар кори таълиму тарбия ва таҳкими раванди он дар Мактаби миёнаи махсуси милитсияи шаҳри Душанбе кормандони гуногунрутбаи МКД Тоҷикистон саҳми арзандаи хешро гузоштанд.

Чунончи, аввалин кормандони ин мактаб Г. Н. Неъматов (собиқ муовини вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон ва аввалин сардори мактаб), В. Н. Фомичев (собиқ муовини вазири корҳои дохилии ҶШС

Тоҷикистон), Т. Норматов, М. С. Гиллер, Е. И. Беспалов, В. Кияев Х. М. Алиев, В. Волгушев, В. Х. Сарайлов, Е. К. Макеев, Н. Е. Макеева, В. П. Борисов, И. И. Борисов, И. Саидов, В. Г. Лобачев, С. М. Миров, А. Среда, М. Гулрӯзов, Г. Сидоренко, В. И. Бочкарев, А. А. Бражников, Ю. И. Дошенко, Н. К. Яҳёев, А. И. Дмитриев, О. В. Красноков, С. С. Атаев, Г. Г. Грирорянс, Д. Х. Худоёрбеков, Х. Ҷонмаҳмадов, Р. А. Абдуллоев, Ҷ. Б. Исмонов, Е. Д. Кайданова, Н. А. Холова, С. Г. Неъматов ва дигарон буданд. Дар солҳои мавҷудияти худ (солҳои 1970-1991) мактаб барои МКД ИҶШС Тоҷикистон ҳазорон мутахассисони мақомоти ҳифзи ҳуқукро тайёр намудааст.

Роҳбарии Мактаби миёнаи махсуси милитсияи ш. Душанберо дар давраҳои гуногун шахсони зерин ба уҳда доштанд:

1. Неъматов Ғанӣ Неъматович, полковники хизмати дохилӣ, солҳои 1970 - 1975;

2. Фомичев Виктор Николаевич, генерал-майори хизмати дохилӣ, солҳои 1975-1979;

3. Яҳёев Нуъмон Каримович, полковники милитсия, солҳои 1979-1982;

4. Абдуназаров Абдухолиқ, подполковники хизмати дохилӣ, солҳои (1982-1985;

5. Омелченко Виктор Григоревич, полковники хизмати дохилӣ, солҳои 1985-1991 [35, с.55-57]

Чунонки қаблан зикр гардид, дар ҶШС Тоҷикистон муассисаи олии таълимии махсуси системаи ВКД мавҷуд набуд. Танҳо дар соли 1982 бо ташаббуси ВКД ҶШС Тоҷикистон ва дастгирии ВКД ИҶШС дар ш. Душанбе Шуъбаи таҳсили ғоибонаи Мактаби олии Тошкентии ВКД ИҶШС таъсис ёфт, ки баъдан дар онҳо ҳазорҳо кормандон аз кор чудо нашуда, таҳсил намуда, дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ гардиданд. Мутаасифона, ин муассисаи таҳсилот, бевосита дар тобеияти ВКД ҶШС

Узбекистон қарор дошта, дар самти фаъолияташ ба ВКД ҶШС Тоҷикистон иртиботе надошт.

Бояд қайд намуд, ки ин муассисаи таълимии бонуфузро солҳои гуногун шахсоне хатм кардаанд, ки минбаъд дар таҳким ва рушди МКД саҳми арзанда гузоштаанд. Ба монанди, Раҳимзода Рамазон Ҳамро, Маджар Николай Федорович, Имомёрбеков Атобек, Булбулшоев Давлатназар, Юсупов Рауф Турсуналиевич ва даҳҳо нафарони дигар. Ғайр аз ин, садҳо нафар хатмкунандагони шуъбаи Душанбегии таҳсили ғоибонаи Мактаби олии Тошкентии ВКД ҶШС Узбекистон сардорони раёсатҳо, шуъбаҳои ШКД-ҳо таъйин гардида, ба Ватан содиқона хидмат намудаанд.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, тамоми риштаҳои ба473 таври муттамарказ омода намудани мутахассисони МКД канда шуда, давраи сифатан нави тараққиёти таърихӣ бо тамоми мушкилоти хусусияти иқтисодӣ - иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳарбию психологидошта оғоз гардид. Ин равандро А. Қурбонов чунин тасвир намудааст: «Оқибати фоҷиабори пошхӯрии ИҶШС дар доираи низоми маорифи Тоҷикистон бунёди стандартҳои нави давлатии таълимӣ ва коркарди лоиҳаи барномаи инкишофи маориф оғоз гардида, соли 1994 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи таълимоти мактабӣ» - ро ба нашр расонид» [65, с.12]. Мутаассифона, баъд аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон на танҳо ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, балки ҳамзамон тайёр намудани мутахассисон барои Тоҷикистон дар дигар ҷумҳуриҳо имконнопазир гардид ва ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба душвориҳои зиёде рӯбарӯ гардид.

Дар чунин шароит, Кабинети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи ташкил додани Мактаби Олии Душанбегии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23-юми декабри соли 1991, таҳти №372» [16] қабул намуд, ки барои таъмини мақомоти корҳои дохилӣ бо мутахассисони ин соҳа равона карда шуд. Ҳамин тариқ, мактаби мазкур

фаъолияти худро чун муассисаи таҳсилоти олӣ дар заминаи моддӣ-техникӣ ва кадрии шуъбаи Душанбегии таҳсилоти ғоибонаи Мактаби олии Тошкентии ВКД ИҶШС ва Мактаби Душанбегии миёнаи махсуси милитсияи ВКД ИҶШС оғоз намуд. Баъдтар бошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи сохтори Мактаби Олии Душанбегии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11-уми августи соли 1994, таҳти №358 қабул намуд [150], ки дар асоси он Мактаби Олӣ сохтори дохилии худро мураттаб намуда, фаъолияташро идома дод.

Дар ин давра Мактаби Олии ВКД фаъолияташро хуб ба роҳ монда, мутахассисони соҳавиро бештар ба кор ҷалб намуд. Ҳамзамон, аз солҳои қаблӣ дида, ба ин муассисаи олӣ шумораи бештари шунавандагон ҷалб гардида, онро шумораи зиёд хатм мекарданд. Масалан, агар қаблан ҳар сол Мактаби миёнаи махсуси милитсияро 160 нафар шунавандагон хатм карда, дар он беш аз 60 нафар омӯзгорону кормандон фаъолият мекарданд, пас дар Мактаби Олӣ беш аз 200 нафар кормандону омӯзгорон ба таълиму тарбия машғул буданд ва ҳар сол беш аз 450 нафар шунавандагон онро хатм намуда, ба кори амалӣ сафарбар карда мешуданд [37, с.12].

Тибқи Фармони №62-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 1992, полковники хизмати дохилӣ Усмон Саломович Ҷумъаев аввалин роҳбари Мактаби Олии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шуд. Бояд зикр намуд, ки Ҷумаев У.С. роҳбарии Мактаби Олиро воқеан, на аз санаи қабули фармони мазкур ва ҳатто на аз рӯзи таъсиси он (аз 23-юми декабри соли 1991), балки қабл аз он аз соли 1987 дар давраи фаъолият намудани Шуъбаи Душанбегии таҳсили ғоибонаи Мактаби Олии Тошкентии ВКД ИҶШС бар уҳда дошт.

Баъдан, тибқи Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми январи соли 1993 таҳти №12 сарварии ин Мактаби олиро мутахассиси дорои таҷрибаи бисёрсола дар мақомоти корҳои дохилӣ ва шахсе, ки таҷрибаи

бойи роҳбарӣ дар ин соҳа дошт, собиқ вазири корҳои дохилӣ генерал-майор Қаҳҳоров Абдураҳим Абдулаҳадович ба уҳда гирифт. Бояд зикр кард, ки давраи роҳбарии А.А.Каҳҳоров, ба марҳилаи мушкилтарини ҷумҳурӣ, ки дар он ҷанги шаҳрвандӣ идома меёфт, рост омад. Барои таъмини курсантон ва шунавандагон бо тамоми лавозимотҳои зарурии таълимӣ, пеш аз ҳама, бо маводи хӯрока, сарулибос ва ҳалли мушкилотҳои зиёди Мактаби Олӣ, ӯ аз тамоми имкониятҳо ва таҷрибаи худ самаранок истифода мебурд. Маҳз бо туфайли истеъдод, маҳорат ва қобилияти баланди ташкилотчигиаш дар шароити мураккаби гирудорҳои сиёсии дохилӣ ин муассисаи таълимӣ тавонист ба таври муътадил фаъолияти назаррас намояд. Дар ин давра заминаи ташкили корҳои илмӣ - тадқиқотӣ гузошта шуда, як қатор рисолаҳои илмӣ дифоъ гардиданд. Базаи моддӣ-техникии мактаби олӣ мустаҳкам гардида, «зери роҳбарии А.А. Қаҳҳоров соли 1996 мактаби Олии ВКД аввалин хатмкунандагони хешро бо маълумоти олии ҳуқуқӣ ба мақомоти гуногуни ВКД ба кори доимӣ гусел намуд. Дар маросими тантанавӣ бахшида ба аввалин хатми мактаби Олии ВКД Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуданд, ки ин воқеаи фараҳбахш дар саҳифаҳои таърихии Академия бо ҳарфҳои заррин сабт ёфтааст» [107, с.196].

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар давраи роҳбарии А.А. Қаҳҳоров самтҳои фаъолияти Мактаби Олӣ васеъ гардонида шуд. Аз ҷумла, бо Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми августи соли 1994, тахти № 388 дар вилояти Суғд факултети Хуҷандии Мактаби олӣ кушода шуд. Факултети номбурда дарҳои худро барои 400-нафар курсантон ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони дорои маълумоти олии соҳаи тафтишотӣ-криминалистӣ кушод. Роҳбарии факултетро генерал-майори милитсия Хабилов Қодир Хабилович ба уҳда дошт.

Кобили қайд аст, ки самти фаъолияти илмӣ - тадқиқотии Мактаби Олии ВКД дар давраи роҳбарии А. А. Қаҳҳоров боло рафтааст. Маҳз дар

ҳамин давра, ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун бо муассисаҳои олии таълимии ВКД Федератсияи Россия роҳандозӣ шуданд, ки дар натиҷа омӯзгорони Мактаби Олӣ дар самти ҳимоя намудани диссертатсияҳои номзадӣ ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ машғул шуданд. Худи роҳбари зикршуда низ дар ин самт ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ бевосита машғул шуда, соли 1999 диссертатсияи номзадиии худро дар мавзуи «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924-1929)» [160], бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардид. Умуман, дар давраи роҳбарии ӯ 5 нафар омӯзгорони Мактаби Олӣ бомуваффақият диссертатсияҳои номзадиро ҳимоя намуданд.

Бояд ёдовар шуд, ки тули ин солҳо дар Мактаби Олии ВКД теъдоди кормандоне фаъолият карданд, ки дар инкишофу ташаккули мактаб саҳми босазо гузоштанд. Ба монанди Ю.А. Қурбонов, Д.Худоёрбеков, У. Тошматов, Р.Абдуразоқов, Д. Нодирхонов, А. Невзоров, А. Абдулов, А.Ш. Розиқзода, Н.Назарзода, К. Солиев, Р.Додарбеков, К. Ғафурова, М. Шарипов, И. Калаярова ва даҳҳо нафар дигарон.

Тадриҷан бо муътадил гардидани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ ва кӯшишҳои А. А. Қаххоров заминаи иҷтимоӣ ва моддӣ - техникӣ, фаъолияти таълимӣ ва илмии Мактаби Олӣ инкишофу таҳким ёфт. Маҳз бо ташаббуси бевоситаи ӯ заминаи асосӣ оид ба табдил додани Мактаби Олӣ ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд. Ҳамин тавр, А.А. Қаххоров барои рушди Мактаби Олии ВКД саҳми арзанда гузоштааст. Қобилияти ташкилотчигии ӯро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 ӯро ба вазифаи пурмасъул таъйин намуданд. Аз ҷумла, дар ин маврид А. Ш. Розиқзода қайд менамояд, ки: «баъзан вақт тақдири одамони бузург ва шахсиятҳои эътирофгашта аз фаъолияти касбии онҳо ва иқтидори муттаҳидкунанда ба кори умумӣ вобаста аст, ки ин гуфтаҳоро ба таври пурра ба Абдураҳим

Абдулаҳадович Қаҳҳоров нисбат додан мумкин аст. Дар ҳақиқат, вай барои хизмат ба милитсия тавлид гаштааст» [103, с.228].

Яке аз сохторҳои асосии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон факултети №1 ба шумор рафта, мутобиқи фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми феврали соли 2001, таҳти № 106 таъсис ёфтааст. Дар факултет курсҳои олии академӣ барои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳ монда шудааст.

Айни замон дар факултет 2 кафедра фаъолият менамояд: Назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ; Ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.

Самти фаъолияти кории факултет тайёр намудани кадрҳои роҳбарикунанда барои ҷузъу томҳои МКД нигаронида шудааст. Бо сабабҳои мушкилоти иқтисодию молии кишвар чунин маркази таълимӣ ҳоло дар дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии ҷумҳурӣ мавҷуд нест [30, с.60].

Зарурияти таъсиси факултети мазкур, пеш аз ҳама, ба ҳамоҳангсозии тамоми сохторҳои МҲҲ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ равона шуда буд. Тавре ки Р. Ҳ. Раҳимзода қайд менамояд: «Бояд дар хотир дошт, ки дар ҷодаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ, ҳамзамон аҳли ҷомеа муфид буда, роҳбар бояд ҳамкорӣ ва фаъолияти бисёрҷонибаро бо дигар сохторҳо, аз ҷумла дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, қудратӣ, назоратӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи касбӣ, бомуносиб ба тавре ба роҳ монад» [93, с.26-27].

Факултет мутахассисонро барои дастгоҳи марказии ВКД, сарраёсатҳо, раёсати кадрҳо, шуъбаҳои вазорати корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо омода менамояд. Инчунин, дар факултет аз дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, Хадамотҳо ва дигар сохторҳои қудратӣ дар асоси шартнома

таҳсил менамоянд. Факултети №1-и Академия дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси роҳбарикунандаи МКД нақши хосса дорад. Дар муддати фаъолияти худ садҳо нафар факултети мазкурро хатм намуда, ба дигар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ сафарбар гардиданд. А. М. Абдулов зарурати таҳсилро дар ин факултет таҳқиқ намуда, пешниҳод намудааст, ки: «ба андешаи мо, ҳанӯз ҳам саривақт аст ва ба манфиати кор мебуд, агар роҳбарони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ аз имконоти факултети №1 истифода намуда, кадрҳои ҷавони болаёқату ояндадори роҳбарикунандаи хешро ба таҳсили рӯзона ва дигар категорияҳои ҳайати роҳбарикунандаро бошад, ба таҳсили ғоибона ва барои бозомӯзию такмили ихтисос ба курсҳои олии академии факултет сафарбар мекарданд» [30].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди мушкилиҳои ҷойдошта, дар аввалҳои давраи соҳибистиқлолӣ, оҳиста-оҳиста тамоми самтҳои соҳаҳои ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ рушду нумуи хоса пайдо намуда, навгонию пешравиҳо ба даст омаданд. Бахусус, дар соҳаи таҳсилоти олии касбии кишвар саҳифаҳои нав оғоз гардида, муассисаҳои нави таҳсилоти олӣ ва равияву ихтисосҳои муосир кушода шуданд. Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зодаи Истиқлол аст.

Дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ зарурияти омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда дар МКД ба миён омад. Дар назди роҳбарияти ВКД тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои миллӣ гузошта шуд. Ҳолати мазкур, пеш аз ҳама, дар муассисаҳои таълимии ВКД вазифаҳои мушаххаси ҷобаҷогузории кадрҳоро ба миён мегузорад. «Дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо роҳбар бояд танҳо манфиати кор ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо ба инобат гирад» [93, с.37].

Соли 2001 ҷиҳати бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунандаи МҲҲ ва дигар мақомотҳои қудратии кишвар дар назди Академияи ВКД факултети №1 таъсис дода шуд. Таъсиси ин факултет, пеш аз ҳама, барои манфиати давлату миллат равона гардида буд, ки то тавонад кадрҳои

ҷавони роҳбарикунандаро тарбия намояд. Ҳифзи давлату миллат ва марзу буми кишвар, пеш аз ҳама, ба зиммаи ҷавонон вогузор аст. Ватанро дар баробари модари худ дӯст доштан, қадр кардан ва ҳифз намудан ватанпарвари воқеии миллати худ буданро ифшо месозад [117, с.12]. Ба масъалаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои роҳбарикунанда Пешвои миллат дар Паёмҳои солонаи худ дахл намуда, онро ҳамчун масъалаи ҷолиби таваҷҷуҳ пешниҳод намудаанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи инкишоф, нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани неруи ақлонӣ ва маънавии ҷомеа аҳаммияти махсус касб менамояд. Бояд зикр намуд, ки ҷаҳони имрӯза ҳамеша дар тағйир, таҳаввул ва инкишоф буда, ба он хусусияти махсуси ноустуворӣ, зудивазшавии иттилоот хос мебошад [135, с.58].

Ин масъала дар фаъолияти роҳбарикунандаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ низ мушоҳида мегардад. Масалан, дар ҳама муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии Япония дар як соли корӣ бештар аз 50 рӯзи фаъолияти роҳбарон ба сайқал додани ихтисосҳояшон сарф карда мешавад. Таҷрибаи Академияи ВКД-и Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ барои кормандони МКД бояд таҷдиди назар гарданд, чунки тахассуси кормандон ва ҷиҳатҳои касбии онҳо маҳз аз мазмун ва мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, махсусан барои роҳбарони МКД вобаста аст. Барномаҳои таълимӣ ба инкишофи касбӣ, мустақилият ва эҷодкории мутахассисони оянда вобаста буда, малака ва маҳорати онҳоро баланд бардошта, бояд ҷиҳатҳои зеринро дар бар гиранд:

- пешниҳоди фарзия ва санҷиши он;

- мураттабсозии аниқи мақсади корҳои иҷрошаванда;

- таҳлил ва синтез намудани ҳолатҳои гуногуни воқеӣ;

- ба назар гирифтани навигариҳо дар ҳалли масоили гуногуни бавуҷудомада;

- ҷустуҷӯи алтернативии восита ва тарзи масъалаҳои бавуҷудомада;

- абстрактkунонии фикр ва ҷудо намудани нуқтаҳои муҳимми он;

- ташаккули тафаккури васеи кормандон;

- ҷудо намудани фарқияти объетҳои таҳқиқшаванда [146, с.36].

Факултети №1 бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва мунитсипиалӣ» ва тахассуси «Ҳуқуқшинос-ташкилотчии идоракунӣ дар соҳаи тартиботи ҳуқуқӣ» мутобиқи Фармони Вазорати корҳои дохилӣ, таҳти № 106, аз 13-уми феврали соли 2001 таъсис ёфтааст. Соли 2009 мутобиқи қарори Шӯрои олимони Академия ба ихтисос ва тахассуси факултет тағйирот ворид карда шуда, ихтисоси он «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» ва тахассусаш «Менеҷер дар соҳаи тартиботи ҳуқуқӣ» номгузорӣ карда шуд.

Факултет барои омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда шакли таҳсили рӯзонаро ба роҳ монда, дар он бештар масъалаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии умумӣ омӯзонида мешуд, вале бо сабаби вуҷуд надоштани барномаи давлатии тайёр намудани кадрҳои роҳбарикунанда барои МҲҲ ва сохторҳои низомӣ, чунин тарзи асосии таълиму тарбияи кадрҳои касбӣ, ба ғайр аз ВКД, аз тарафи дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди истифода қарор нагирифта буд. Академия барои шунавандагони таҳсили рӯзона, ки аз минтақаҳои дурдасти кишвар ба таҳсил фаро гирифта мешуданд, тамоми шароитҳои заруриро омода намудааст. Чунончи Р. Ҳ. Раҳимзода иброз медорад: «Чунин омил дар меҳвари сиёсати созандаи Сарвари давлат қарор гирифта, омодасозии кадрҳои миллӣ барои сохторҳои ҳарбӣ ва мутобиқсозии он ба стандартҳои ҷаҳонӣ аз муҳимтарин рисолатҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар маҳсуб меёбад» [94, с.231-232].

Нахустин довталабон ба факултет соли 2002 қабул шуданд, ки 12 корманди ҳайати роҳбарикунандаи ВКД ва 5 кормандон аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсили ғоибона ҷалб гардиданд. Дар соли 2003 бошад, аз ҳисоби ҳайати ҷавони роҳбарикунандаи ВКД 10 корманд ба таҳсили рӯзона қабул гардидаанд. Барои ҳар ду курс соли 2005 соли аввали хатми шунавандагони факултет маҳсуб меёфт.

Ташкилёбии факултети № 1 бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди бисёр муҳим буд, зеро чунин маркази таълимӣ дар аксари дигар ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва ИДМ вуҷуд надошт ва бештар мутахассисони самти роҳбарикунанда дар хориҷи кишвар бахусус, Федератсияи Россия омода мешуданд. Меҳроҷиддини Насриддин чунин менависад: «Самти афзалиятноки ҳамкориҳои ҳарбӣ - сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба дар доираи ИДМ, СААД ва СҲШ ба ҳисоб меравад» [165, с.3]. Масалан, дар Федератсияи Русия муассисаҳои таълимӣ, ки ба тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ тахассус доранд, ҳамчун муассисаҳои мустақил фаъолият мекунанд, ки доираи васеи соҳаҳои идоракуниро фаро мегиранд. Факултети №1 бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ барои МҲҲ» дар Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Узбекистон танҳо дар шакли курсҳои олии академӣ вуҷуд дорад. Дар он давра дар Ҷумҳурии Узбекистон шаклҳои таҳсили рӯзона ва ғоибонаи ҳайати роҳбарикунанда мавҷуд набуд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба вазъи сиёсии солҳои 90-уми асри XX рабт дошт.

Дигар тарафи муҳимми фаъолияти факултети №1 дар он аст, ки мутахассисони роҳбарикунанда на танҳо барои ВКД, балки барои дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ омода мешаванд. Р. Ҳ. Раҳимзода вобаста ба омодасозии кадрҳои роҳбарикунанда дар замони Истиқлолият иброз медорад, ки: «Рисолати асосии роҳбар, пеш аз ҳама бояд ҳимояи давлату миллат бошад. Ӯ вазифадор аст, ки бо эътимоду боварӣ, ҳамчун роҳбар ба кору фаъолият назар карда, вобаста ба шароити табиӣ, муҳити ҷойгиршавӣ, тарзи пешбурди кор ва таҷриба, дарки масъулият ва кордонӣ дар соҳаи фаъолияташ ислоҳот дароварда, рисолаташро дар сатҳи олӣ иҷро намояд» [93, с.17].

Факултети №2 тибқи фармоиши Вазири корҳои дохилӣ аз 30-юми сентябри соли 2002, таҳти № 548 таъсис ёфтааст. Дар давраи таъсиси

Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи факултети №2 аз ҷониби шуъбаи таълими Мактаби Олии ВКД анҷом дода мешуд. Факултети мазкур мутахассисонро барои МКД ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бо ихтисосҳои «Ҳуқуқшиносӣ» ва тахассуси «Ҳуқуқшиносӣ» дар самти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, назорати давлатӣ ва мубориза бо коррупсия ва назорати маводи нашъадор тайёр менамояд. «Дар солҳои гуногун н.и.ҳ. Отабоева Л. О., Хайров М. Х., н.и.техникӣ, дотсент Ғафуров М. Ҳ., н.и.ҳ, дотсент Раҷабзода Р. М., н.и.ҳ, дотсент Шарифзода Ф. Р., н.и.ҳ Ализода А. Ш. роҳбарии ин факултаро ба уҳда доштанд» [35, с.106].

Дар факултет ҳашт кафедра ва курсҳои воҳиди таълимӣ-низомӣ фаъолият менамоянд, ки дар омода намудани кадрҳои МКД мақоми хосса доранд.

Аз давраи фаъолияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2024) беш аз 10 ҳазор курсантон факултетро хатм намуда, ба ҷузъу томҳои МКД ба кор фиристонида шуданд.

Дигаре аз сохторҳои асосии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон факултети №3 ба шумор рафта, мутахассисонро бо ихтисоси «Ҳуқуқшинос» ва «Бехатарӣ аз сӯхтор» барои МКД омода менамояд. Ҳамзамон, дар факултет курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амал менамояд. Дар факултет ду кафедра фаъолият менамояд: кафедраи фанҳои муҳандисӣ- техникӣ ва кафедраи такмили ихтисос.

Сохтори дигари Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон факултети №4 мебошад, ки дар ш. Хуҷанди вилояти Суғд воқеъ аст. Факултети мазкур бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми августи соли 1994, таҳти № 388 ба фаъолият оғоз намудааст. Бояд тазаккур дод, ки «факултети мазкур бори аввал дарҳои худро барои 400 нафар шунавандагон ҷиҳати тайёр намудани мутахассиони дорои маълумоти олии соҳаи тафтишотӣ - криминалистӣ кушод» [110, с.11].

Дар факултет ҳашт кафедра амал намуда, мутахассисонро бо ихтисосҳои «Ҳуқуқшиносӣ» ва тахассуси «Ҳуқуқшинос», «Ҳайати фармондеҳӣ» ва «Командири взвод» омода менамояд.

Факултети №5 дар асси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26-уми январи соли 2008, таҳти №3 ва банди 12-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 5-уми феврали соли 2008, таҳти №56 таъсис дода шудааст. Дар ин замина, барои тарбияи кадрҳои соҳаи оташнишонӣ ва ҳолатҳои фавқулода дар ҷумҳурӣ имкониятҳои нав фароҳам омад. Қабл аз ин чунин мутахассисон дар дигар давлатҳои ИДМ омода мешуданд, ки хароҷоти зиёди молиявиро талаб менамуд. Зимни таъсиси факултет фаъолияти он дар доираи кафедраи «Бехатарӣ аз сӯхтор» гузошта шуд.

Боиси тазаккур аст, ки аввалин мутахассисони ин самт дар Коллеҷи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда мешуданд. Бинобар сабаби дар сохтори ВКД мавҷуд будани Хадамоти давлатии оташнишонӣ, бо пешниҳоди полковники хизмати дохилӣ Ғаюров С.Ш. ихтисоси мазкур аз Вазорати мудофиа ба факултети таҳсили ғоибонаи мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академия) интиқол дода шуд. Ин имкон дод, ки аввалин маротиба дар таърихи муассисаҳои таълимии ВКД муҳандисони техникӣ бо маълумоти олӣ ва рутбаи лейтенанти хизмати дохилӣ омода карда шаванд. Дар ин асос таъминоти кадрии Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД аз ҳисоби кадрҳои миллӣ таъмин гардид.

Факултети №6-и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №038м, аз 19.07.2017 бо мақсади тайёр намудани кадрҳои самти оперативӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ихтисоси «Ҳуқуқшинос» дар самти фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ таъсис ёфтааст. 22-юми ноябри соли 2019 бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимӣ барои факултети №6 ифтитоҳ дода шуд.

Дар факултет раванди таълиму тарбия дар заминаи нақшаҳои таълимӣ ва ҳамзамон корию ҷадвали раванди таълим, ки аз ҷониби роҳбарияти Академияи ВКД ҳамасола тасдиқ мегарданд, ҷараён мегирад. Таҷрибаомӯзӣ ин зинаи хотимавии раванди таълими амалӣ дар Академия мебошад. Таҷрибаомӯзӣ барои ташакули касбии курсантон мусоидат карда, тайёрии онҳоро барои фаъолияти минбаъдаи кори амалӣ сайқал медиҳад ва дар онҳо ҳисси ҷавобгарӣ ва дарки масъулиятро ба вуҷуд меоварад.

Масалан, соли 2023 бо мақсади назорати раванди таълим ташкили назорати педагогӣ, ба дарсҳои ҳамдигар даромадани омӯзгорон ва навбатдории омӯзгорон дар факултетҳо тибқи талаботи пешбинигардида, иҷроиши онҳо аз тарафи кормандони шуъбаи таълим таҳти назорат қарор дода шудаанд. Бо мақсади баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон аз тарафи ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои факултетҳои Академия 31 маротиба дарсҳои озмоишӣ, 47 маротиба дарси кушод ва 20 маротиба дарси намунавӣ баргузор карда шуда, инчунин 192 маротиба назорати педагогӣ ва 425 маротиба ба дарсҳои ҳамдигарӣ даромадани омӯзгорон амалӣ гардонида шудааст.

Дар ин давра 35 нафар омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисоси Донишкадаи такмили ихтисоси назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои мукаммал намудани донишҳои касбии худ аз рӯи равияи забономӯзӣ, ҳуқуқӣ, таърих, кадрӣ ва 8 нафар дар тренингҳои гуногун иштирок намуда, соҳиби диплом гардиданд. Тибқи нақшаи аз ҷониби сардори Академияи ВКД ба тасвибрасида аз моҳи декабри соли 2022 то феврали соли 2023 тафтиши комплексии фаъолияти кафедраҳои факултетҳои Академияи ВКД аз тарафи шахсони вобастагардида гузаронида шуда, дар асоси он барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта ба кафедраҳо мӯҳлат муайян карда шуда, то инҷониб аксарияти камбудиҳо бартараф карда шудааст. Ҳамзамон, ҷиҳати аз худ намудани забонҳои хориҷӣ 4 гурӯҳи таълимии омӯзиш бо забонҳои русӣ ва англисӣ амалӣ

карда шуд. Иштироки курсантон дар чорабиниҳои гуногуни таълимӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ таъмин карда мешавад. Дар ин марҳила 80 маротиба курсантон дар мизҳои мудаввар, конференсияҳо ва семинарҳо бо маърӯзаҳо баромад намуданд. Аз ҳисоби курсантони фаъоли Академия 11 нафар курсантони факултети №2 дар озмуни илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Тавоно бувад ҳар ки доно бувад”, дар Мактаби Олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Бо ҷалби курсантон дар ин давра марҳилаҳои аввали озмунҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм фуруғи маърифат” ва “Тоҷикон” - оинаи таърихи миллат” ташкил ва баргузор гардиданд, ки ҷиҳати иштирок дар он беш аз 223 нафар курсантон ҷалб гардиданд.

Ҳамин тариқ, раванди омода намудани мутахассисон ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ дар асоси фармону дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармону дастурамалҳои ВКД татбиқ гардида, омили муҳимми ташкили раванди таълим ба шумор меравад. Таъсиси Академияи ВКД дар заминаи Мактаби Олии милитсия дар омода намудани кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар саҳми арзанда гузошт. Ҳамзамон таъсиси Коллеҷи милитсия дар шаҳри Кӯлоб ва Колеҷи муҳандисӣ-оташнишонӣ дар Данғара дар омода намудани мутахассисони касбии соҳа нақши муассир доранд. Инчунин, ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, бо амалӣ намудани дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳои Вазорат фаъолияти худро такмил дода, бо истифода аз роҳу усулҳои нави таълим кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосирро барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ омода созанд.

## 2.2. Ташкили фаъолияти илмӣ - таҳқиқотӣ ва такмили неруи зеҳнӣ

Соҳаи маориф яке аз соҳаҳои калидӣ дар рушду пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар ин замина як қатор барномаву стратегияҳои давлатиро роҳандозӣ намудааст. Дар ин давра, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъсис ва такмили муассисаҳои таълимии ВКД корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Ба истифода додани бинои нави таълимии Академияи ВКД, таъсис додани Коллеҷи милитсия дар шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи техникӣ-оташнишонӣ дар ноҳияи Данғара ба рушди таълиму тарбия, корҳои илмӣ – таҳқиқотии кормандони МКД заминаи мусоид фароҳам овард. Сарвари давлат таъкид карданд, ки: «Маҳз саъю талоши бевоситаи Ҳукумати мамлакат буд, ки дар тули беш аз даҳ сол Академияи ВКД ба як муассисаи муқтадири таълиму тарбияи кадрҳо ва маркази пешбурди корҳои илмӣ мубаддал гардида, бахусус дар самти робитаву ҳамкории дуҷониба бо дигар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил шудааст» [6, с.374].

Омодасозии кадрҳо яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи омодасозии кадрҳо ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, Академияи ВКД-ро таъсис доданд, ки дар тайёр намудани мутахассисони баландпояи дорои маълумоти ҳуқуқӣ барои ВКД ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ шуморида, соли 2010-ро «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон намуд. Дар ин радиф, як қатор санадҳои муҳимми давлатӣ қабул шуданд, ки ба низоми таълимии ВКД низ тааллуқ доштанд. Қарорҳои қабулшуда ба пешрафт ва рушди муассисаҳои олӣ ва таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии ВКД заминаи мусоид гузоштанд.

Рушди минбаъдаи фаъолияти касбӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро М. Т. Луфов дар таҳқиқоти худ ба таври муфассал нишон додааст [161, с.8].

Тадқиқотҳои илмии дар ин самт анҷомёфта имкон медиҳанд, ки ба баъзе паҳлуҳои ин масъала равшанӣ андозем. Масалан, агар рӯйхати кормандони Комиссариати Халқии Корҳои Дохилии ҶШС Тоҷикистонро дар охири соли 1924 ва аввали соли 1925 дида бароем, танҳо як нафар Повлинский Н. М. - Сардори Дастгоҳи марказии идоракунӣ маълумоти ҳуқуқшиносӣ дошта, боқимонда маълумотҳои маъмурӣ, хоҷагидорӣ, молиявӣ, тиббӣ ва коргузорӣ доштанд. Ин аз он шаҳодат медод, ки масъалаи норасоии кадрҳои дорои маълумоти олидор дар сохторҳои КХКД ҶШС Тоҷикистон ангуштшумор будааст.

Қисмати бештари шахсоне, ки барои хизмат дар мақомоти милитсия пазируфта мешуданд, маълумоти ҳуқуқӣ надоштанд. Онҳо асосан дар курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат маълумот мегирифтанд, ки барои фаъолияти касбии онҳо нокифоя буд. Барои қабул намудани корманд ба мақомоти милитсия комиссияи махсус таъсис дода шуда, сатҳи дониш ва ҷисман омода будани онҳоро ба инобат мегирифтанд. Ба мушкилиҳои мавҷуда нигоҳ накарда, ба тайёр намудани кадрҳои МКД дар ин солҳо диққати махсус медоданд. Комиссия бештар донишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳоро ба инобат мегирифтанд. Бинобар норасоии кормандон 1-уми ноябри соли 1925 курси ҳаштмоҳаи омода намудани кормандони котибот ва коргузорӣ дар назди КХКД таъсис дода шуд.

Низомнома дар бораи «КХКД ҶШС Тоҷикистон» аз 18-уми феврали соли 1925 яке аз паҳлуҳои муҳимми фаъолияти кормандони милитсия ташкили хизмат ва таълими кормандони МКД-ро яке аз ҷиҳатҳои муҳимми фаъолияти ин сохтор меҳисобид. «Яке аз масъалаҳои муҳим дар солҳои 20-ум ин барои ба кор таъмин намудани милитсия масъалаи ҷобаҷогузорӣ ва омӯзиши кадрҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардид ва он дар асоси лоиҳаи Низомнома «Дар бораи ташкили кадрҳои

милитсия дар шаҳр ва уездҳои Туркистон» истифода мегардид» [104, с.159].

15-уми декабри соли 1930 дар асоси қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС Комиссариати корҳои дохилӣ барҳам дода шуда, ба ҷои вай Раёсатҳои милитсия ва кофтукови ҷиноятӣ созмон дода шуд, ки бевосита ба ШКХ тобеъ буданд. Мақомоти милитсия низоми таълим ва тарбияи кадрҳоро пурра ба роҳ монда буд, ки ин равандро Ҷанги Бузурги Ватанӣ халалдор сохт. Кормандони мақомоти милитсия ба ҷабҳаҳои ҷанг сафарбар гардида, як қисмашон дар ақибгоҳ кору фаъолияти худро идома дода, бар зидди ҷинояткорӣ мубориза мебурданд.

Баъд аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ марҳилаи нав дар низоми омода кардани кадрҳои милитсия оғоз гардид. Дар ин давра дар сохтор ва низоми кадрии ВКД-и ИҶШС тағйиротҳо ба амал бароварда шуданд. Дар ин замина, соли 1949 мақомоти милитсия ба яке аз раёсатҳои Вазорати бехатарии давлатии ИҶШС ҳамроҳ карда шуда, Раёсати марказии милитсия номгузорӣ карда шуд. Дар ҳамин солҳо дар мақомоти корҳои дохилии Иттиҳоди Шуравӣ 3 шуъбаи илмӣ-техникӣ, 25 зершуъба, 90-гурӯҳҳои илмӣ-техникӣ фаъолият мекарданд.

Дар давраи баъдиҷангӣ дар як қатор шаҳрҳои ИҶШС мактабҳои дусолаи милитсия таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, дар Москва, Минск, Ростови лаби Дон, Хабаровск, Рига, Каунас, Вилнюс ва ғайраҳо.

Соли 1947, бошад Мактаби Олии ВКД-и ИҶШС ба фаъолият шуруъ кард. Дар ВКД-и ИҶШС маркази асосии илмӣ-тадқиқотии идоракунӣ ва иттилоотӣ ташкил ёфт. Ҳанӯз баъд аз итмоми ҷанг, дар соли 1945, Институти илмӣ-тадқиқотии криминалистикӣ бунёд ёфт, ки дар озмоишгоҳҳои он экспертизаҳои трассологӣ, баллистикӣ ва физикӣ-химиявӣ гузаронида мешуд, ки дар такмили маҳорат ва тайёр кардани мутахассисон нақши муҳим дошт.

Соли 1956 бо васеъшавии сохтор, Институт номи худро дигар кард. Дар аввал Институти илмӣ - тадқиқотии ВКД-и ИҶШС ва минбаъд ба

Институти умумииттифоқии илмӣ-тадқиқотии ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ табдили ном кард. Дар ин замина, доираи тадқиқотҳои илмӣ васеъ гардида, мавзуъҳои корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, хизмати беруна, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини бехатарии ҳаракати роҳ ва монанди онҳоро фаро мегирифт. Ҳамин тавр, дар соли 1968 Маркази илмӣ ба Институти умумииттифоқии илмӣ-тадқиқотии ВКД-и ИҶШС табдили ном карда, соли 1969 бошад Лабораторияи марказии илмӣ-тадқиқотии криминалистӣ ба фаъолият шуруъ намуд [37, с.8].

Муассисаҳои таълимии ВКД ИҶШС дар баробари иҷрои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ба таълиму тарбияи касбии кадрҳо диққати махсус медоданд. Ҳамин буд, ки дар шаҳри Москва кадрҳои милитсияро дар полки махсус омода менамуданд, чунки дар он қисми низомии мустақил фаъолият мекард. Фаъолияти ин маркази таълимӣ, асосан ба омода намудани кадрҳои МКД, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос равона карда шуда буд.

Кормандони самтҳои гуногуни ВКД, ба монанди нозирони минтақавӣ, кормандони шуъбаҳои шиносномадиҳӣ ба курсҳои омӯзишии якмоҳа, дар шаҳри Псков ҷалб карда мешуданд. Ҳайати роҳбарӣ ва оперативӣ такмили ихтисоси худро дар муддати 2 сол ба итмом мерасониданд.

Дар маҷмуъ, дар солҳои 50-уми асри XX дар ИҶШС 18 мактаби милитсия, 3 мактаби ВКД, 2 курси милитсия, 7 мактаби кинологӣ фаъолият менамуданд. Соли 1952 Мактаби милитсияи Москва ба муассисаи олии ҳуқуқӣ ва дар соли 1954 ба Мактаби Олии ВКД ИҶШС табдили ном кард. Масалан, дар ҳамин давра, дар мактабҳои милитсияи Новочеркаск нозирони минтақавӣ, Могилёв - кормандони милитсияи нақлиёти роҳи оҳан ва об, Рига - кормандони дастгоҳи муборизаи зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ, Алмаато - кормандони кофтукови ҷиноятӣ, Кишинёв - кормандони хизмати берунаи милитсияро тайёр менамуданд [111, с.190].

Дар солҳои 60-ум бошад шумораи мактабҳои олии милитсия зиёд гардиданд. Дар ин давра, дар шаҳрҳои Москва, Киев, Тошкент ва Омск мактабҳои олии ВКД таъсис дода шуданд. Ҳамзамон, дар маркази вилоятҳо курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони милитсия ташкил дода шуданд.

Ба фаъолияти назарраси мактабҳои олии милитсия нигоҳ накарда, ҳамоно кормандони дараҷаи тахассусии МКД ба талабот ҷавобгӯй набуд. Танҳо 12,6% ҳайати роҳбарикунандаи ВКД маълумоти олӣ доштанд. Аз ҷумла, 9% ҳуқуқшиносони тахассусӣ, 18,5% маълумоти миёнаи ҳуқуқӣ. Ҳайати қаторӣ ва сержантӣ бошад, 11,7% маълумоти миёна доштанд. Бисёр кадрҳо аз сабаби надоштани дониш ва малакаи касбӣ кори милитсияро тарк менамуданд [111, с.193].

Яке аз паҳлуҳои дигари омода намудани кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалби синфҳои 7 ва 8–и мактабҳои миёна ба курсҳои кӯтоҳмуддати 1 ва 2-моҳа ба ҳисоб мерафт, ки онҳо асосан дар самти ҳуҷҷатнигорӣ, пеш бурдани хизмат, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, истифодаи яроқ ва машқҳои варзишӣ омода карда мешуданд.

Сохтмон ва таҷдиди марказҳои сифатан нави таълимӣ, аз ҷумла, биноҳои таълимӣ, хобгоҳ, варзишгоҳ, майдони сафоройӣ ва тирпарронӣ, пойгоҳи нақлиётӣ моҳи майи соли 1969 оғоз гардид. Дар курсҳои кӯтоҳмуддати  ду ва се моҳа раванди таълим ба роҳ монда шуда, дар заминаи онҳо филиали мактабҳо, марказҳои таълимӣ, лагерҳои саҳроии тобистона дар шаҳрҳои назди шуъбаҳои корҳои дохилӣ ташкил дода шуданд. Воситаҳои таълимӣ аз рӯйи фанҳои тадрисшаванда омода мегардиданд. Шумораи профессорону омӯзгорон дар мактабҳои милитсия ва марказҳои таълимӣ сол то сол меафзуд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳамоно нарасидани мутахассисон дар муассисаҳои таълимии ВКД ИҶШС намерасид. Мушкилоти дигар норасоии ихтисоси тафтишотӣ-криминалистӣ буд, ки онҳо асосан дар донишкадаҳои гражданӣ омода карда мешуданд.

«Ҳамин тавр, дар соли 1973 Академияи ВКД ИҶШС таъсис дода шуд. Барои тайёр кардани кадрҳои педагогӣ дар Академия адъюнктура таъсис ёфт. Барои баланд бардоштани маданияти касбии кормандони МКД дар назди ВКД ИҶШС 220 клуб ва қасрҳои фарҳанг, 500 китобхона, 59 осорхона, 183 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ, 13 театри халқӣ, 800 дастаҳои ҳаваскорони санъат, 52 ансамбли рақсу суруд амал менамуданд. Аввалин ректори Донишгоҳи фарҳанг бастакори маъруф А. Хачатурян буд» [111, с.197].

Иттиҳоди Шуравӣ моҳи декабри соли 1991 барҳам хурд ва давлатҳои нав дар сиёсати ҷаҳонӣ ба сифати субъектҳои мустақими ҳуқуқи байналхалқӣ ворид шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Истиқлолияти худро эълон намуда, ба ҷаҳони муосир пайваст гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали Истиқлолият ба аксари кишварҳои ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро роҳандозӣ намуд. Федератсияи Россия яке аз аввалинҳо шуда Истиқлолияти Тоҷикистонро ба расмият шинохта, муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд [165, с.3]. Бояд тазаккур дод, ки барои ба мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил додани филиали тошкандии Мактаби Олии ВКД-и ИҶШС, ВКД-и Федератсияи Россия мусоидат намуда, дар ташкили кафедраҳои он аввалин мутахассисони таҷрибадорро таъмин намуд, ки онҳо дар омода намудани мутахассисони касбии МКД саҳми арзанда гузоштанд. В. Н. Фомичев, В. Г. Омелченко, А. М. Дмитрев, П. Е.Сафронов, В. П. Борисов, М. И. Яшкин ва дигарон аз зумраи чунин мутахассисон буданд.

Солҳои 2000-2005 ба Мактаби Олии ВКД яке аз мутахассисони таҷрибадори мақомоти корҳои дохилӣ Шамсулло Саймуддинов роҳбарӣ менамуд. Шамсулло Саймуддинов рисолаи номзадии худро дифоъ намуда, ба гирифтани рутбаи генерал-майори милитсия мушарраф гардид. Дар давраи роҳбарии худ Шамсулло Саймуддинов ҳамкориҳои тарафайни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Академияи

идоракунии ВКД-и Федератсияи Россия роҳандозӣ намуд, ки дар оянда барои таҳсил дар адъюнктураи ин муассисаи бонуфуз замина гузошта шуд. Ҳамзамон, муовини сардори Академия оид ба корҳои илмӣ, Ҳуқуқшиноси шоистаи ҷумҳурӣ К. Ҳ. Солиев рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқмаънидодкунии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: аспекти умуминазариявӣ» бомуваффақият ҳимоя намуда, дар самти рушди корҳои илмӣ ва интишори дастовардҳои илмии Академия нақши калон гузошт. Сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ Розиқзода А.Ш. дар мавзуи «История формирования и деятельности милиции Таджикистана» [168] рисолаи докторӣ ҳимоя намуда, соҳиби унвони доктори илмҳои таърих гардид.

Солҳои 2005-2009 сардории Академияро генерал - майори милитсия Дӯстов Файзиддин ба уҳда дошт. Дар ин солҳо неруи илмӣ - педагогӣ ва базаи моддӣ - техникии Академияи ВКД боло рафта, шумораи адъюнктон ва тадқиқотчиён афзуд. Масалан, Н. Ҷ. Назаров дар мавзуи «Организационно - правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.)» [164] бомуваффақият рисолаи доктории худро ҳимоя намуд. Маҳз бо ибтикори Назаров Н. Ҷ. мактаби илмии «Омӯзиши таърих ва паҳлуҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия» таъсис дода шуда, раванди таълиму тарбия ва тайёр кардани кадрҳо барои низоми мақомоти корҳои дохилӣ роҳандозӣ гардид.

Розиқзода Абдулҳакими Шералӣ, ки чанд муддат дар вазифаи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ кору фаъолият дошт, соли 2009 ба вазифаи сардории Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардид. Розиқзода А. Ш. тавонист, ки омӯзгорони пуртаҷрибаро дар Академия ҷамъ намояд ва низоми таълиму тарбия, корҳои илмӣ, варзишӣ-фароғатиро аз дидгоҳи нав ба роҳ монад. Ҳамчун педагоги асил Розиқзода А.Ш. тавонист, махсусан ба раванди тайёр намудани кадрҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони МКД аҳаммияти бештар зоҳир намояд. Барои амалӣ намудани нақшаҳои худ чорабиниҳои зиёдро

баргузор менамуд, ки ба фаъолияти босуботи Академия замина гузошт. Дар ин давра, робитаҳои илмӣ ва хориҷии Академия густариш ёфт, биноҳои таълимӣ, қисми навбатдорӣ, синфхонаҳо, варзишгоҳ, толори Шурои олимон, маркази тестӣ ва чандин сохторҳои муҳимми таълимӣ ба истифода ва дар ихтиёри афсарон, курсантону шунавандагон гузошта шуданд.

Ҳамин тавр, бо Қарори № 626-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2013, Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шуд. Маҷидзода Ҷ. З. муаллифи зиёда аз 100 асару мақолаҳои илмӣ мебошад, ки ба методологияи тадқиқоти давлатдорӣ, ташаккулёбӣ ва инкишофи давлатдории этникӣ дар Осиёи Миёна, давлатдории миллӣ дар ИҶШС ва фазои пасошуравӣ ва монанди инҳо бахшида шудаанд. Дар давраи роҳбарии Маҷидзода Ҷ. З. дар заминаи Академияи ВКД шуъбаи адъюнктура, ки дар ибтидо шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ - педагогӣ ном дошт, ташкил дода шуд. Мақсади таъсиси шуъбаи адъюнктура омода кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос маҳсуб меёфт. Айни ҳол дар шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД беш аз 30 нафар адъюнктон, унвонҷӯён дар шаклҳои ғоибона ва рӯзона таҳсил менамоянд [55].

Таҷрибаи Академияро дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ роҳбари он, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент ва генерал-майори милитсия Ф.Р. Шарифзода (2014-2024) таъкид кард. Фаъолияти касбии ӯ соли 1997 бо хатми Муассисаи таҳсилоти олии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки се сол пас фаъолияти илмӣ ва педагогии худро оғоз кард, оғоз ёфт ва барои рушди минбаъда замина гузошт. Ф. Р. Шарифзода дар рушду нумуи муассисаи мазкур саҳми арзандаи худро гузоштааст. «Бо ташаббуси Шарифзода Ф. Р. моҳи сентябри соли 2015 дар назди Академия нашрияи даврии «Набзи милитсия», Сомонаи расмии Академияи ВКД, Маркази матбуот, Студияи радио ва телевизион

таъсис дода шуданд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нуфузи иттилоотии Академия дар ҷумҳурӣ ва берун аз он саҳми арзанда гузошт. Маҷаллаи илмии «Осори Академия» бошад, ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид» [37, с.16].

Академияи ВКД муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кишвар аст, ки дар омода намудани мутахассисони касбии МКД нақши калидӣ дорад. Пас аз таҳлил ва муҳокимаи дастовардҳои илмии кормандони Академия, Р.Ҳ. Раҳимзода чунин қайд кард, ки: «тадқиқотҳои назаррас дар самти фаъолияти босамари таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ, фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз шукӯҳу шаҳомат, мақоми баланд ва рушди босуботи ин муассисаи олии таълимӣ шаҳодат медиҳад» [35, с.31]. Академия дар тайёр намудани мутахассисони баландпоя дар соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми арзанда мегузорад. Тайёрии касбии мутахассисони хадамоти гуногуни корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз тарафи Академия, бо назардошти шароити воқеӣ ба амал бароварда мешавад. «Айни ҳол дар Академия 9 доктори илм, 45 номзади илм, 9 дотсент барои пешбурди раванди илм ва таълим саҳми босазо мегузоранд. Ҳамаи 24 кафедраи Академия бо кадрҳои илмӣ-педагогӣ пурра таъмин гаштаанд» [37, с.17].

Академияи ВКД дар ҳамбастагӣ бо Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуъҳои гуногуни илмӣ ва лоиҳаҳои илмӣ тадқиқотҳои бунёдии илмӣ мегузаронанд. Танҳо дар соли 2019 дар Академия зиёда аз 195 чорабинии илмӣ-тадқиқотӣ гузаронида шудааст. Дар шуъбаи адъюнктура адъюнктон, унвонҷӯён таҳсил намуда, тадқиқоти диссертатсионӣ анҷом медиҳанд. Бо ташаббуси вазири корҳои дохилӣ Раҳимзода Р.Ҳ. Академияи ВКД пурра бо китобҳои илмӣ, таълимӣ, бадеӣ, китобхонаи электронӣ, толори конфронс ва интернети баландсуръат таъмин гаштааст. Аксари китобҳои илмӣ ва таълимӣ аз

фанни ФОҶ ба қалами худи Раҳимзода Р. Ҳ. тааллуқ доранд. Гуфтан бамаврид аст, ки саҳми Раҳимзода Р. дар пешбурди фаъолияти Академияи ВКД назаррас мебошад. «Хурсандибахш аст, ки дар саргаҳи ин фаъолият олими саршиноси тоҷик, дастпарвари мақомоти корҳои дохилӣ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, аъзо - корреспонденти Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ Раҳимзода Рамазон Ҳамро меистад» [68, с.8-9].

30-юми августи соли 2017 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи бинои нави маъмурию таълимии Академияи ВКД иштирок ва суханронӣ намуданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон парда аз лавҳаи рамзӣ бардошта, расман ба фаъолияти марҳилаи аввали Маҷмааи Академияи ВКД оғоз бахшиданд ва онро туҳфаи арзандаи роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд. Ба сохтмони Маҷмааи Академияи ВКД Президенти кишвар 20 июни соли 2014 санги асос гузошта буданд. Эмомалӣ Раҳмон густариши илмро яке аз самтҳои асосии фаъолияти Академия арзёбӣ намуданд.

22-юми ноябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави факултаи №6 (фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ)-и Академияи ВКД-ро мавриди истифода қарор доданд. Бинои нави факултаи фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ аз 5 ошёна ва таҳхона иборат буда, дар он 15 синфхонаи дорои 600 ҷой, толори калон, китобхона, бойгонӣ, 16 ҳуҷраи корӣ барои омӯзгорон, синфхонаҳои шоҳмотбозӣ, лингафонӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ, чинӣ, толори диссертатсионӣ ва ду толори маҷлис бо 460 ҷой барои курсантони Академия пешбинӣ гардида буд. Минбаъд дар бинои нав кафедраҳои ташкили тактикаи фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятӣ ташкил шуда, 20 нафар олимон ба таълими курсантон машғул мебошанд [26, с.23].

Академия дар баробари тайёр намудани кадрҳо барои воҳидҳои хизматии гуногуни мақомоти корҳои дохилӣ ба таълим ва тарбияи кадрҳо барои Хадамоти давлатии оташнишонии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти махсус медиҳад. Бояд қайд намуд, ки ба мисли дигар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар раванди тайёр кардани кадрҳо барои Хадамоти давлатии оташнишонӣ мушкилоти зиёд мавҷуд буд. Аввалин дастаҳои оташнишонӣ соли 1929 таъсис ёфта буданд. Масъалаи тайёр кардани кадрҳо дар маҷлиси Кумитаи иҷроияи Шурои Комиссарони Халқ 30-юми июли соли 1930 муҳокима ва баррасӣ шуда буд [51, с.93-100].

Дар ҷаласа қарор шуд, ки курсҳои кӯтоҳмуддат дар назди «Колхозтрест» ташкил карда шаванд. Дар ин курсҳо мутахассисонро на танҳо барои пешгирӣ аз сӯхтор, инчунин кормандони соҳаҳои суғуртаи давлатӣ ва муҳофизони ҳарбии хоҷагии халкро тайёр менамуданд. Кумитаи Иҷроияи Марказиро Нусратулло Махсум раисӣ мекард ва мақсад гузошт, ки аз Кумитаи халқии меҳнат дархост карда шавад, то 5 мутахассиси оташнишонӣ барои таҳсил фиристода шаванд. Дар ин солҳо сардори шуъбаи ҳифзи оташнишонӣ дар як вақт сардори курсҳои сӯхторхомӯшкунӣ ва техникӣ ба шумор мерафт. Солҳои 1930-1934 ба ин курсҳо сардори шуъбаи ҳифзи сӯхтори КХКД (НКВД)-и ҶШС Тоҷикистон Ковалский роҳбарӣ мекард. Солҳои 1934-1936 ин вазифаро Ф.С.Курганов иҷро менамуд [51, с.93-100]. Соли 1938 ба ин вазифа Ефрименко таъйин мешавад. Сардори мактаби тайёр намудани ҳайати фармондиҳии хурд дар як вақт вазифаи сардории Раёсати ҳифзи сӯхторхомӯшкунии шаҳри Сталинободро иҷро мекард. Душвории тайёр намудани кадрҳо дар он буд, ки асосан мутахассисон ва омӯзгорон намерасиданд.

Тирамоҳи соли 1971 маркази таълимии такмили ихтисос ва тайёр намудани ҳайати фармондеҳии хурд ба кӯчаи ба номи С. Велизодаи шаҳри Душанбе кӯчонида шуд. Соли 1973 ин маркази таълимӣ васеъ

гашт ва шуъбаи ҳифзи сӯхтори колхозҳо, совхозҳо, корхонаҳои саноатӣ таъсис дода шуд. Дар ин маркази таълимӣ гурӯҳҳои мудофиаи гражданӣ низ тайёр карда мешуданд. Дар ин солҳо ба ин маркази таълимӣ С. Г. Голенков роҳбарӣ мекард. Вай маҳорати баланди педагогӣ нишон дода, аз фанҳои тахассусӣ дарс медод [51, с.93-100].

Маҳз, бо ташаббуси М. Давлатов дар назди Коллеҷи ҳарбии Вазорати дифоъ шуъбаи мутахассисони бехатарии сӯхтор таъсис дода шуд. Соли 1998, дар назди факултети №3-и Мактаби Олӣ бо ибтикори полковники хизмати дохилӣ Ғаюров С. Ш. шуъбаи бехатарии сӯхтор ва кор дар ҳолатҳои фавқулода таъсис дода шуд, ки то ҳоло ҳамчун факултети №5 фаъолият карда истодааст.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади ташаккули савияи дониши кормандони милитсия Маркази таълимии ВКД таъсис дода шуд. Ёдовар бояд шуд, ки дар солҳои 60-уми асри XX роҳбарияти ВКД ба чунин қарор омад, ки барои баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ Маркази таълимиро таъсис диҳад. Маркази таълимии нигоҳдории тартиботи ҷамъиятии ҶШС Тоҷикистон 19-майи соли 1966 таҳти фармони №062 таъсис дода шуда, роҳбарии он аз 1-июни соли 1966 ба зимаи майори милитсия Норматов Маҳмуд вогузор карда шуд.

Баъдан, Маркази таълимиро, солҳои 1972-1977 майори хизмати дохила Юрасов А. М., аз моҳи марти соли 1977 то моҳи майи соли 1980 подполковники милитсия Шарипов М. Ш., аз моҳи майи соли 1980 то моҳи июни соли 1982 майори милитсия Норов Н. М., аз соли 1982 то соли 1986 подполковники милитсия Тошқулов В. Н., аз соли 1986 то соли 1990 подполковники милитсия Билолов А. Б., аз соли 1990 полковники хизмати дохилӣ Ҳабибов А. Х., аз соли 1992 то соли 2001 полковники милитсия Хоҷаев В. А. роҳбарӣ намудаанд[77, с.342-345]. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ Маркази таълимӣ ба мушкилоти зиёд дучор гардида буд.

Новобаста аз мушкилиҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва молиявӣ дар кишвар, ҳайати шахсии Маркази таълимӣ аз уҳдаи вазифаҳои дар наздашон гузошташуда бо сарбаландӣ мебаромаданд. Соли 1991 Маркази таълимӣ номи аввалин Комиссари халқии корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон Абдулло Ёрмухаммедовро гирифт. 22-юми августи 2001 сардори Маркази таълимӣ яке аз таҷрибадорони соҳаи мақомоти корҳои дохила, дастпарвари ҳамин марказ полковники милитсия Абдуллоев Муҳаббат таъйин гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маркази таълимии Хадамоти оташнишонии ВКД бояд ба шароитҳои муосир ва равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди техникаву технологияи муосир мутобиқ гардонида шавад.

То соли 1993 дар Маркази таълимӣ 3 иттиҳодияи методӣ ва аз соли 1993 то инҷониб ду иттиҳодияи методӣ «Омодагии ҳарбию хизматӣ ва ҷиноӣ» ва «Фанҳои гуманитарӣ» амал менамоянд. Ҳайати шахсии Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро аз рӯйи муқаррароти намунавии Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармонҳои ВКД таҳти №286 аз 19.05.1992; №562 аз 10.08.2004 «Оид ба тасдиқи қарор дар бораи омӯзиши тайёрии ибтидоиии ҳайати қаторӣ ва миёнаи хурди роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ» ба роҳ мондааст. Самтҳои асосии фаъолияти ҳайати шахсии Маркази таълимӣ аз инҳо иборат аст:

- омода намудани кормандони касбӣ барои мақомоти корҳои дохилӣ;
- ташаккули таҷрибаи кормандони нав таъиншудаи МКД;
- пурзӯр намудани корҳои тарбиявӣ.

«Таҳлили фаъолияти Марказ нишон дод, ки дар солҳои 1992 - 2001, 4379 нафар ва солҳои 2002-2005, 1728 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз курсҳои тайёрии ибтидоии ҳайати қаторӣ ва миёнаи хурди роҳбарикунанда гузаштанд» [37, с.22].

Дар давраи Истиқлолият, пешрафтҳои илм ва технология ба навсозии иншоот ва таҷҳизоти муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ мусоидат карданд. Аз ҷумла, Маркази таълимии Хадамоти давлатии оташнишонӣ таҷҳизоти муосир ва технологияҳои пешрафтаро гирифт. Ҳамзамон, ҷанбаҳои назариявии илмҳои техникӣ бо таҷрибаи амалӣ дар таҳлили сӯхтор, чораҳои пешгирӣ ва усулҳои хомӯш кардани сӯхтор ғанӣ гардонида шуданд.

Ҳадафи асосии шуъбаи адъюнктура тарбияи мутахассисони баландихтисоси ҳуқуқӣ ва амиқтар кардани донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла МКД мебошад. Шуъбаи адъюнктура барои омӯзонидани методология ва абзорҳои тадқиқотӣ, мусоидат ба таҳқиқоти мустақил ва баландсифат бо тамаркуз ба кори мақомоти корҳои дохилӣ тарҳрезӣ шудааст.

Дар зарфи солҳои 1992 - 2025 Академияи ВКД - ро беш аз 16 284 нафар хатм намудаанд, ки аз онҳо 381 нафар соҳиби дипломи аъло гардидаанд [27]. Дар баробари ин, ба беш аз 150 нафар хатмкардагони шакли таҳсили рӯзона рутбаи аввалини махсуси «лейтенанти калон» ва дипломи аъло дода шудааст

**Маълумотнома оид ба шумораи хатмкардагони факултетҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1992-2025**

| **Солҳои хатм** | Факултети №1 | | Факултети №2 | | Факултети №3 | | Факултети №4 | | Факултети №5 | | Факултети №6 | | **Ҷамъ дар Академия** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | уму-мӣ | аъ-ло | уму-мӣ | аъ-ло | уму-мӣ | аъ-ло | уму-мӣ | аъ-ло | уму-мӣ | аъ-ло | уму-мӣ | аъ-ло | **умумӣ** | **аъ-ло** |
| 1992 | | | 66 | 4 | 100 | 3 | | | | | | | **166** | **7** |
| 1993 | | | 24 | 2 | 106 | 6 | | | | | | | **130** | **8** |
| 1994 | | | 0 | 0 | 91 | 4 | | | | | | | **91** | **4** |
| 1995 | | | 119 | 5 | 74 | 6 | | | | | | | **193** | **11** |
| 1996 | | | 69 | 4 | 38 | 1 | | | | | | | **107** | **5** |
| 1997 | | | 108 | 3 | 93 | 1 | | | | | | | **201** | **4** |
| 1998 | | | 160 | 5 | 101 | 7 | 76 | 1 | | | | | **337** | **13** |
| 1999 | | | 126 | 7 | 126 | 7 | 71 | 1 | | | | | **323** | **15** |
| 2000 | | | 117 | 2 | 139 | 2 | 97 | 1 | | | | | **353** | **5** |
| 2001 | | | 120 | 8 | 148 | 4 | 107 | 6 | | | | | **375** | **18** |
| 2002 | | | 112 | 2 | 176 | 1 | 119 | 0 | | | | | **407** | **3** |
| 2003 | | | 113 | 3 | 154 | 2 | 168 | 5 | | | | | **435** | **10** |
| 2004 | | | 106 | 2 | 190 | 3 | 121 | 2 | | | | | **417** | **7** |
| 2005 | 27 | 0 | 161 | 4 | 192 | 0 | 121 | 2 | | | | | **501** | **6** |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2006 | 27 | 2 | 128 | 4 | 206 | 1 | 124 | 1 | | | | | **485** | **8** |
| 2007 | 27 | 2 | 123 | 2 | 168 | 0 | 148 | 5 | | | | | **466** | **9** |
| 2008 | 33 | 7 | 184 | 10 | 185 | 3 | 218 | 10 | | | | | **620** | **30** |
| 2009 | 27 | 3 | 169 | 6 | 131 | 0 | 218 | 8 | | | | | **545** | **17** |
| 2010 | 17 | 3 | 196 | 10 | 239 | 0 | 271 | 5 | | | | | **723** | **18** |
| 2011 | 28 | 5 | 207 | 4 | 195 | 0 | 163 | 4 | | | | | **593** | **13** |
| 2012 | 31 | 5 | 217 | 5 | 238 | 0 | 30 | 1 | | | | | **516** | **11** |
| 2013 | 16 | 6 | 163 | 6 | 227 | 0 | 9 | 1 | 43 | 0 | | | **458** | **13** |
| 2014 | 29 | 13 | 150 | 5 | 189 | 1 | 100 | 0 | 49 | 1 | | | **517** | **20** |
| 2015 | 31 | 3 | 130 | 2 | 144 | 1 | 83 | 1 | 43 | 0 | | | **431** | **7** |
| 2016 | 30 | 8 | 0 | 0 | 177 | 1 | 32 | 0 | 0 | 0 | | | **239** | **9** |
| 2017 | 35 | 2 | 150 | 2 | 226 | 0 | 104 | 1 | 23 | 0 | | | **538** | **5** |
| 2018 | 37 | 3 | 181 | 3 | 233 | 0 | 103 | 0 | 27 | 0 | | | **581** | **6** |
| 2019 | 53 | 5 | 239 | 3 | 256 | 0 | 129 | 0 | 27 | 0 | | | **704** | **8** |
| 2020 | 51 | 2 | 223 | 2 | 244 | 1 | 124 | 1 | 38 | 1 | | | **680** | **7** |
| 2021 | 63 | 7 | 188 | 7 | 331 | 0 | 110 | 0 | 30 | 0 | | | **722** | **14** |
| 2022 | 67 | 7 | 262 | 3 | 370 | 0 | 140 | 2 | 45 | 0 | 53 | 3 | **937** | **15** |
| 2023 | 91 | 4 | 265 | 12 | 350 | 0 | 127 | 1 | 35 | 0 | 60 | 3 | **928** | **20** |
| 2024 | 56 | 8 | 236 | 7 | 297 | 2 | 123 | 2 | 31 | 0 | 62 | 0 | **805** | **19** |
| 2025 | 70 | 7 | 232 | 7 | 290 | 0 | 90 | 2 | 27 | 0 | 51 | 0 | 760 | 16 |
| **Ҳамагӣ** | **846** | **102** | **5044** | **151** | **6424** | **57** | **3326** | **63** | **418** | **2** | **226** | **6** | **16284** | **381** |

Дар робита бо татбиқи самти фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар Академияи ВКД шуъбаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ таъсис дода шуда, воҳидҳои штатӣ ҷудо шуданд. Бояд гӯфт, ки зарурати қабул ва тағйиру иловаҳо ба низомномаҳои амалкунанда, як қатор омилҳо дошт: қабули қарорҳои нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиротҳо дар шакли таҳлил, роҳандозии самти корҳои илмӣ – тадқиқотии кормандони соҳа. Дар натиҷа як қатор низомномаҳо дар таҳрири нав ба тасвиб расиданд.

Шуъбаи адъюнктура мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Фаъолияти он инчунин аз рӯи ҳуҷҷатҳои асосӣ, аз қабили қонунҳо “Дар бораи маориф”[13],, “Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва технология”[12], “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъдидипломӣ” [15], Қарори Ҳукумати № 308 аз 2 июли соли 2008, “Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Оинномаи Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 25

апрели соли 2019, № 271 танзим карда мешавад. Ғайр аз ин, шуъбаи мазкур аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба илм, маориф ва фаъолияти муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ роҳнамоӣ мегирад.

Дар шуъбаи адъюнктура, дар баробари ихтисосҳои мавҷуда, ҳайати кормандони Академия дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ таҳқиқоти илмӣ анҷом медиҳанд. Норасоии омӯзгорон унвондорро ба инобат гирифта, барои ба анҷом расонидани корҳои илмӣ-тадқиқотиашон дар Академияи ВКД барои кушодани Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисос (PhD), ҳуҷҷатҳои дахлдорро вобаста ба ин самт мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. [55, с.18].

Дар соли 2023 131 маротиба иштироки кормандони Академияи ВКД дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ, машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввар бо пешниҳоди маърӯза ба қайд гирифта шудааст.  Аз ҳисоби кормандони Академияи ВКД 6 нафар корҳои илмӣ-тадқиқотии худро анҷом дода, 1 нафар соҳиби дараҷаи илмии доктори илм ва 6 нафар соҳиби дараҷаи номзади илмро соҳиб гардиданд. Мувофиқи нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД барои соли 2022 дар ҳисоботи аз тарафи профессорону омӯзгорони Академияи ВКД корҳои зерин анҷом дода шудааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2021 чунин мебошад:

| № | Номгӯйи корҳо | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| 1. | Монографияҳо | 6 | 5 |
| 2. | Китобҳои дарсӣ | 1 | 1 |
| 3. | Нашрҳои илмӣ-амалӣ | 6 | 10 |
| 4. | Дастури таълимӣ | 7 | 23 |
| 5. | Дастурҳои таълимӣ-методӣ | 16 | 8 |
| 6. | Барномаҳои таълимӣ | 30 | 8 |
| 7. | Мақолаҳои илмӣ: ҳамагӣ | 82 | 120 |
| - | Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаи илмии Осори Академия (Труды Академии) нашр мешаванд | 13 | 19 |
| - | Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаи Наркофронт (Маҷаллаи илмӣ ва иттилоотӣ-таҳлилӣ) нашр мешаванд | - | 11 |
| - | Мақолаҳои илмие, ки  дар маҷаллаҳои илмӣ-тадқиқотии | 60 | 76 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | кишвар нашр мешаванд | | |
| - | Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмӣ-тадқиқотии ИДМ ва берун аз он нашр мешаванд | 6 | 9 |
| - | Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр мешаванд | 2 | 2 |
| - | Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмӣ-тадқиқотии ИДМ ва берун аз он нашр мешаванд (он мақолаҳое, ки ба Феҳристи КОА (ВАК)-и Россия ва системаи байналмилалии иқтибосоварӣ ворид шудаанд | 1 | 3 |

Дар соли 2024 вобаста ба амалӣ намудани корҳои таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, корҳои тарбиявӣ ва дигар самтҳои фаъолияти Академия чорабиниҳои дахлдор дар асоси нақшаҳои чорабиниҳои асосии Вазорат ва Академия, инчунин тибқи нақшаҳои иловагӣ, мунтазам тадбирҳои судманд андешида мешаванд, аз ҷумла:

- тибқи нақшаи аз ҷониби сардори Академияи ВКД ба тасвибрасида дар моҳи феврали соли 2024 то марти соли 2024 тафтиши комплексии фаъолияти кафедраҳои факултетҳои Академияи ВКД аз тарафи шахсони вобастагардида гузаронида шудааст, дар асоси он барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта ба кафедраҳо мӯҳлат муайян карда шуда, то инҷониб аксарияти камбудиҳо бартараф карда шудааст;

- дар ин давра 13 нафар омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисоси Донишкадаи такмили ихтисоси назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои мукаммал намудани донишҳои касбии худ аз рӯи равияи забономӯзӣ, ҳуқуқӣ, таърих, кадрӣ ва 5 нафар дар тренингҳои гуногун иштирок намуда, соҳиби диплом гардиданд.

- бо ҷалби курсантон дар ин давра марҳилаҳои аввали озмунҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва “Илм фуруғи маърифат” ташкил ва баргузор гардиданд, ки ҷиҳати иштирок дар он беш аз 130 нафар курсантон ҷалб гардиданд ва дар озмуни ҷумҳуриявӣ дар номинатсияи «Адабиёти классикии тоҷик» бозгӯи фазилату истеъдоди амиқи курсанти соли дуюми факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳр Султонзода сазовори ҷойи дуюм гардид;

- ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат бо мақсади беҳтару хубтар омӯзонидани забонҳои хориҷӣ дар Академияи ВКД 10 гурӯҳи таълимӣ созмон дода шуда, бо онҳо ба таври иловагӣ омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст;

- дар соли 2024 кормандони Академия 81 маротиба дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва монанди инҳо иштирок ва суханронӣ намудаанд;

- 5 нафар кормандони Академияи ВКД рисолаҳои худро омода намуда, 4 нафарашон соҳиби дарҷаи номзади илм гардид;

- 71 маротиба курсантон дар мизҳои мудаввар, конференсияҳо ва семинарҳо бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

- бо супориши роҳбарияти Академияи ВКД номгӯи мавзӯъҳо дар доираи ватандӯстӣ, садоқат ба касбу Савганд ва дигар мавзӯъҳои паҳлуҳои тарбиявидошта тартиб дода шуда, 22 ҷамъиятҳои илмии курсантон барои омодасозии мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ вазифадор карда шудаанд;

- ҳамзамон, ҷиҳати омодагии курсантон дар самти мазкур, Шурои кураторони Академияи ВКД низ вазифадор гардида буд, ки дар 12 моҳи ҳисоботӣ 105 нафар курсантон омода гардида, дар назди комиссия, зери роҳбарии муовини аввали Академия баромад намуданд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Академияи ВКД - ин тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ-педагогӣ маҳсуб мегардад, ки ин раванд сол то сол тавассути шуъбаи адъюнктура бо муассисаҳои олии хориҷиву дохилӣ густариш пайдо намуда, барои пешрафти фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД мусоидат менамояд. Бо мақсади омода ва ҳимоя намудани тадқиқоти диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз ҳисоби кормандони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 нафар аз рӯйи ихтисосҳои илмии гуногун ҳамчун докторант-унвонҷӯ, таҳқиқоти илмӣ гузаронида истодаанд. Дар кафедараҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҳамчун унвонҷӯ 33-нафар вобаста карда шудаанд, ки аз онҳо 5-нафарашон шартномавӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва такмили неруи зеҳнӣ асосан, дар давраи Истиқлолият рушд намуд. Маҳз дар ҳамин давра дар муассисаҳои олии таълимии МКД шуъбаи адъюнктура кушода шуд, ки дар омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таълимии ВКД нақши калидӣ дошт. Соли 2014 бошад, дар Академияи ВКД шуъбаи алоҳидаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ таъсис дода шуд. Ҳатто дар муассисаҳои илмӣ-таълимии ВКД ҷиҳати омода намудани кадрҳои илмӣ шуроҳои диссертатсионӣ, ҷиҳати дарёфти дараҷаи доктори илм ва номзади илм амал мекунанд, ки аз фаъолияти пурсамари илмии муассисаҳои таълимии МКД дарак медиҳанд.

Бо ҷамъбасти боби дуюм, мо ба хулосае омадем, ки дар давраи баррасишаванда дар тайёр кардани мутахассисон як ҷаҳиши назарраси сифатӣ ба амал омадааст. Иштироки фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ки ба амиқтар кардани дониш ва салоҳияти касбии онҳо нигаронида шудаанд, ба раванди таълим ва фаъолияти тадқиқотии онҳо таъсири мусбати назаррас расонидааст. Ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани омӯзиши технологияи иттилоотӣ барои ташкили синфхонаҳои таълимии компютерӣ ва маркази тестӣ дар факултети №4 Академия тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шавад:

- бо мақсади баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии ҳайати доимӣ ва тағйирёбанда, инчунин бо дарназардошти талаботи роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои мунтазам ташкил намудани дарсҳои амалӣ ва тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон дар базаи ДТММ ВКД мусоидат карда шавад;
- бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ташкил ва баргузор намудани таҷрибаомӯзии курсантони Академия, минбаъд барои ба ҷузъу томи

мақомоти корҳои дохилӣ ирсол намудани талабномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карда шавад;

- бо мақсади баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД ҷиҳати сафарбарӣ намудани онҳо ба муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар, бахусус давлатҳои ИДМ мусоидат карда шавад;
- барои табодули таҷрибаи амалия бо назария сардорон ва кормандони пуртаҷриба аз Раёсатҳои дахлдори Дастоҳи марказӣ ба раванди таълим ҷиҳати гузарони машғулиятҳо бо курсантон дар Академия сафарбар карда шаванд;
- бо мақсади халалдор насохтани раванди таълим ҷалб намудани курсантону шунавандагон ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои гуногун дар вақти дарсӣ бе иҷозати Вазири корҳои дохилӣ ба роҳ монда нашавад;
- барои халалдор насохтани фаъолияти таълимӣ дар Академия ҷиҳати гузаронидани дарсҳои хизматӣ дар ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ аз тарафи ҳайати омӯзгорон, ба истиснои ҳолатҳои махсус, дархост ирсол карда нашавад;
- барои харидорӣ намудани барномаи “Антиплагиат” ҷиҳати муайян намудани сатҳи аслии мақолаҳои илмӣ ва дигар корҳои хаттӣ мусоидат карда шавад;
- барои ба пуррагӣ гузаштан ба низоми электронии маълумотҳо ҷиҳати харидорӣ намудани барномаҳои махсуси компютерӣ дар маркази тестӣ, котибот, шуъбаи кадрҳо ва шуъбаи молиявӣ-иқтисодӣ аз ҳисоби суратҳисоби махсуси Академия иҷозат дода шавад.

Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди таҷрибаомӯзии курсантони курсҳои панҷуми Академия дар амалия аз номи Вазири корҳои дохилӣ  талабнома ба тамоми ҷузъу томи ВКД ирсол карда шавад:

- ба кор таъмин кардани хатмкунандагони  Академия, дар самти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъадор ҷиҳати бастани шартномаҳои

тарафайн ба СРИҶҶ Вазорати адлия ва дигар мақомотҳои дахлдор аз ҷониби РК ва КҲШ ВКД тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ карда шавад;

- барои дар оянда ҷалб намудани довталабон бо ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар самти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъадор бо мақомоти дахлдори болозикр ҳамкориҳо ба роҳ монда шавад; ҳангоми сафарбарии кормандони амалия ба муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар ҷиҳати пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо тартиби гузаронидани озмуни интихобӣ тавассути кафедра ва шуъбаҳои дахлдори Академия ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, дар замони истиқлолият фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ ба роҳ монда шуда, ҷиҳати такмили неруи зеҳнӣ чораҳои зарурӣ андешида шуд. Хусусан, дар тайёр кардани мутахассисон як ҷаҳиши назарраси сифатӣ ба амал омад. Иштироки фаъоли кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ки ба амиқтар кардани дониш ва салоҳияти касбии онҳо нигаронида шудаанд, ба раванди таълим ва фаъолияти тадқиқотии онҳо таъсири мусбии назаррас расонд.

# БОБИ III. РУШДИ ФАРҲАНГИ КАСБИИ КОРМАНДОН ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

## 3.1. Ташаккули фарҳанги касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ

Бо қабули Эъломияи Истиқлол Тоҷикистон ба марҳилаи нави тараққиёти худ, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи умумибашарӣ ворид гардид. 6-уми ноябри соли 1994 мардуми Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул намуд, ки гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунад. Қабул ва амалӣ гардидани Конститутсия аз ҳар як сокини кишвар масъулияти басо муҳимро тақозо мекунад. Дар ин маврид, бо қабули қонунҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар асоси Конститутсия, дар назди ҳайати шахсии ВКД ва муассисаҳои таълимии он низ як қатор вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

Аз ин рӯ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми кормандони ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат карда, таъкид намудаанд, ки: «Аз сарбози қаторӣ сар карда, то афсарони олирутба бояд донанд, ки ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ки аз ҳифзи манфиатҳои умумии давлат ва халқ, сохти конститутсионӣ, истиқлолияти кишвар, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳади давлат, таъмини озодӣ, амният ва ҳуқуқи шаҳрвандон, таъмини амнияти иқтисодӣ иборатанд, маҳз ба дӯши онҳо қарор дорад» [106, с.4]. Бо таъкидҳои Пешвои миллат ва хизматҳои шабонарӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, айни ҳол Тоҷикистон ба қатори даҳгонаи давлатҳои амнтарини ҷаҳон ворид гардидааст.

Иҷрои таъкиду супоришҳои роҳбарияти олии кишвар ва ВКД аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, кормандони милитсия донишу маҳорати баланди касбӣ, таъриху фарҳанг, ҷаҳонбинии васеъ, ифтихори баланди миллӣ, инчунин чусту чолокиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, барои ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ донистани таъриху фарҳанги кишвари худ ва дигар кишварҳои ҷаҳон, Конститутсия, қонунҳои амалкунандаи дохилию байналмилалӣ, ҳуқуқдонӣ шарт ва

зарур мебошад. Чунки маҳз тавассути баланд бардоштани савияи дониши худ, корманди ҳифзи ҳуқуқ метавонад фарҳанги воло дошта бошад.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.01.2022 дастовардҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, таъкид намуданд, ки: «Олимони ҷомеашиноси моро зарур аст, ки якҷо бо зиёиёни эҷодкор дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва забону адабиёти миллати куҳанбунёдамон дар роҳи ба ҷаҳониён ҳарчи бештар муаррифӣ кардани таърих, тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷик рисолати шаҳрвандиву миллии худро ба таври шоиста иҷро намоянд. Аз ин лиҳоз, маврид ба зикр аст, ки рушди фарҳанг ҳамчун омили асосии тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа ва муаррифгари таърих ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Ҳукумати Тоҷикистон вобаста ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ иқдомоти зиёд амалӣ менамояд. Ҳифзи мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии миллати бостониамон, ки гувоҳи зиндаи таърихи шашҳазорсолаи халқамон мебошад, вазифаи муҳимтарини мо ворисони ин мероси бузург мебошад. Эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ барои баланд бардоштани руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву хештаншиносии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон бисёр муҳим мебошад» [3]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин нукта диққат дода, таъкид намуданд, ки «Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд медиҳем, ки эҳёи суннатҳои «Шашмақом», «Фалак», «Наврӯз», «Тиргон», «Меҳргон» ва «Сада» аз ҷумлаи онҳо мебошад. Ифтитоҳи бинои нави Китобхонаи миллӣ барои 10 миллион нусха китоб

дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе, баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии китоб, озмунҳои гуногун, махсусан, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», нашри силсилакитоби «Ахтарони адаб» иборат аз панҷоҳ ҷилд, ба ҳар як оилаи кишвар ба таври ройгон дастрас гардидани шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, таҷлили «Рӯзи китоб», бунёди даҳҳо театр, қасрҳои фарҳангӣ, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангу фароғатӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва сафарҳои ҳунарии аҳли фарҳанги мо ба кишварҳои дунё аз муҳимтарин дастовардҳои даврони Истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанги миллӣ ба шумор меравандӣ» [1].

Дар натиҷаи ташаккули фарҳанги касбӣ сол то сол қадрдонии кормандон низ зиёд гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2022 нисбати 68 (53) нафар кормандон пешниҳод барои сарфароз намудан бо рутбаҳои махсуси навбатӣ ва аввалини афсарӣ омода гардида, ба Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ ирсол карда шуда, бо рутбаҳои махсус сарфароз гардонида шуданд. Дар ин раванд бо фармони сардори Академия 3 (2) нафар кормандони ҳайати қаторӣ ва хурди роҳбарикунанда бо рутбаҳои махсуси навбатӣ сарфароз гардонида шуданд. Дар соли 2022, 29 (22) нафар кормандони Академия бо фармони ВКД ва зиёда аз 62 (48) нафар бо фармони Академия мукофотонида шуданд. Инчунин, дар ин давра 161 нафар курсантон бо рутбаҳои махсуси ҳайати хурди роҳбарикунанда: аз ҷумла: 150 нафар “сержанти хурди милитсия” ва 11 нафар бо рутбаи “сержанти милитсия” сарфароз гардиданд. Ҳамзамон, зиёда 162 нафар курсатон бо ифтихорнома ва раҳматнома аз номи сардори Академия ҳавасманд гардонида шудаанд.

Фаъолияти созмонҳои ҷамъиятии Академия низ таҳти назорати шуъбачаи корҳои тарбиявии шуъбаи кадрҳои Академия қарор дорад. Дар 12 моҳи соли 2024, Шӯрои роҳнамоён 6 (6) ҷаласа баргузор намуданд. Шӯрои собиқадорон 9 (8) ҷаласа ва Шӯрои занон 30 (24) ҷаласа баргузор намуданд. Фаъолияти комиссияи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ҷоннок буда, баргузории тую маъракаҳоро таҳти

назорати қатъӣ қарор дода, ҷаласаҳо ва суҳбатҳои инфиродӣ барпо менамояд. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ин комиссия 20 (18) тӯйи хонадоршавӣ ва 5 (3) азо ба қайд гирифта шуда, ба қонуншиканӣ роҳ дода нашудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати фарҳангии кормандон дар моҳи январи соли 2024 ҳайати шахсии Академия барои соли 2024 дар умум ба 188 адад рӯзномаҳо, ҳафтаномаҳо, маҷаллаҳо ва нашрияҳои даврӣ обуна шуданд. Аз ҷумла: «Ҷумҳурият» - 5 адад, «Садои мардум» - 5 адад, «Народная газета» - 2 адад, «Халқ овозӣ» - 2 адад, «Ваҳдат» - 2 адад, «Қонун ва ҷомеа» - 125 адад, «Ҷавонони Тоҷикистон» - 2 адад, «Мароми пойтахт» - 18 адад, «Минбари халқ» - 18 адад, «Ахбори Маҷлиси Олӣ» - 1 адад, «Ҳарфи омор» - 2 адад, «Молия ва ҳисобдорӣ» - 2 адад, «Адабиёт ва санъат» - 2 адад, «Бонувони Тоҷикистон» - 2 адад. Инчунин, дар Академия маҳз бо ташаббуси роҳбарияти Академияи ВКД, нашрияи Академия бо номи "Набзи милитсия" таъсис дода шуда, 24-уми августи соли 2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки ҳайати шахсӣ ба он обуна буда, солона то 500 адад ба нашр мерасад.

Дар рӯзномаи “Набзи милитсия” масъалаҳои муосири фаъолияти ВКД, аз қабили иҷрои корҳои муваффақи кормондон, ташвиқи ғояҳои маънавӣ ва фарҳангӣ нашр мегардад. Тавассути рӯзномаи “Набзи милитсия” омӯзгорон, курсантон, шунавандагон, адюнкту докторантҳо, олимону мутахассисон пайваста масъалаҳои мубрами замонро мавриди инъикос гузошта, дар тарбияи насли наврас, кормандон ва шаҳрвандон саҳми арзанда гузошта истодааст.

Бояд ёдовар шуд, ки соли 2025 бо ташаббус ва иқдоми фарҳангдӯстонаи Пешвои миллат ба теъдоди 1700000 ҷилд «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо сифати баланд чоп ва ба ҳар як оилаи тоҷикон ба таври ройгон эҳдо гардид.

Олимону кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан Академияи ВКД пешниҳоду таъкидҳои Пешвои миллат ва роҳбарияти ВКД-ро

сармашқи кори худ қарор дода, баҳри баланд бардоштани фарҳанги касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ як қатор китобу монография, дастуру барномаҳо ба нашр расониданд. Аз ҷумла, аз тарафи Раҷабзода Р. М. [100; 101], Рустамзода А. Қ. ва Азимӣ У. А. [118], Давлатшозода А. Ш. [117], Бойзода Ҷ. Ҷ., Расулзод Л. Х., Султонов В. И. [44], Абдуллоев Р. А. [29], Асламов Б. С., Ташрифзода Ф. Қ. [37] як қатор барномаву стандартҳои таълимӣ [24; 42; 54; 106, с.4] табъу нашр гардиданд, ки дар боло бурдани савияи касбӣ ва фарҳангии кормандони мақомоти корҳои дихилӣ саҳми назаррас доранд.

Гуфтан ба маврид аст, ки Вазорати корҳои дохилӣ ва ҳайати шахсии милитсия, дар ҳифз ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ, амнияти миллӣ ва иқтисодӣ, пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ ва дигар амалҳои ғайриинсонӣ нақши муҳим доранд. Албатта, ёдовар бояд шуд, ки дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, муассисаву корҳонаҳо, аз ҷумла ВКД ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида буданд. Ин нуктаро Вазири корҳои дохилӣ Раҳимзода Р. Ҳ. чунин шарҳ додааст: «Тоҷикистон соҳибистиқлолии худро дар шароите эълон намуд, ки аз замони сохти давлатдории шуравӣ ба мерос монда буд. Илова бар он, аз солҳои аввали Истиқлолият, ҷумҳурӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, моддӣ ва ғайра зарари калон расонид» [97, с.3].

Мавзуи ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар адабиёти илмӣ ҳанӯз ба таври пурра инъикос наёфтааст. Аз ҳамин лиҳоз, оид ба ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони милитсия маълумоти зиёд вуҷуд надорад. Амалан фаъолияти рӯзмарраи милитсияро бе фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандон, таъмини такягоҳи устувори иҷтимоии онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин маврид вазири корҳои дохилӣ генерал - полковники милитсия Раҳимзода Р. Ҳ. ба фарҳанг ва этикаи касбии кормандон, вазъи иҷтимоии онҳо таваҷҷуҳи хос ва ғамхориҳои зиёд

зоҳир менамояд. Ӯ ҳамчун шахсияти ташаббускору эҷодкор, олим, педагог ва мутахассиси варзидаи мақомоти ҳифзи хуқуқ, фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро омили асосии пешрафти фаъолият ва рукни муҳимми тарбияи касбии кормандони милитсия медонад.

Раҷабзода Р. дар монографияи худ мафҳуми фарҳанги ҳуқуқиро чунин шарҳ додааст: «Фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи васлкунандаи фарҳанг ва ҳуқуқ буда, аз як тараф, ба сифати ҷанбаи ҳуқуқии фарҳанг, аз тарафи дигар, чун ҷанбаи фарҳангии ҳуқуқ баромад мекунад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ, ба маънои васеъ, яке аз усулҳои инъикос ва тавсифи муносибатҳои ҷамъиятии маънавӣ – фарҳангӣ мебошад, ки бо ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ алоқаманд буда, дар ҳолати зарурӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор мегиранд»[101, с.7]. Мафҳуми додашуда аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ тақозо менамояд, ки Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии касбӣ ва байналмиллаиро донанд, аз худ намоянд. Бе донистани қонуну санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ баланд бардоштани фарҳанги касбӣ ва ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ғайриимкон буда, дар муошират, гузаронидани суҳбат бо қишрҳои гуногуни ҷомеа, дар рафти пурсишҳои ҷинояткорон душвориҳои ҷиддиро барои кормандони МКД пеш меорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои баланд бардоштани фарҳанги касбӣ, пеш аз ҳама, аз худ намудани донишҳои соҳавӣ, аз қабили таърих, фарҳангшиносӣ, этика ва эстетикаи касбӣ, ҳуқуқ, диншиносӣ, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ, тиббӣ ва ғайраҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллифони «Маълумотномаи корманди милитсия» ба таври возеҳу равшан ба ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ рӯй оварда, таъкид намудаанд, ки: «Кормандони ҳифзи ҳуқуқ тартибот, пеш аз ҳама, бояд ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ҳифз намоянд ва дар татбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон саҳми арзанда дошта бошанд. Онҳо бояд

«Эъломияи умумии ҳуқуқи башар»-ро (соли 1948 қабул шудааст), ки ба ҳар як сокини Сайёра, ба ҳар як узви ҷомеа дахл дорад, донанд. Ғайр аз ин, дар арсаи байналмилалӣ асноди умумии байналхалқие қабул шудаанд, ки бевосита фаъолияти шахсони мансабдор, аз ҷумла милитсияро дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ба танзим медарорад. Ин ҳуҷҷат «Кодекси рафтори шахсони мансабдори таъминкунандаи тартиботи ҳуқуқӣ» ном дошта, соли 1979 қабул шудааст.

Асноди фаъолияти ҳуқуқии кормандони милитсияи Тоҷикистонро, дар баробари Эъломия ва паймонҳои байналхалқӣ доир ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун дар бораи милитсия ва дигар қонунҳою асноди идоравие, ки дар асоси онҳо қабул шудаанд, ташкил мекунад» [106, с.5-10].

Дар ҷомеаи муосир фарҳанги касбӣ ва педагогӣ ҳамчун қисми таркибии ҳаёти маънавӣ нақши бузург дорад. Муносибатҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ маҳз тавассути фарҳанги сиёсӣ, унсури иҷтимоӣ, баҳодиҳӣ, майлони одамон, инчунин меъёр, малака ва тарзҳои рафтори сиёсии одамон баромад менамояд. Таҳкурсии асосии фарҳанги сиёсӣ - ин рушди устувори иқтисодии кишвар мебошад, ки аз иҷрои ҳадафҳои стратегии кишвар мебошад, ки аз таъмини амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар сарчашма мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи бунёд ва эъмори давлати демократиро ҳадафи аслии худ қарор додааст, бештар ба арзишҳои маънавӣ ё худ маърифатӣ, бахусус фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ такя менамояд. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки: «Таърихи тамаддуни башарӣ гувоҳ аст, ки худшиносӣ ва ифтихори миллӣ пойдевори бақои миллат аст. Миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад» [11, с.38].

Барои ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони МКД заминаи муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ лозим аст. Барои расидан ба ин ҳадаф такягоҳи иқтисодии мустаҳкам лозим буда, корҳои назаррас бояд анҷом дода шаванд, зеро дар ин замина руҳия, шуури сиёсии кормандони МКД ташаккул меёбад. «Маҳз бо ибтикор, таваҷҷуҳ ва талошҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои таърихи куҳани халқи тоҷик эҳё гардида, осори қадимаи он ба маърази умум гузошта шуд. Бо ҷалби таърихшиносону бостоншиносон даҳҳо мавзеъҳои қадиму таърихии кишвар кашфу азнавсозӣ шуданд, ки имрӯз онҳо шаҳодати возеҳи яке аз миллатҳои куҳантарини дунё будани тоҷиконанд» [96, с.54].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, пеш аз ҳама дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги касбии худ ба таври ҳамешагӣ кӯшиш намоянд, чунки онҳо ҳамарӯза бо шахсиятҳои дорои психологияи гуногун суҳбатҳо баргузор мекунанд. Аз ҷумла, бо кормандони касбу кори гуногун: дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ноболиғон), таҳсилоти миёнаи касбӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаву корхонаҳо ва қишрҳои гуногуни ҷомеа. Дар ин замина, доштани маърифат ва фарҳанги воло метавонад обрӯй ва эътибори корманди мақомоти ҳифзи ҳуқукро боло бардорад.

Дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пеш аз ҳама, «фазои муайяни психологӣ, ташкилӣ, корӣ, робитаҳои дохилиидоравӣ, муносибатҳои байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, байни кормандони қаторӣ ва роҳбарони ин мақомот, фазои криминалӣ, соҳаи ҷинояткорӣ ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ, робита бо аҳолӣ, бо мақомоти давлатӣ, таҷрибаи корӣ, маҳорати касбӣ, қобилияти роҳбарӣ ва идоракунӣ, истеъдоди ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ва тафтиши парвандаҳо» [101, с.5] таъсиррасон мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки фарҳанги касбии ҳуқуқии кормандони ҳифзи ҳуқуқ бо як қатор принсипҳо аз дигар фаъолиятҳои касбӣ фарқ мекунад. Яъне, фаъолияти касбии ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ хусусиятҳои худро дорад. «Ин хусусиятҳо дар робита ба донишҳои махсуси касбии ҳуқуқӣ; намудҳои махсуси фаъолияти касбии ҳуқуқӣ (судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ, нотариалӣ, адвокатӣ ва дигар); иҷрои вазифаҳои хизматӣ; вазъи махсуси хизмати ҳифзи ҳуқуқӣ; робита бо қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ татбиқ ва тафсири ҳуқуқ; салоҳияти истифодаи чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ; масъулияти ҳуқуқии касбӣ; робита бо фаъолияти молиявӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, техникӣ, тарбиявӣ, тарғиботӣ ва ташвиқотӣ» [101, с.4] муайян карда мешаванд.

Рафтору одоби корманди мақомоти корҳои дохилӣ низ дар баланд бардоштани фарҳанги касбии он нақши бориз дорад. Рафтору одоби корманд ба табиати ҷамъияти демократӣ, тарзи зиндагӣ ва санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Донистану риоя кардани одоби муошират аломати дарки латофату зебоӣ ва манфиати ишорат, ҳаракот ва тарзи муомилаи мақбул маҳсуб мегардад. «Риоя нагардидани одоби муошират бо сабаби надонистан ё беэҳтиромӣ ба он ҳамчун таҳқир қабул карда мешавад ва боиси нафрат ва қаҳру ғазаби ҳаққонӣ мегардад» [29, с.8].

Дар ин маврид, зарур мешуморем, ки ба мафҳуми одоб ва рафтор назаре андозем. «Дар зери мафҳуми одоб, риояи одоб, донистани ҳадди андоза, худдорию таҳаммул, эҳтиёткорию ботадбирӣ ва боодобӣ нисбат ба дигар одамон фаҳмида мешавад. Одоб ин маҳорати чизеро дар мавридаш гуфтан ё кореро дар вақташ иҷро кардан мебошад. Дарки чунин андоза аз муносибатҳои байниҳамдигарӣ, рафтори беадабонаю номуноиб, саросемагӣ, ишорати номатлубу нохуш ва муҳокимаронииҳои бемавридро истисно менамояд. Беодобӣ гувоҳи бемаданиятии одам, аломати дағалию бадмуомилагӣ ва густохии он мебошад. Дарки риояи

одоб бо амалу рафтори номулоҳизакорон ғунҷоишнопазир аст. Боодобӣ таҳаммулу худдорӣ ва сабру тоқатро тақозо мекунад.

Мафҳуми рафтор бошад, тартиботи маъмул, маҷмуи қавоиди рафторе фаҳмида мешавад, ки ба аломатҳои зоҳирии муносибат ба одамон дахл дорад (муомила бо атрофиён, шаклҳои муносибат ва салому алейк, рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, тарзи одату гуфтор ва либоспӯшӣ). Рафтор он талаботҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо хусусиятҳои қоидаи маросими қатъиян муназзамро пайдо мекунад ва дар риояашон шакли муайяни рафтор аҳаммияти махсус дорад» [29, с.9-10].

Дар ин замина, рафтору одоби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аломати тарбияи маънавӣ ва шаҳодати маданияти умумии он, шарти муҳимтарини барқарорсозии муносибатҳои дурусти байниҳамдигарии одамон, дар коллектив фароҳам овардани фазои боварӣ, хайрхоҳӣ ва меҳнати якдилона мебошад. Аз ин лиҳоз, аз худ кардани қонунҳои одоби муошират, азбар намудани онҳо талаботи маънавии ҳар як корманди мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

Барои фаъолияти босамари мақомоти корҳои дохилӣ хусусиятҳои ахлоқӣ ва равонии кормандон нақши муҳим дошта, аз рафтору кирдори намунавии ҳар як корманди мақомоти корҳои дохилӣ обрӯйи он дар миёни ҷомеа муайян мегардад. Яке аз шаклҳои таълиму тарбияи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мебошад. Ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ахлоқӣ ва психологии кормандони ВКД, Академияи ВКД ва Маркази таълимии ВКД мунтазам баргузор намудани чорабиниҳои муфиди таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангиву маънавӣ аз аҳаммият холӣ намебошад. Чунки баргузор намудани чунин чорабиниҳо дар ташаккули сифатҳои касбии кормандон нақши муҳим дошта, онҳоро дар руҳияи ватандӯстиву ахлоқи некӯ тарбия менамояд. Ҳаминро ба инобат гирифта, роҳбарияти Академияи ВКД дар нақшаҳои таълимии худ фанни «Этика ва психологияи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ»-ро ҷой

додааст. Фанни мазкур имкон фароҳам меоварад, ки дараҷаи ахлоқию эстетикии корманд, тайёрии психологии онҳо баланд бардошта шуда, дар онҳо малакаҳои кордонӣ, масъулиятшиносӣ, одоби муоширати, маърифатшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайраҳо тарбия карда шавад.

Барои баланд бардоштани маърифат ва фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии кормандон дар ВКД дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ як қатор тадбирҳои муҳимми фарҳангӣ андешида шуданд, ки дар ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии онҳо аҳаммияти назаррас доранд. Бо мақсади муайян намудани самтҳои асосӣ ва вазифаҳо дар назди ВКД якчанд санадҳои танзимкунанда низ қабул гардиданд:

- қабули Фармони №1 аз 01. 01. 2006 «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони МКД ва хизматчиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон»;

- қабули Кодекси одоби касбии корманди милитсия, Фармони №19 б/з аз 17. 02. 2017;

- таъсис ва фаъолияти ҳафтаномаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии «Қонун ва ҷомеа», аз 06. 02. 2008;

- таъсис ва фаъолияти дастаи ҳунарии «Сипар»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи октябри соли 2000;

- ифтитоҳ ва оғози фаъолияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маркази бузурги таълим, тарбия, илм ва фарҳанги тайёр намудани мутахассисон, 30-юми августи соли 2017;

- таъмиру тармими Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев бо сарпарастии ВКД дар арафаи «Рӯзи милитсияи тоҷик», ноябри соли 2018;

- ташрифи мунтазами кормандони МКД ба театрҳо ва марказҳои фарҳангии ҷумҳурӣ;

- таъсис ва фаъолияти маҳфили адабии «Ҳамешабаҳор» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо иштироки кормандони МКД, 2016-2022;

- таъсис ва фаъолияти Маркази матбуоти ВКД: барномаҳои «Ахбори ВКД» ва «Набз» дар шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ, хафтае як маротиба;

- таъсис ва фаъолияти Сомонаи расмии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (www. vkd. tj);

- нашри рӯзномаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Набзи милитсия», 24-уми августи соли 2015;

- нашри дастури амалии корманди бозрасии давлатии автомобилӣ бо ронанда - шаҳрванди хориҷӣ, соли 2018;

- ифтитоҳи Маҷмааи варзишии ВКД, 23. 04. 2013;

- таъсис ва фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11 ноябри соли 2014;

- таъсис ва фаъолияти гурӯҳи «Авангард»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20-уми августи соли 2015;

- таъмиру тармим, ҷалб ва ташкили фароғату машқҳои кормандон дар Осоишгоҳ ва Маркази таълиму тамрини ВКД дар минтақаҳои гуногуни кишвар;

- ба истифода додани «Комбинати дӯзандагӣ» - и РТМТН ВКД;

- ташкили ҷалби кормандони МКД ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва ҷалби кормандон ба китобхонӣ;

- ташкил ва гузаронидани озмуни китобхонӣ, рӯзи китобхонӣ ва дигар озмунҳои фарҳангӣ.

Тадбирҳои дигари муҳимми фарҳангӣ барои баланд бардоштани фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ андешида шуданд, ки дар боло бурдани ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстии онҳо мусоидат менамояд, фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии кормандон мебошад. Саҳми фарҳанги касбӣ ва педагогӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии кормандони МКД хеле назаррас аст. Фарҳанги сиёсӣ дорои сохтор ва унсурҳои таркибӣ мебошад, ки ба шуури ҷамъиятии

кормандон таъсири мусбӣ мерасонад. Фарҳанги сиёсии кормандони МКД шакли махсуси фарҳанги сиёсӣ буда, маънои садоқат ба ватандорӣ, Президент, миллат, сохти конститутсионӣ ва манфиатҳои давлатро дорад [38, с.5-8, 18-26]. Дар ин замина, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки: «Миллати тоҷик миллати соҳибмаърифат ва дорои тамаддуни оламгир аст ва месазад, ки мову шумо арзишҳои миллӣ, мероси фарҳангӣ, таърихи куҳанбунёд, илму адабиёт ва ҳунари волои онро ба хотири расидан ба қадри Истиқлолият, ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва давлату давлатдории навин пайваста омӯзему талқин намоем» [9, с.16].

Дар маҷмуъ, фарҳанги сиёсӣ аз арзишҳо, нишондод, эътиқод, майлонҳо ва рамзҳо иборат буда, ба сифати танзимгари таҷрибаи сиёсӣ, рафтори сиёсӣ, ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони МКД баромад менамояд. Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ баҳри ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогӣ дар ВКД тадбирҳои мушаххаси тарбиявӣ-маърифатӣ, фарҳангӣ-педагогӣ дар ҷодаи муҳимми сиёсати давлатӣ роҳандозӣ гардиданд.

Хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз кормандони он сатҳи баланди қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, онҳо бояд сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ, маҳорати касбӣ ва одоби хизматӣ дошта бошанд. «Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо назардошти фаъолияти касбӣ, салоҳияти хизматӣ ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо ташаккул ёфта, хусусиятҳои худро дорад» [101, с.69].

Паҳлуи дигари масъала баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. «Шуури ҳуқуқии касбӣ дар ҷараёни фаъолияти касбӣ, зимни амалӣ намудани салоҳияти хизматӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ташаккул меёбад. Хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии ин кормандон дар иртибот бо хусусиятҳои фаъолияти касбии онҳо муайян

карда мешавад» [101, с.69]. Дар мавриди дигар ҳамин муаллиф чунин мешуморад, ки:«Фарҳанги ҳуқуқӣ аз унсурҳои зиёд иборат буда, дар байни онҳо нақши ҳалкунандаро шуури ҳуқуқӣ мебозад. Аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ мазмун ва амали воқеии ҳамаи унсурҳои дигари фарҳанги ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад» [101, с.142].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки агар инсон, қонунҳоро донад, амалу рафтори худро танзим карда метавонад. Ин амалу рафтор махсусан ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шарт ва зарур буда, дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги касбии онҳо аҳаммияти калон дорад. Дар боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии кормандони МКД саҳми муассисаҳои таълимии ВКД, омӯзгорону кормандони он муассир мебошад. Дар ин маврид гуфтан ба маврид аст, ки аз сатҳи шуури ҳуқуқии касбии кормандони МКД тамоми паҳлуҳои фаъолияти онҳо вобаста мебошад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба падидаҳои гуногуни манфӣ дучор мегарданд. Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ки шумораашон ниҳоят зиёд аст, ба шуури ҳуқуқии кормандон низ таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, ҳам донишҳои васеи ҳуқуқӣ ва ҳам сифатҳои шахсии маънавию фарҳангӣ метавонанд роҳкушои ҳама мушкилоти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ гарданд. Дар робита ба ин, Президенти кишвар дар Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи милитсияи тоҷик, 10-уми ноябри соли 2018 таъкид намуданд, ки: «Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ аз сатҳи омодагии касбӣ ва сифатҳои шахсии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобастагии калон дорад» [101, с.76].

Масъалаи дигар, ки дар болоравии касбияти фарҳангии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таъсиргузор мебошад, тарбияи ҳуқуқии кормандони ин соҳа маҳсуб меёбад. Тарбияи ҳуқуқӣ – фаъолияти мақсадноки мунтазами давлат, мақомотҳо ва хизматчиёни он, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷамоаҳои меҳнатӣ барои ташаккул додан ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Робитаи ногусастании байни донишҳои ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ равшан аст. Дар маҷмӯъ, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи рушди маънавии шахс амал мекунанд, ки шарти зарурии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки дар он ба шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ афзалият дода мешавад.

Дар шароити муосир кори тарбиявӣ раванди басо мушкил ва серпаҳлу буда, фарогири ҳам тарбияи ҳуқуқӣ ва ҳам корҳои инфиродӣ мебошад. Ташаккули тарбияи ҳуқуқӣ дар ҳамоҳангии корҳои инфиродӣ самаранок буда, метавонад ба мақсади дар назди худ гузошташуда расад. Дар фаъолияти касбӣ, кормандони МКД бо вазъитяҳои гуногуну мураккаб рӯ ба рӯ мешаванд, ки онҳо тахассуси баланд ва устувории мустаҳкамро талаб менамояд.

Бо таъсиси сохтори нави давлатӣ пас аз Истиқлолият, дар сатҳҳои олии сиёсати давлатӣ зарурати тақвияти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба миён омад. Дар ин замина, Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистон, нуктаҳои зеринро таъкид кард: «Эҳтиром, риоя ва иҷрои Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, ҳам аз шахсони мансабдор ва ҳам аз шаҳрвандон дониши баланди касбӣ ва маърифати ҳуқуқиро тақозо мекунад» [117, с.4].

Яке аз паҳлуҳои асосии тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дар ниҳоди онҳо ташаккул додани тарбияи ватанпарастӣ мебошад. Самти муҳимми ин шакли тарбияро ташаккули шуури ватанпарастӣ, ҳисси садоқат ба Ватан ва арзишҳои миллии кишвар ташкил медиҳад. «Асоси тарбияи ватанпарастиро омӯзиш ва гиромидошти мероси таърихию фарҳангӣ ва арзишу суннатҳои он, муҳофизати муҳити зист, ташаккули ҳисси миллӣ – ватандӯстии ҷавонону наврасон, ҷанбаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ифода менамояд» [117, с.5]. Қайд кардан бамаврид аст, ки барои ташаккули тарбияи ватандӯстӣ

ҷалби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба маҳфилҳои илмиву фарҳангӣ, иштироки фаъолона дар чунин маҳфилу озмунҳо зарур мебошад.

Рушди фарҳанги касбӣ дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла донишҷӯёни Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, Коллеҷи милитсия, Коллеҷи техникӣ ва сӯхторхомӯшкунӣ ва дигар муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ, бо таълими сиёсӣ ва фарҳангӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Пешрафти соҳаи маориф, рушду такомули муассисаҳои таълимӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ ва фарҳанги баланди миллат имкон фароҳам меоварад, ки дар кишвар кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир тарбия карда шаванд. Тарбияи касбии кадрҳо яке аз қисмҳои муҳимми тарбиявӣ буда, маҳз кадрҳо метавонанд дар рушди давлат ва ҷомеа саҳмгузор бошанд. Таъмини сулҳу амният, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо низ аз кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сатҳи баланди фарҳангӣ, қобилиятнокӣ, донишҳои гуногун вобастагӣ дорад. Сарвари давлати Тоҷикистон ин масъаларо дар Паёми худ ба парлумони кишвар таъкид кард: «Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободии Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот танҳо бадбахтӣ меорад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад» [1].

Барои муайян ва бартараф намудани мушкилию камбудиҳои идоракунӣ, фаъолияти хизматии мақомоти корҳои дохилӣ, болоравии фарҳанги касбии кормандон дар низоми ВКД муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ фаъолият менамоянд. Барои тақвияти потенсиали илмӣ, беҳтар

кардани фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, баланд бардоштани ахлоқ ва касбияти кормандон, соли 2015 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарореро дар бораи таъсиси Маркази тадқиқоти илмии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард. Аз моҳи июли соли 2021 Маркази илмӣ-тадқиқотиро номзади илмҳои таърих, подполковники милитсия Алимардонӣ Манучеҳр Усмонзод роҳбарӣ менамояд. Дар маркази мазкур кормандони таҷрибадори МКД кору фаъолият менамоянд. Имрӯз Маркази илмӣ-тадқиқотӣ дар мавзуъҳои гуногуни фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таҷриба мегузаронад. Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Маркази илмӣ-тадқиқотӣ омӯзиш ва тадқиқи мушкилиҳои муқовимат бо терроризм, экстремизм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар мебошад. Самти афзалиятноки фаъолияти маркази мазкур омода намудани маводи илмии ёрирасон барои ҷузъу томҳои ВКД, аз ҷумла, барои қушунҳои дохилӣ ва воҳидҳои таъйиноти махсус мебошад. Ғайр аз ин, ҳар семоҳа аз ҷониби Маркази илмӣ - тадқиқотӣ маҷаллаи илмӣ ва иттилоотию таҳлилии "Нарко - Фронт" нашр мегардад. Дар маҷаллаи мазкур натиҷаҳои тадқиқоти олимони ватанӣ, аз ҷумла ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД, таҳлилҳои кормандони амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нашр мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташаккул ёфта, дар умум, кормандони милитсия дар бисёр чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ ва дигар озмуну чорабиниҳои илмӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд. Инчунин, дар бунёд, таъмири ёдгориҳои таърихӣ ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ ВКД саҳми арзанда гузоштааст. Ғайр аз ин, дар ин давра маҳорати педагогӣ ва касбии мақомоти корҳои дохилӣ рушд карда, аз ҷониби омӯзгорон ва кормандони ВКД бисёр китобҳои таълимиву илмӣ таълиф гардида, як қатор лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода шуд. Кормандони

илмии мақомоти корҳои дохилӣ дар баробари дигар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ дар рушди илми тоҷик саҳми назаррас доранд.

### 3.2. Равобити байналмилалӣ дар самти омода намудани мутахассисони мақомоти корҳои дохилӣ

Дар охири асри XX ва аввали асри XXI сатҳи ҷинояту ҷинояткорӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Вазъияти баамаломада зарурати воқеиро ба миён овард, ки кишварҳо дар муносибати байниҳамдигарӣ аз ихтилоф гузашта, ҳамкориҳои судмандро тақвият диҳанд.

Бо пешрафти илму техника ва технологияи муосир ҷинояткорӣ низ шакл ва усулҳои худро ба таври ҳамешагӣ такмил медиҳад ва ҷинояткорон аз ин имкониятҳо васеъ истифода менамоянд. Ин омили зарурати ба роҳ мондани ҳамкориҳои васеъ ва ҳамаҷонибаро миёни давлатҳо ба миён овардааст. Дар ин бора Р. Ҳ. Раҳимзода иброз намудааст, ки: «Роҳбари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии мардумии Чин баҳри боз ҳам хубтару беҳтар ва қавӣ гардидани таҷрибаи пешқадами кормандон мубодилаи иттилоот, таъмини бехатарии шаҳрвандон, баргузории ҷаласаву семинарҳои омӯзишӣ ва дигар масъалаҳои корӣ диққати зарурӣ медиҳанд» [142, с.43]. Таҷриба нишон медиҳад, ки муқовимати самаранок бар зидди таҳдидҳои замони муосир танҳо бо кӯшиш ва амалҳои якҷоя амалӣ ва имконпазир мегардад. Воқеаҳои фоҷиабор, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба вуқуъ пайваста истодаанд, бори дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки мубориза бар зидди ҷинояткории байналмилалӣ (трансмиллӣ) бояд дастаҷамъона амалӣ шавад.

Аз байн рафтани ИҶШС зарурияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи  кишварҳои пасошуравро бар зидди ҷинояту

ҷинояткорӣ, ҳамзамон дар доираи ИДМ ба миён овард. Дар таҳкими робитаҳо ва омодасозии кадрҳо ниҳоди нав-Иҷлосияи вазирони корҳои дохилии ИДМ (ИВКД ИДМ) нақши муассир гузошт. «Дар ин ҷо махсус бояд зикр кард, ки ҳанӯз дар соли 1991, вақте ИҶШС барҳам хӯрд, байни собиқ ҷумҳуриҳои он ҳатто муносибатҳои фаъоли сиёсӣ ба роҳ монда нашуда буд, вале дар он давра ИВКД ИДМ фаъолонаю самаранок амал мекард ва айни замон фаъолияти худро муваффақона давом дода истодааст» [48, с.108].

Ҷиҳати фаъолияти босамари кормандони МКД, албатта, таҷрибаи пешқадами мақомотҳои қудратии дигар кишварҳои ҷаҳон зарӯр аст. Пайи иҷрои ин амалҳо, як қатор қарору фармонҳои ҳукуматӣ, аз ҷумла «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013 - 2020» ва «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025» [22]. Дар Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналмилалии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Академияи ВКД айни ҳол зиёда аз 40 созишномаро бо ҳамтоёни хориҷии худ, аз қабили намояндаи дафтари САҲА дар Тоҷикистон, Сафорати ИМА дар Тоҷикистон, Хазинаи Ҳаннс Зайдел (Олмон), Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират, Барномаи рушди СММ, Идораи рушди байналмилалӣ ва ҳамкории Шветсия (SIDA), Идораи Комиссари олии СММ оид ба корҳои гурезаҳо, Бюрои муҳофизати ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният, Комитети байналмилалии Салиби Сурх, Saferworld (Дунёи бехатар), PDV (Пешгирии зӯроварӣ дар оила) ва дигар созмонҳо ҳамкории судмандро дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ роҳандозӣ намудааст. Академияи ВКД бо муассисаҳои илмӣ-таълимии системаи ВКД, МКД-и Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова ва Озарбойҷон ҳамкорӣ менамояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ олимони Академияи ВКД дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомотҳои қонунгузорӣ,

ташкилотҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои байнидавлатӣ шомил гардида, мунтазам таклифу пешниҳодот ирсол менамоянд. Масалан, пешниҳод ба қарори мушовараи якҷояи байни ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Россия № 732/1017 б/з аз 24-уми ноябри соли 2015 ҷиҳати баррасии Созишнома байни ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Россия дар бораи ҳамкориҳо дар самти фаъолияти илмӣ ва таълимӣ, ки аз ҷониби олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шуда буд. Қайд намудан ба маврид аст, ки соли 2015 олимони Академияи ВКД дар ҷаласаи якуми Шурои машваратии назди Шурои Вазирони корҳои дохилии ИДМ моҳи июни соли 2015 иштирок намуда, дар тасдиқи як қатор ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи сохтори мазкур ширкат доштанд [48, с.122-124].

Пас аз соли 2002 робита ва ҳамкориҳои судманди муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар бо муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Дар ин асос якчанд созишномаҳо ба имзо расиданд, ки самти корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ - педагогиро вусъат бахшиданд. Ба монанди:

- протоколи ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр намудани кадрҳо бо Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия (16-уми августи соли 2002);

- Созишномаи ҳамкории эҷодӣ бо Донишгоҳи умумироссиягии такмили ихтисоси кормандони ВКД (ш. Домодедово, 25-уми октябри соли 2007);

- Созишномаи ҳамкорӣ бо Академияи ВКД Ҷумҳурии Қирғизистон (28-уми майи соли 2008);

- протокол дар бораи таъсис ва ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи байналмилалии Академияҳои полис (16-уми июни соли 2011);

- тафоҳумномаи ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи Лигаи байнидонишгоҳҳои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (моҳи июни соли 2014).

Дар маҷмуъ, мақомоти корҳои дохилӣ дар самти тайёр намудани мутахассисон ва табодули таҷриба бо 5 муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар, ҳамкорӣ ва созишномаҳоро татбиқ менамоянд.

Гузашта аз ин, дар ин давра ду созишномаи муҳимми дигар: «Созишнома оид ба омода намудани кадрҳо барои мақомоти корҳои дохилӣ ва қушунҳои дохилии давлат-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» аз 25-уми майи соли 2007 (ш. Ялта) ва «Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия» аз 21-уми августи 2007 (ш. Санкт - Петербург)» ба имзо расидаанд.

Дар баргузории конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ, такмили ихтисоси кормандон, семинару тренингҳо ва ғайраҳо саҳми Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ муассир мебошад.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки «намояндагони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи чорабиниҳои гузаронидашаванда дар доираи мақомоти ИДМ, яъне ШВКД, (СМВД), БҲМБҶМ (БКБОБ), МЗТ (АТЦ), СААД (ОДКБ) ва дигар ташкилотҳо фаъолона иштирок мекунанд». Бо ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ, аз қабили Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, Маркази таълимии Вазорати корҳои дохилӣ, чорабиниҳои муштараки сершумор ташкил ва баргузор карда шуданд. Маркази таълимии СХДО ВКД, Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор намуда, дар тарбия ва касбомӯзии рекуртон, курсантон ва шунавандагон саҳми арзанда гузоштанд. Дар асоси ин созишномаҳо омодасозии мутахассисон ва таъминоти илмии тарафҳо ҳамчун мақсади асосӣ дониста шудааст. Дар ин давра, дар самти омода намудани кадрҳои илмӣ «Протоколи ҳамкорӣ байни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия» нақши муҳим дошт, ки баъдан кормандони Академияи ВКД дар асоси он таҳсили худро дар адъюнктура ва докторантура ба роҳ мондаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ омода намудани кадрҳои миллии МКД дар дохил ва хориҷи кишвар вусъат ёфтааст. Роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкурро мавриди омӯзиши ҳамешагӣ қарор дода, дар ҷаласаҳои мушовараи ВКД баррасӣ намуда, қарорҳои зарурӣ қабул менамуданд, ки онҳо марҳала ба марҳала татбиқ ёфтаанд. «Соли 2002 ҷиҳати ҷоннок намудани фаъолият дар самти тайёр намудани кадрҳои илмӣ - педагогӣ байни Академияи ВКД ва яке аз бонуфузтарин муассисаҳои таълимӣ дар миқёси ИДМ-Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия шартномаи ба роҳ мондани муносибатҳои тарафайн баста шуда, то ҳол муносибатҳои мазкур идома доранд» [48, с.150].

Дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ байни муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИДМ моҳи майи соли 2007 дар ш. Қазон Ассотсиатсияи муассисаҳои олии таълимии давлатҳои ИДМ созмон дода шуд. Ҳамин тавр, моҳи сентябри соли 2009 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун аъзои Ассотсиатсияи мазкур қабул намуданд. Ассотсиатсияи мазкур дар муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим дошта, шумораи кормандони илмӣ дар Академияи идоракунии Федератсияи Россия таълимдида аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд гардид. «Ассотсиатсия зиёда аз 240 чорабиниҳои илмӣ ва таълимӣ гузаронида, теъдоди 60 адад семинар, 140 конференсияи илмӣ-методӣ, мизҳои мудаввар, ҳимояи 40 корҳои диссертатсионӣ ва зиёда аз 300 сафарҳои хизматиро барои такмили ихтисоси кормандони милитсия ба анҷом расонид» [151, с.28].

Барқарор ва роҳандозӣ намудани робита бо дигар кишварҳо дар самти омода намудан, табодули таҷриба, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи якчанд сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва созмонҳои байналмилалӣ густариш ёфт. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ робитаи муассисаҳои таълимии ВКД дар доираи Шурои Вазирони корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ бештар ривоҷ

ёфт. Дар доираи ИДМ якчанд созишномаҳо байни ВКД-ҳои давлатҳои аъзо ба имзо расонида шудаанд, ки асосҳои ҳуқуқии густариши робитаҳои байналмилалиро ташкил медиҳанд. «Асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалиро дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ созишномаҳои байналмилалии бисёртарафа, минтақавӣ ва дутарафа, шартномаҳо дар бораи расонидани кумаки ҳуқуқии тарафайн оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва истирдод (экстрадитсия), созишномаҳои байниидоравӣ, инчунин қонунгузории миллӣ, пеш аз ҳама, қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил медиҳанд» [155, с.26].

Қайд кардан зарур аст, ки омодасозии кадрҳо ва ҳамкории дуҷониба бо Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) аз соли 2013 инҷониб ба роҳ монда шудааст. Дар доираи ин созмони байналмилалӣ як қатор чорабиниҳо дар мавзуъҳои гуногун, бо иштироки бевоситаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баргузор карда шудааст. Масалн, соли 2013 бо кумаки молиявии «Дафтари САҲА дар Тоҷикистон» ва ташкилоти ҷамъиятии «Сотсиолог» дар мавзуи «Ҷинояткории латентӣ ва боварии шаҳрвандон ба милитсия»; соли 2014 бошад, «Афкори ҷомеа ва интизориҳои шаҳрвандон оид баислоҳоти милитсия» пурсишҳои сотсиологӣ гузаронида шуданд [140, с.35].

Барои тайёр кардани мутахассисоне, ки қобилияти гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ дар байни аҳолӣ доранд, Академияи Вазорати корҳои дохилӣ барномаи таълимии худро васеъ кард. Илова бар фанҳои ҳуқуқӣ, кормандони оянда ҳоло «Сотсиологияи идоракунӣ» (барои идоракунӣ) ва «Сотсиологияи умумӣ» (барои ҳамаи кормандони Вазорати корҳои дохилӣ) - ро меомӯзанд.

Дар асоси ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, махсусан дар самти омода намудани кадрҳои касбии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар дохил ва хориҷи кишвар чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Дар доираи созишномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ВКД Федератсияи Россия

дар солҳои 1993 - 1994 шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон пайдо намуданд, ки дар муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия таҳсил намоянд. Соли 1995, 123 шунавандагон ба таҳсил фаро гирифта шуда, як қатор кормандон дар шаҳри Москва дар дивизияи ба номи Ф.Э.Дзержинский аз курси такмил ва бозомӯзӣ гузаштанд [64, с.309].

Ҳамкории байналмилалӣ дар самти омодасозии кадрҳо асосан тавассути Академияи ВКД ба роҳ монда мешуд. Ин ҳамкорӣ бо созишномаҳои дуҷониба дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ амалӣ гардиданд. «Созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои дуҷониба байни Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Белорус, Академияи Кумитаи тафтишотии Федератсияи Россия, Донишгоҳи улуми интизомии «Амин»-и Неруи интизомии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Академияи ВКД ба номи Ш. Кабилбаеви дар шаҳри Кустанайи Ҷумҳурии Қазоқистон, Донишкадаи ВКД-и ш. Иркутск, Донишгоҳи ВКД-и ш. Краснодар, Донишгоҳи ҳуқуқшиносии ВКД -и шаҳри Уфа ба имзо расид [133, с.65].

Ҳамин тавр, давраи омӯзиш ва таҳқиқ нишон дод, дар солҳои Истиқлоли давлатӣ масъалаи рушди ҳамкориҳо бо муассисаҳои таълимии ВКД-и кишварҳои хориҷӣ ба сатҳи сифатан нав баромада, роҳбарияти ҷумҳурӣ ба он диққати махсус дода, тамоми имкониятҳои мавҷударо амалӣ намудааст. Президенти мамлакат аз зарурати омӯзиши илм ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир сухан ронда, таъкид намуданд, ки: «Рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа бе ривоҷи илму фарҳанг ва донишу технологияи пешрафти муосир ғайриимкон аст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон баръало нишон медиҳад: кишваре, ки ба рушди соҳаи илму маориф, бахусус, илмҳои техникӣ ва технологияҳои муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад, ба пешравию шукуфоӣ ноил мегардад» [125, с.107].

Кормандони Академияи ВКД дар чорабиниҳои Ассотсиатсияи муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии (Политсияи) давлатҳои аъзои ИДМ ширкати фаъол дошта, дар конфронсу семинарҳои илмии он вобаста ба омода намудани кадрҳои касбӣ ва анҷом додани корҳои илмӣ - тадқиқотӣ бо маърузаҳо суханронӣ намудаанд. Дар баробари амалӣ намудани дигар чорабиниҳои мақсаднок Ассотсиатсия як қатор чорабиниҳои варзиширо низ ба роҳ мондааст. Масалан, солҳои 2014-2017 46 намояндаи муассисаҳои таълимии давлатҳои аъзои ИДМ-ро ба мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ ҷалб намуданд. Моҳи майи соли 2010 дар Ҷумҳурии Тотористон масъалаи омодасозии кадрҳои милитсия дар доираи давлатҳои ИДМ дар Донишкадаи ҳуқуқии шаҳри Қазон баргузор гардид, ки чорабинии мазкур бори дигар робитаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимии кишварҳои ИДМ-ро тақвият дод. Дар ҳошияи машварати мазкур «намояндагон ва иштирокчиёни он як қатор масъалаҳои муҳимми омодасозии кадрҳо, тартиби қабули хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳамчунин, такмили ихтисоси онҳоро баррасӣ намуда, ба муассисаҳои таълимии ВКД ИДМ тавсияҳои муҳим пешниҳод намуданд» [141, с.5-9].

Дар доираи чунин ҳамкориҳо, 11-уми сентябри соли 2009 дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия роҳбарони муассисаҳои таълимии ВКД-и 6 кишвар: Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Арманистон, Белорус, Молдовия, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар самти омода намудани кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ Протоколи ҳамкорӣ имзо намуданд. Протоколи мазкур санаи 17-уми ноябри соли 2009 дар ҷаласаи роҳбарони Раёсати кадрҳои Вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ мувофиқа ва тасдиқ гардид. Ҳадафи Ассотсиатсияи мазкур кумак ба таҳкими ҳамкорӣ байни донишгоҳҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии кишварҳои узви ИДМ мебошад. Андешидани чораҳои

саривақтӣ мусоидат намуд, ки дар ин давра фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар Академияи ВКД ба таври назаррас рушд намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои 2000-2011 шумораи олимон, аз ҷумла, докторон ба 7 нафар ва номзадҳо ба 27 нафар расид. Инчунин, дар ин давра ҳайати профессорону омӯзгорон зиёда аз 900 корҳои илмӣ, илмӣ - амалӣ, таълимӣ, таълимӣ - методӣ омода ва нашр намуда, дар бештар аз 100 конференсия ва семинарҳои сатҳи гуногун, аз ҷумла байналмилалӣ иштирок ва суханронӣ намуданд. Солҳои 2011-2021 дар Академияи ВКД чанд рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба рушди фаъолияти илмӣ-тадқиқотии кормандони МКД мусоидат намуданд. Пеш аз ҳама, дар заминаи Академияи ВКД шуъбаи адъюнктура таъсис дода шуд. Дар пояи Академияи ВКД таъсис ёфтани шуъбаи адъюнктура рӯйдоди нави таърихӣ дар самти рушди илм мебошад. Шуъбаи адъюнктура дар баланд бардоштани мақоми илмии кормандони МКД саҳми назаррасро соҳиб мебошад.

Вазифаи муҳимми шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД рушд ва густариши робита бо кишварҳои хориҷ буда, «омӯзиш ва натиҷагирии таҷрибаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар дигар муассисаҳои олии таълимӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва дигар давлатҳо, коркарди пешниҳодҳои афзалиятнок вобаста ба такмили самтҳои асосии фаъолияти шуъба ва дурнамои инкишофи он мебошад» [55, с.17].

Кормандони шуъбаи адъюнктура дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва пеш аз ҳама, мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо МКД кишварҳои хориҷӣ мебошад. Айни ҳол, дар шуъбаи адъюнктура 10 нафар докторантон ва зиёда аз 90 нафар адъюнктону унвонҷӯён ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул мебошанд. Дар ин муддат аз ҳисоби докторантон 1 нафар тадқиқоти диссертатсионии докторӣ ва 5 нафар тадқиқоти диссертатсионии

номзадӣ дар дохили кишвар омода намуда, бо муваффақият ҳимоя намуданд.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд бо Федератсияи Россия, омода намудани мутахассисони илмӣ ва омӯзгории муассисаҳои таълимии ВКД рушду тавсеа ёфтааст. Ин ҳамкориҳо самарабахш буда, «аз соли 2003, омӯзгорони кафедраҳои мухталифи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар адъюнктураи муассисаҳои олии таълимии ВКД Федератсияи Россия сафарбар мешаванд» [55, с.136].

Шуъбаи адъюнктура ҷиҳати омодасозии кадрҳои илмӣ дар хориҷи кишвар саҳмгузор мебошад. Ба рушди корҳои илмӣ – тадқиқотии кормандони МКД ба тасвиб расидани «Қарори мушовараи якҷояи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Россия» боз ҳам мусоидат намуд. Дар қарори мазкур муҳиммияти ҳамкорӣ дар самти омодасозӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар замони таҳдиду хатарҳои нав дар ҷомеаи муосир, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, оромӣ ва бехатарии давлату минтақа зикр гардидааст. Дар бандҳои алоҳидаи қарор омадааст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ, анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад. Дар асоси бандҳои 1.2. қарори мушовараи якҷоя, барои таҳсили шунавандагони Тоҷикистон дар зинаи бакалавриат то 30 ҷой ва барои таҳсил дар адъюнктура то 10 ҷой ҷудо гардидааст. Дар асоси чораҳои андешидашудаи роҳбарияти Академияи ВКД дар солҳои 2011-2021 шумораи омӯзгорони унвондор дар Академияи ВКД ба 48 нафар расид. Аз ҷумла, 3 нафар докторони илм ва 45 нафар номзадони илм. Ҳамчунин, дар ин давра аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон зиёда аз 2000 корҳои илмӣ, илмӣ-амалӣ, таълимӣ, таълимӣ-методӣ нашр гардида, зиёда аз 400 конференсия, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва маҳфилҳои сатҳи гуногун ташкил ва баргузор гардидаанд. Омӯзгорони муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра барои таҳсил, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос ба муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар, аз қабили Федератсияи

Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Узбекистон, Белоруссия, Арманистон, Хорватия, Венгрия, Туркия, Олмон ва ИМА фиристода шуданд. «Боиси тазаккур аст, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимии ВКД ба шуъбаҳои адъюнктураи ВКД Федератсияи Россия ҷиҳати таҳсил сафарбар гардиданд. Масалан, соли 2014 5 нафар; соли 2015 3 нафар; соли 2016 6 нафар; соли 2017 1 нафар; соли 2018 2 нафар; соли 2019 2 нафар; соли 2020 5 нафар; соли 2021 2 нафар ва соли 2022 9 нафар» [130, с.77-78].

Шуъбаи адъюнктура шарикиро дар сатҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ мунтазам рушд ва тақвият медиҳад. Ин фаъолиятҳо барои баланд бардоштани салоҳияти касбии устодон ва кормандони шуъба равона карда шудаанд. Шарикони калидӣ дар ин ҳамкорӣ Вазорати маориф ва илм, Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии ҳуқуқӣ ва муассисаҳои таълимии махсуси Федератсияи Россия, бахусус Академияи идоракунии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия ва Донишгоҳи Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия мебошанд. Дар баробари раванди ташкили кори таълиму тарбия яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимии ВКД мутобиқат кунонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байнидавлатӣ, фаъолияти байналмилалӣ ва робитаи корӣ бо давлатҳои хориҷӣ ташкил медиҳад.

Зимни ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷии дуру наздик дар самти омодасозии кадрҳо густариш ёфт. Федератсияи Россия, ҳамчун шарики калидии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз аввалинҳо шуда бо Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, аз ҷумла Академияи он, ҳамкориҳои илмӣ ва педагогиро ба роҳ монд. «Россия яке аз бозингарони асосии минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар самти пешгирии хатарҳои муосир ва ҳифзи сарҳадҳои хориҷии ИДМ мақоми бориз дорад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатро бо Федератсияи Россия дар сатҳи шарикии

стратегӣ ба роҳ мондааст, ки яке аз омилҳои муассири суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва амниятӣ дар кишвар ва минтақа мебошад [178, с.3] [166, с.3].

Бинобар сабаби кам будани кадрҳои илмӣ-педагогӣ Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия барои тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ бо Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи дуҷонибаи корӣ имзо намуд.

Дар ҳамин асос омӯзгорони Академияи ВКД, ҳамчунин кормандони фаъоли МКД барои таҳсил ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ ба Академияи идоракунии Федератсияи Россия равона гардиданд. Дар Академияи идоракунии Федератсияи Россия асосан, мутахассисонро барои омода намудани зинаи роҳбарикунанда, омода менамоянд. «Дар назди Академия масъалаи тайёрии назариявӣ ва амалии шунавандагон хеле муҳим мебошад ва дар асоси стандарти давлатии таълим Академия мутахассисонро аз рӯи «Идоракунии маҳаллӣ ва мунитсипалӣ» омода месозад, ки дар оянда онҳо ҳамчун роҳбар МКД-ро дар асоси донишҳои андӯхтаи худ идора менамоянд» [49, с.16].

Илова бар Федератсияи Россия, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд кишварҳои дигари узви ИДМ, аз ҷумла: Қазоқистон, Белорусия шарикӣ барқарор кардааст.

«- Академия бо тартиби муқarrаргардида, дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор, ҳамкории байналмилалиро дар самти фаъолияти илмӣ ва таълимӣ амалӣ месозад;

- асоси ҳуқуқии амалисозии ҳамкориҳои байналмилалиро шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Академия бо тартиби муқарраргардида дар доираи худ дар самти муносибатҳои байналмилалӣ корҳои зеринро амалӣ месозад:

- дар мувофиқа бо муассис, бо намояндагони хориҷӣ ҳуҷҷатҳоро дар самти тайёр кардани кадрҳо, гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва ғайра ба имзо мерасонад;

- намояндагон ва шаҳрвандони хориҷиро қабул мекунад;

- сардори Академия бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Академия ташриф овардани намояндагон ва шаҳрвандони хориҷӣ қарор қабул менамояд;

- Академия сафари кормандонро берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ташкил менамояд;

- Академия ҳуқуқ дорад дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, ки бо салоҳияти муассис ба имзо расидаанд, тайёр кардани мутахассисони хориҷӣ ва таҷрибаомӯзиро оид ба ҳамаи самтҳои мавҷуда амалӣ намояд» [18].

Дар доираи ҳамкориҳои судманд миёни мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои аъзои ИДМ як қатор озмунҳо баргузор мегарданд, ки дар он кормандони Академияи ВКД фаъолона ширкат меварзанд. Масалан, дар озмуни байналмилалӣ оид ба «Нашрияи беҳтарини муассисаҳои олии таҳсилот дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ», ки моҳи декабри соли 2016, дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, дар номинатсияи «Нашрияи беҳтарин бахшида ба масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» монографияи генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. бо номи «Оперативно-розыскная деятельность: история и современность», Душанбе: «ЭР-граф», мақоми аввалро соҳиб гашт. Гузашта аз ин, аз 15-уми май то 15-уми октябри соли 2018 дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия озмуни байналмилалии «Китоби илмӣ» баргузор гардид. Дар озмуни мазкур 16 муассисаҳои таълимии ВКД Россия, бахши Донишгоҳии прокуратураи Россия дар шаҳри Иркутск, инчунин 8 намояндаи академияҳои ВКД ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Беларус, Донишкадаи ВКД Ҷумҳурии Беларус дар шаҳри Могилев иштирок намуданд. Дар номинатсияи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва криминалистика» таҳқиқоти монографии сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

н.и.ҳ., дотсент Р.Р. Юлдошев ва профессори Донишгоҳи прокуратураи Россия дар шаҳри Иркутск д.и.ҳ., профессор Е.В. Рогова дар мавзуи «Уголовный проступок в контексте современных тенденций уголовной политики» ҷойи дувумро ишғол намуда, бо супоридани дипломи дараҷаи II сазовор дониста шудаанд.

Дигар монография ва нашрияи илмии ҳайати муаллифони Академияи ВКД дар мавзуи «Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела: проблемы и перспективы» ва «Преступность в Таджикистане (1991-2016 гг.)» низ соҳиби ҷоиза шуданд. Донишмандони Академия дар озмуни байналмилалии «Китоби илмӣ» иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд. Инчунин, бояд тазаккур дод, ки аз 15-уми май то 15-уми декабри соли 2020 дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия озмуни байналмилалии «Научная книга» баргузор гардид. Дар кори озмун 11 номгӯйи корҳои илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ карда шуданд. Дар байни 50 муассисаҳои илмӣ ва таълимии ИДМ ва 147 корҳои илмии пешниҳодгардида, монографияи Шарифзода Ф.Р. ва н.и.ҳ., дотсенти кафедраи Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия Улянов А. Д. дар номинатсияи «Совершенствование деятельности органов внутренних дел» соҳиби ҷойи аввал ва монографияи Шарифзода Ф.Р. соҳиби ҷойи сеюм гардид. Инчунин, монографияи ҳайати профессорони Академия, н.и.ҳ., дотсент, Раҳматҷонзода Р.Р., н.и.ҳ. Абдурашидзода А.А., н.и.ҳ. Музаффаров С.З. ва унвонҷӯ Раҷабзода Ҷ.И. «Преступность. Наказуемость. Судимость» дар номинатсияи «Общие вопросы уголовного и уголовно-исполнительного права» иштирок намуда, соҳиби ҷойи дуюм, монографияи н.и.ҳ. Бухоризода Б.Р. «Уголовная ответственность за торговлю людьми в Республике Таджикистан» дар номинатсияи «Актуальные проблемы особенной части уголовного права» иштирок намуда, соҳиби ҷойи сеюм гардид.

Дар ин солҳо дар ҳамкорӣ бо Институти Даниягӣ оид ба Ҳуқуқи инсон ва бюрои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳуқуқи инсон Консепсияи рушди таҳсилоти Академияи ВКД (феврал-июни соли 2017) омода гардид. ВКД дар доираи созишномаҳои ба имзорасида бо ҳамкасбони хориҷии худ, як қатор чорабиниҳо гузаронидаанд. Аз ҷумла:

- гуфтугӯҳои дуҷониба оид ба бастани Протоколи ҳамкории эҷодӣ бо Институти умумироссиягии такмили ихтисоси кормандони ВКД (июн - сентябри соли 2007);

- оғози ҳамкориҳои судманд бо САҲА ҷиҳати беҳтар гардидани заминаи моддию техникии Академия;

- тренинг дар гурӯҳҳои таълимии курси 3-юми факултети №2 дар мавзуи «Зӯроварӣ дар оила» (19-23 майи соли 2008) бо мусоидати Раёсати Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC);

- Протоколи ҳамкории эҷодӣ бо Академияи ВКД-и Қирғизистон ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 27 майи соли 2008 ба имзо расид;

- гузароидани семинарҳо дар мавзуи «Закон о религия на юге Таджикистана», моҳҳои сентябр-декабри соли 2008 дар якҷоягӣ бо созмони САҲА ва ташкилоти ҷамъиятии «Бунёдкор»;

- тренинг бо гурӯҳҳои таълимии курси 3-юми факултети №2 дар мавзуи «Снижение домашнего насилия в отношении женщин», 3-10-уми ноябри соли 2008 дар якҷоягӣ бо лоиҳаи Раёсати ҳамкорӣ ва кооператсияи Швейтсария;

- ташкил ва гузаронидани вохӯриҳои Комитети банақшагирии стратегии Академия бо намояндаи ICITFP- ИМА.

«Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» амалҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи миёнамуҳлат, инъикос менамояд. Стратегия аз ҷониби коршиносони миллӣ дар ҳамкории мутақобила бо Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар асоси баҳодиҳии муштараки эҳтиёҷоти ВКД Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки аз ҷониби гурӯҳи баҳодиҳии САҲА дар соли 2008 гузаронида шуда буд, инчунин Ёддошти тафоҳуми байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА таҳия гардид. Стратегия ба муайянсозии ҳадафҳо, афзалият ва тадбирҳои ҷиҳати ислоҳот ва рушди милитсия амалигардонии онҳо барои ҳалли вазифаҳои муҳим мусоидат менамояд.

Ташаккул ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ бо муассисаҳои таълимии мақомотҳо ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва анҷом додани корҳои илмии кормандони МКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо дорад. Дар ҳамин асос, дар назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Вазири корҳои дохилӣ таҳти №0158 б/з, аз 13-уми ноябри соли 2014) «Дар бораи ташкили шуъбаи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ» [19] зарурияти ташкили шуъбаи мазкур (баъдан он шуъбаи адъюнктура ном гирифт), дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ аз рӯйи ихтисоси «Илмҳои ҳуқуқшиносӣ» равона гардида буд. Ин ташаббус аз ҷониби Вазири корҳои дохилӣ Раҳимзода Р.Ҳ. дастгирӣ ёфта, амалӣ гашт. Инро ба инобат гирифта, дар заминаи Академияи ВКД боз як маркази тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ на танҳо барои кормандони МКД, балки барои дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ таъсис дода шуд. «Дар давоми фаъолияти 10-солаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии вазири корҳои дохилӣ ва роҳбарияти Академияи ВКД як қатор тадбирҳои мушаххаси илмӣ-педагогӣ андешида шуданд. Аз ҷумла, 36 нафар кормандон ва омӯзгорони Академия ва сохторҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаҳои илмии худро бомуваффақият ҳимоя намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон занону бонувони МКД мебошанд. Ин иқдом дар асоси дастуру супоришҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа роҳандозӣ гардид» [55, с.59]. Вобаста ба ин: «…робитаҳои илмии Академия бо

кишварҳои хориҷии дур ва наздик ривоҷ ёфт. Ҳамзамон, ба кори илмӣ кулли омӯзгорони Академия ҷалб гардида, дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ вобаста ба риштаҳои гуногун маърузаҳои илмӣ пешниҳод менамоянд» [36, с.71].

Хамчунин, Академияи ВКД бо донишкадаю донишгоҳҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии зерин робитаҳои корӣ барқарор намудааст: Академияи идоракунии ВКД Россия (ш. Москва), Донишгоҳи Умумироссиягии такмили ихтисоси кормандони ВКД (ш. Домодедово, Россия), Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Қирғизистон, Донишкадаи ВКД дар шаҳри Воронежи Россия, Академияи политсияи молияи Ҷумҳурии Қазоқистон, Академияи миллии политсияи Туркия дар шаҳри Анқара, Донишгоҳи ВКД дар шаҳри Санкт-Петербург, Донишгоҳи такмили ихтисоси кормандони Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Белорус, Академияи кумитаи тафтишотии Россия, Фонди Ханнс Зайдели Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрикоӣ дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ), Сафоратхонаи ИМА дар Тоҷикистон, Шуъбаи назорати Департаменти ИМА (Сафоратхонаи ИМА дар Тоҷикистон), Сафоратхонаи Ҷумҳурии халқии Хитой, Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират дар Тоҷикистон (МОМ), Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон (ПРООН), Барномаи САҲА дар Тоҷикистон ва ғайраҳо.

Дар доираи ҳамкорӣ бо САҲА ёддошти тафоҳум аз 8-уми апрели соли 2011 ба имзо расонида шуд. Дар асоси моддаи 1-и ин Ёддошт бо хоҳиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бюро оид ба инкишоф ва ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи машваратӣ мусоидат менамояд [21, с.7].

Аз моҳи апрел то июни соли 2020 дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ бо Донишкадаи ВКД Россия дар шаҳри Уфа тариқи онлайн семинари байналмилалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои таҳсилоти касбӣ: таҷриба ва роҳҳои ҳалли он», бо Созмони ҷамъиятии «Дӯстони

Россия» бахшида ба 75-солагии Ғалаба, бо Донишкадаи Сибирии ҳуқуқшиносии ВКД Россия мизи мудаввари байналмилалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии нашъаҷаллобӣ» ва чандин чорабиниҳои дигари байналмилалии таълимӣ бо ташаббуси шуъбаи ташкили илмӣ, табъу нашр ва кафедраҳои Академия гузаронида шудаанд. Дар доираи роҳандозӣ кардани робитаҳои хориҷӣ бо ҳамкасбони хориҷии худ ба сифати таълиму тадқиқотҳои илмӣ-методӣ ва дурнамои рушди он таъсири мусбӣ расонидааст.

Дар ҳамбастагӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бюрои САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти милитсия то соли 2025 ба назар гирифта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқ дар мадди аввал гузошта шавад. Дар ин замина А. Ш. Раҳмонзода қайд намудааст, ки: «Яке аз вазифаҳои сиёсат вазифаи гуманитарӣ буда, он асоси таъмини кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳи ҳамватанӣ, васеъ гаштани доираи муносибати байни халқҳо ва табиатро ташкил медиҳад» [99, с.17].

Тибқи нақша-чорабиниҳои асосии Созмони ҳамкории Шанхай барои соли 2015, 3-6-уми июни соли 2015 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии вазирони корҳои дохилӣ ва амнияти ҷамъиятии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид. Дар доираи чорабинии мазкур 5-уми июни ҳамон сол ҷаласаи вазирони корҳои дохилӣ ва амнияти ҷамъиятии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай ва 6-уми июн машқҳои муштараки тактикии зиддитеррористии воҳидҳои махсуси ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шароити кӯҳӣ баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ вазирони корҳои дохилӣ ва амнияти ҷамъиятии аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (Қазоқистон, Қирғизистон, Хитой, Россия, Тоҷикистон, Узбекистон), инчунин намояндагони давлатҳои

нозир (Афғонистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Белорусия, Туркия) ва шарикони муколамаи Созмони ҳамкории Шанхай иштирок намуданд.

Санаи 28-уми ноябри соли 2017 дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии расмии Майк Машл-атташе оид ба масъалаҳои ҳуқуқии Департаменти адлияи ИМА, Ҷеймс Берг-мушовир оид ба масъалаҳои адлияи Сафоратхонаи ИМА дар шаҳри Душанбе, Девид Рубино-роҳбари Филиали Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико, Барномаи Волоияти Қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Мақсади вохӯриҳо муҳокимаи натиҷаи сафари кории омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пойтахти ИМА (шаҳри Вашингтон) ва Округи Колумбия иборат буд.

Хулоса, МКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳқиқ бо як қатор муассисаҳои таълимии ВКД-и хориҷи кишвар, хусусан Россия, ҶМЧ, кишварҳои аъзои ИДМ, як қатор кишварҳои Аврупо, ИМА, Эрон, Афғонистон ва дигар созмонҳои бузург дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисоси мақомоти корҳои дохила ҳамкорӣ намуда, чандин созишнома, шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидаанд. Инчунин, дар самти пешбурди мубориза бо ҷинояткорон, таҳқиқи масоили гуногуни марбут ба самти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар паҳлуҳои мавзуи мазкур бо кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, ҷиҳати омода намудани кадрҳои баландихтисос даҳҳо маротиба кормандони МКД ба дигар кишварҳо сафар намуданд.

## ХУЛОСА

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тавр, аз таҳлили мавзуи мазкур маълум карда шуд, ки таъсис ва ташаккули муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2024) барои ҷомеаи муосири тоҷик ҳамаҷиҳата муфид ва пандомӯз аст. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ислоҳоти соҳаи милитсия гузаронида шуд, ки ба рушду такомули муассисаҳои таълимии ВКД заминаи мусоид фароҳам овард. Раванди зикргардида дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла Академияи ВКД, Коллеҷи милитсия, Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД, Маркази таълимии ВКД, Маркази илмӣ-тадқиқотии ВКД ва дигар марказҳои таълимии воҳидҳои сохтории ВКД амалӣ гардида, низоми таълиму тарбия, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, омода кардани мутахассисони касбии баландихтисоси МКД, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллаливу минтақавӣ ба сатҳу сифати нав баромад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки нақши муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафти низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муассир арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Вазорати корҳои дохилӣ баҳри омода намудани кадрҳои мувофиқ ба замони муосири МКД тамоми чораҳои зарӯриро меандешад. Ҳамин, зарурият ба миён омада буд, ки дар солҳои Истиқлоли давлатӣ дар зиминаи Мактаби душанбегии милитсия, ки солҳои 70-уми асри гузашта таъсис дода шуда буд, Мактаби Олии ВКД таъсис дода шуд. Бо пешрафти ҷомеа ва ворид шудани Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисони касбии МКД боз ҳам бештар гардид. Инро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Мактаби Олии ВКД-ро ба Академияи ВКД табдил дода, давра ба давра

шумораи факултетҳо, ҳайати кадрии профессорону омӯзгоронро аз ҳисоби собиқадорони ВКД вобаста ба талаботи замон зиёд намуд.

Дар шароити кунунӣ нақши муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллии кормандони МКД мусоидат намудааст, чунки, агар шахс аз таърих ва гузаштаи ниёгони худ огаҳӣ надошта бошад, дар руҳи он худшиносии миллӣ ташаккул ёфтан ғайриимкон аст.

Фаъолияти кормандони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сарбории зиёдатӣ ва шиддати психологӣ вобаста буда, барои мутахассисони ояндаи МКД фаро гирифтани донишҳои педагогӣ ва психологӣ, фарҳанги касбӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, муошировати касбӣ бо шаҳрвандон зарур мебошад. Аз ин рӯ, дар заминаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти кушодани кафедраи умумиакадемиявии «Педагогика ва психологияи Мактаби Олии ВКД» ба миён омадааст.

Дар рафти таҳқиқи мавзуъ муайян гардид, ки солҳои охир кормандони самти тафтишотӣ дар ошкорсозии ҷиноятҳо бо изи гарм ба душвориҳои зиёди касбӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Дар ин замина, вобаста ба тараққиёт ва пешрафти илму техника ва технологияи муосир ошкорсозии ҷиноятҳои гуногун, махсусан дар самти экстремизму терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ, кор бо дастгоҳҳои махсуси криминалистӣ зарурияти кушодашавии факултаи навро тақозо менамояд.

Таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки бинобар дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузариш ба стандарти байналмилалии таълим, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадам ва рӯ ба инкишоф зарурияти ташкили факултети алоҳидаи Омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва такмили ихтисосро тақозо менамояд.

Таъкид ба ёдоварист, ки кормандони милитсия, дар бештар ҳолатҳои корӣ бо шахсиятҳои гуногун суҳбатҳо ва пурсишҳо анҷом медиҳанд, ки метавонад ба вазъи руҳӣ ва психологии онҳо таъсир расонад. Дар ин асос кушодашавии марказҳои омӯзишии руҳӣ ва психологӣ дар заминаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки солҳои охир таъсири расонаҳои хориҷии давлатҳои дуру наздик ба мафкураи табақаи осебпазири ҷомеа, ноболиғону ҷавонон афзуда истодааст, ки ҳолати баамаломада боиси нигаронӣ мебошад. Умуман, дараҷаи маърифати шаҳрвандон ва сабабу омилҳои даст задан ба ҷиноятҳои гуногун ва ҳуқуқвайронкунӣ тадқиқотҳои сотсиологиро талаб мекунад. Чун таҷрибаи муосири дигар давлатҳои пешқадам барои пешгирии ҷиноятқорӣ таъсиси созмонҳо ва марказҳои гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ шарт ва амри зарурӣ маҳсуб меёбад.

Мақсад ва ҳадафи кормандони МКД ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ мубоpизаи беамон ба муқобили ҳама гуна шаклҳои ҷиноятқорӣ мебошад. Барои амалӣ намудани мақсаду ҳадафҳои дар назди МКД гузошташуда, ҳамоҳангии тамоми қишрҳои ҷомеа бо кормандон МКД зарур ва саривақтӣ буда, дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо таъсиргузор мебошад. Дар ин самт дастурҳои Сарвари давлат боиси дастгирӣ буда, таъсиси Бунёди Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти МҲҲ бо шаҳрвандон дар шароити муосир мувофиқи мақсад мебошад.

Мақсади асосии таъсиси Коллеҷи милитсия тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр намудани мутахассисон барои ҳифзи давлат ва сохтори конститутсионӣ дар ҳолатҳои бадшавии вазъи оперативӣ ва криминогенӣ мебошад. Хатмкунандагони Коллеҷи мазкур бояд гурӯҳҳои ҷиноятқории муташаккилро фавран дастгир ва безарар карда тавонанд. Барои сайқал додани фаъолияти амалӣ дар чунин шароити эҳтимолӣ

онҳо бояд ҳатман касбияти худро дар қароргоҳҳои амалкунанда такмил дода, мукаммал намоянд.

